**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ:** 34(575.3)+342.4+342.52+39+343.2

**ТКБ:** 67.99(2тоҷик) 01+67.400.7+63.5(2)+67.400.1

**С** – 20

**САИДАНВАРЗОДА ҚУРБОНАЛӢ ҶОНИБЕК**

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ГУРЕЗАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ аз рӯйи ихтиссоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

профессор Зоир Ҷ.М.

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**…..................3
**МУҚАДДИМА**………………………………………......………….....4-20
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАҚОМИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ГУРЕЗАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..........................................................................................21-57
1.1. Мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………………......……………......…21-35
1.2. Принсип ва унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсонии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................35-57
**БОБИ 2. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА РАСМИЁТИ ҲУҚУҚИИ МУАЙЯНСОЗИИ МАҚОМИ ГУРЕЗА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..........................................................................................58-109
2.1. Танзими вазъи ҳуқуқии гуреза тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ.......................................................................58-80
2.2. Расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза ва тартиби гирифтани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..............................................................80-109
**БОБИ 3. МАСОИЛҲОИ ТАТБИҚИ МАҚОМИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ГУРЕЗАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..............................110-161
3.1. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.........110-135
3.2. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................…..................135-161
**ХУЛОСА**..........................................................................................162-168
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........................................................................................169-172
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................173-199
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........................................................................................200-204

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҚК ҶТ** – Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҲМ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КО ҶТ** – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**МАҲА** – Машварати Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**АШОҶТ** – Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СММ** – Созмони Миллали Муттаҳид

**САҲА** – Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

**ЭУҲБ** – Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

**ПБҲИШ** – Паймонаи байналхалқи оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ

**ВКД** – Вазорати корҳои дохилӣ

**ХВКД** – Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД

**ВАО** – Воситаҳои ахбори омма

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**б.** – банд

**с.** – саҳифа

**с.** – сол

**ғ.** – ғайра

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мувоҷеҳ гардид. Бар асари даргириҳои дохилии ба миён омада ҳазорон шаҳрванди кишвар ноилоҷ аз Тоҷикистон фирор намуда, дар мамолики дигар паноҳ ҷӯстуҷӯ карданд [77, с. 6]. Дар ин ҳолат ҳадафи аввалини ҳукумати кишварамон дар баробари дигар масъалаҳои ба миён омада, ҳал намудани мушкилоти гурезаҳо ба шумор мерафт.

Ҳолати фоҷиабори гурезаҳо ва талаботи рӯзафзуни ҷомеаро ба назар гирифта, барои ҳалли ин масъала зарурияти қабули қонуни соҳавӣ дар муайян намудани мақоми ҳуқуқии гурезаҳо ба миён омад.Бо сабаби ҷанги шаҳрвандие, ки дар кишварамон сар зад, Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур шуд, ки қонунгузории худро аз нав қабул намояд [130, с. 38-39].

Чун ин замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт таҷрибаи миллӣ надошт, аз ин хотир барои ҳалли мушкилот тартиботи ҷомеаи ҷаҳониро ба инобат гирифта 21 июли соли 1994 Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳоро аз 28 июли 1951 ва Протокол марбут ба мақоми гурезаро аз соли 1967 ба тасвиб расонид.

Дар таърихи кишвардории навини Тоҷикистон, се қонун «Дар бораи гурезаҳо» (солҳои 25 ноябри соли 1992; 20 июли соли 1994; 10 маи соли 2002.) қабул шуд, ки ҳар яке дар бахши муқаррару танзим кардани мақоми гурезаҳо дар марҳаллаҳои муайяни таърихи кишвар нақши муҳим доштанд. Дар миён Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 дар марҳилаи кунунӣ дар муқарраркунии сиёсати кишвар дар бахши гуреза ва танзими ҳуқуқии мақоми онҳо нақши асосиро ишғол менамояд.

Рушду инкишофи мақоми конститсионӣ-ҳуқуқии гурезаҳо бо қабули Конститутсияи ҶТ рабт дорад. Лозим ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахусти Истиқлолияти давлатӣ низоми қонунгузории хешро ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар хусуси кафолати вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд новобаста аз миллат,

нажод, ҷинс, забон, моликият, ақидаҳои сиёсӣ мутобиқ сохта, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ эълон намудаст.

Бо назардошти ҳамин тибқи банди 2, м. 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ аз ҳуқуқу озодиҳои эълонгардида истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони ҶТ вазифа ва масъулияти доранд. Тибқи арзёбии Зариф Ализода моҳияти арзиши олӣ будани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ талаб менамояд, ки ин арзиш воло бошад [136, с. 27]. Пасон дар ин раванд, дар ин самт санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи замон мувофиқу мутобиқ қабул карда шуд.

Зимнан, муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ замина ё кафолати мутобиқшавии низоми ҳуқуқи миллӣ мебошад [119, с. 81-82]. Аз ин нуқтаи назар заминаи ҳуқуқии қабули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гурезаҳо маҳз меъёрҳои Ковенсияи дар бораи мақоми гурезаҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамуда маҳсуб меёбанд. Мутаносибан, ҶТ бо рушду инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт қонунгузории худро пайваста такмил додааст. Ҳамин тариқ, ба даст овардани истиқлолият ва эътирофи он аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масъалаҳоро дар танзими вазъи ҳуқуқии гурезагон гузошт, ки хеле муҳим буданд [163, с. 51-60].

Ҳамин тавр, вазифаҳои дар назди ҶТ гузошташуда, минбаъда ба воситаи маҷмуи меъёрҳои махсуси қонунгузорӣ, ки дар танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо мусоидат менамояд қабул ва дар амал тадбиқ гардид.

Аҳаммияти мубрами ин масъала дар замони ҳозира ба таври чашмрас меафзояд. Зеро мо дар замоне умр ба сар мебарем, ки авзои сиёсии ҷаҳон пуршиддат, ноустувору ноором боқӣ мемонад. Яке аз мушкилоти асосӣ дар ин самт ҳаммарз будани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон аст, ки дар он ҷо солҳои тӯлонӣ авзои ноустувор идома дорад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 21 декабри соли 2023 иброз доштанд, ки вазъияти Афғонистон ба амният ва

суботу оромии минтақаи Осиёи Марказй,аз ҷумла ба Тоҷикистон таъсири бевосита дорад [207]. Зеро маҳз авзои ноороми сиёсӣ дар кишвари ҳамҷавори Тоҷикистон Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сабаби фирори оммавии шаҳрвандони ин кишвар гардид. Дар натиҷа як гурӯҳи шаҳрвандон тарки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон намуда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон паноҳ оварданд. Ҳалли мушкилоти гурезаҳо дар Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат буда, ҷустуҷӯи воситаҳои таъсирбахши ҳифзи ин қишри хеле осебпазири ҷомеа ва расонидани кӯмак ба онҳо идома дорад.

Тайи солҳои охир шумораи гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзуда истодааст. Тибқи маълумоти расмии дастрас аз моҳи июли соли 2024 шумораи умумии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тартиб ба қайд гирифта шудаанд: гурезаҳо 8259, шахсони паноҳҷӯянда 2122, шахсони бешаҳрвандӣ 3629. Аз ин шумора 80%-ро шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломи Афғонистон ташкил медиҳанд [213].

Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя ва амали гардонидани принсипҳои вобаста ба гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯро ба зимма дорад ва ҷиҳати беҳтарсозии мақоми ҳуқуқии гурезаҳо дар қонунгузории миллӣ тадбирҳои судманд меандешад.

Аз ин ҷо масоили вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар илми ҳуқуқшиносии муосири ватанӣ аз ҷониби олимон ба таври маҷмуан ва дахлдор таҳқиқ нашудааст, балки раванд ва паҳлӯҳои алоҳидаи он дар сарчашмаҳои мухталифи илмӣ, бештар ба тариқи назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Ҳарчанд ки мақоми ҳуқуқии гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда дар қонунгузории ҶТ муқаррар шуда бошад ҳам, вале таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва номукаммали қонунгузорӣ зарурати баланд бардошти самаранокии танзими ҳуқуқиро тақозо менамояд. Набудани ҳамоҳангсозӣ ва ихтилофи ҳуқуқӣ байни санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳавӣ

ва механизми амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳои гурезаҳо барои ба таври бояду шояд танзим намудани онҳо монеа эҷод менамояд.Ҳолатҳои зикргардида аз нигоҳи талаботи илми ҳуқуқшиносии муосири кишвар шаҳодат ба мубрам ва асоснок будани мавзӯи таҳқиқи диссертатсиониро ташкил медиҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Рисола ба омӯзиши вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо, инчунин механизмҳои татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо бахшида шудааст. Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаҳои умумии вазъи ҳуқуқӣ- конститутсионии гурезаҳо, аз тарафи олимони ватанӣ, ба монанди З. Ализода [60, с. 79-80], А.М. Диноршоев, Б.А. Сафаров ва Д.С. Сафаров [78], А.И. Имомов [84, с. 122-123], Х.Р. Қодирқулов [92], Ф.А. Маҳмадшоев [103], Ҷ.З. Маҷидзода [102], Ш.М. Менглиев [107], Э.С. Насриддинзода [110], Х.О. Ойёв [111, с. 51-82], Д.А. Олимзода [112], М.Н. Раҷабов [116], И.Ҳ. Саидзода [125], С.М. Салоҳидинова [77], Ф.Т. Тоҳиров [173, с. 27], А.Ғ. Холиқов [130], Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) [120, с. 28] ва дигарон мавриди таҳлил ва баррасӣ гирифтааст.

Ба таҳқиқи масъалаи мазкур бештар асарҳои илмӣ-назариявӣ бахшида шуда, дар аксари ҳолат ба тавсифи ҷанбаҳои алоҳидаи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон муроҷиат мешавад. Метавон ба ин ҷумла асарҳои олимони варзидаи ватанӣ У.А. Азиззода [59], С.Ю. Алимов [63], Б.С. Гадоев [68], З.Ҳ. Искандаров [87], Ш.Ҳ. Камолов [88], У.К. Муминов [148], М.З. Раҳимов [103, с. 86], Д.С. Раҳмон [79], И.И. Саидов [196], М.С. Сулаймонзода [123], Ш.Т. Тағойназаров [172, с. 18] ва дигаронро дохил кард.

Бояд зикр намуд, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо олимони ҳуқуқшиноси хориҷиро низ бетараф нагузоштааст. Яъне ин мушкилот хосияти байналмилалӣ дорад ва як зумра донишмандон, аз қабили С.А. Авакьян [58], А.А. Аванесова [175, с. 18], Л.А. Васильева [66, с. 54], Г.С. Гудвин Гилл [72, с. 351], Ч.И. Джакубова [73,

с. 66], А.И. Коваленко [91, с. 41], Е.И. Козлова [94, с. 152], В.М. Корельский [113, с. 265], И.И. Лукашук [101, с. 17], В.И. Потапов [115, с. 10-11], Дж.С. Хэтэуэй [74, с. 211] ва дигарон нуктаи назари ҷиддӣ ва мутобиқ ба авзои замон баён намудаанд. Шиддати авзои сиёсии ҷаҳон ва ноороми дар минтақаҳои гуногуни Ғарбу Шарқ мушкилоти гурезаҳо ва ҳимояи ҳуқуқи онҳоро аз масъалаи рӯзмарра мегардонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 – «Масъалаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили қонунгузорӣ» омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади татқиқоти диссертсионӣ** пажуҳиши назариявӣ-ҳуқуқии ташакулёбии падидаи гуреза ва таҳқиқи конститутсионӣ, таҳлили нуктаҳои назари илмӣ, муқаррароти қонунгузории миллӣ, амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии самти мазкур, инчунин, арзёбии илмии хусусият, унсур, принсипҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо ва хулосаҳои илмии назарявӣ ва амалӣ ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузорӣ мебошад.

**Вазифаҳои асосии таҳқиқот.** Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқоти мазкур иҷроиши вазифаҳои зерин пешбини шудааст:

– омӯзиш ва таҳлили марҳилаҳои инкишофи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ оид ба вазъи ҳуқуқии гурезаҳо;

– муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои вазъи конститутсиони-ҳуқуқии гуреза;

– ошкор намудани принсип ва унсурҳои вазъи ҳуқуқи - конститутсионии гурезаҳо;

– муайян намудани марҳилаҳои додани мақоми гуреза тибқи қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– муайян намудани низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар таъмини ҳимояи манфиатҳои гурезаҳо;

– таҳлил ва баррасии фаъолияти мақомоти судӣ ва маъмурӣ доир ба механизми ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо;

– баррасӣ ва таснифи доираи ҳуқуқу озодӣ, уҳдадориҳо, шаклҳои ҳимоя ва ҷавобгари барои вайронкардани онҳо.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиони низоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар соҳаи танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ оид ба вазъи ҳуқуқӣ, унсурҳои муайнкунӣ, таъмини принсипҳои ҳимоя ва маҳрум кардан аз мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи(предмети) таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқотро маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва соҳавӣ оид ба танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо ва мушкилоти асосие, ки ҳангоми татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (давраи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоӣ, тасвиб ва муҳокимаро дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ сипарӣ намудааст. Макони таҳқиқот кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ маҳсуб меѐбад. Ҷанбаҳои таърихии диссертатсия дар давраҳои таҳқиқот инъикос шуда, дар марҳилаҳои муайян омода гардидааст. Дар ибтидо ҷанбаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии мувофиқа бо санадҳои байналмилалӣ таҳқиқ шудааст. Баъдан, масъалаи принсип ва унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқӣ- конститутсонии гурезаҳо, расмиёти ҳуқуқии муайянкунии гуреза, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо, ки аз вазъи ҳуқуқии он бармеоянд, инчунин масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва масъулият барои вайрон кардани онҳо таҳлил шуданд. Ҳамзамон, дар ин давра вобаста ба таҳқиқоти анҷомдода, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд. Марҳилаи анҷоми таҳқиқот соли 2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии рисолаи илмиро таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ба таври умумӣ вазъи ҳуқуқии гурезаҳоро фаро мегиранд.

Дар ҷараёни омодасозии рисолаи илмӣ таваҷҷӯҳ ба осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ аз қабили С.А. Авакян, А.А. Аванесова, З. Ализода, Т.А. Василев, Б.С. Гадоев, Г.С. Гудвин-Гилл, А.М. Диноршоев, А.И. Имомов, Е.И. Козлова, Х.Р. Қодирқулов, Ш.М. Менглиев, Э.С. Насриддинзода, В.И. Потапов, М.Н. Раҷабов, С.М. Салоҳидинова, Б.А. Сафаров, Д.Р. Сафаров, Д.С. Сафаров, Ф.С. Сулаймонов, Ш.Т. Тағойназаров, Дж.С. Хэтэуэй, Р.Ш. Шарофзода, Д.Х. Элназаров ва дигарон дода мешавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди анҷом додани таҳқиқот аз усулҳои умумиилмӣ, ба монанди усули диалектикӣ, таҳлили низомнок ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усули таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ, мавриди корбаст қарор дода шудаанд. Навоварии илмии татқиқоти диссертатсионӣ дар муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар он зоҳир мешавад, ки яке аз аввалин тахқиқотҳо дар илми ҳуқуқи ватанӣ дар доираи таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи ҳуқуқӣ – конститутсионии гурезагон мебошад. Дар ҷараёни пажуҳиш муаллиф нуқтаи назари худро оид ба роҳҳои ҳалли мушкилоти татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои гурезаҳо пешниҳод кардааст.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқот дар истифода ва таҳлили сарчашмаҳои зиёди ватанӣ ва хориҷӣ – таҳқиқотҳои монографӣ, корҳои таълимӣ ва илмӣ, таҳлили матбуоти даврӣ, ақидаҳои олимони ҳуқуқшинос, ақидаҳои мутахассисон дар соҳаи танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо зоҳир мегардад. Инчунин, асоси таҷзия ва таҳлилҳоро Конститутсия, созишномаҳои байнидавлатӣ, қонунҳои ҷорӣ дар бахши гуреза, санадҳои судӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода мегардад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур яке аз аввалин корҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки ба таҳлили хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар ҶТ бахшида шудааст. Дар доираи ин рисолаи илмӣ пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ барои такмили қонунгузорӣ дар ҳаллӣ мушкилоти гурезаҳо дар ҶТ таҳия шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муаллиф зимни анҷоми таҳқиқоти илмии худ чунин нуқтаҳоро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳуми гуреза ҳачун институти алоҳидаи ҳуқуқи конститутсионӣ муайян шудааст ва он аз маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки доираи шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандро, ки бинобар сабаби таъқиби комилан асоснок аз рӯйи аломатҳои нажод, миллат, дин, забон, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ, ақидаҳои сиёсӣ, ё мавҷуд будани хавфи воқеи дучор шудани таъқибот дар натиҷаи зӯроварии нисбати ӯ ё аъзои оилаиаш, ки боиси тарк намудани давлати шаҳрвандии ҳуқуқи дорад ё ҷойи истиқомати пештараи ӯ гардидааст, минбаъда аз ҳимояи давлати асли ё ҷойи истиқомати пештараи худ даст кашидааст, ва дар минбаъд дар асоси муроҷиат мақоми гурезаро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷкистон ба даст овардааст.

2. Дар зери мафҳуми вазъи конститутсиони-ҳуқуқии гурезаҳо маҷмӯи ҳуқуқу озодӣ, уҳдадорӣ ва кафолатҳое мебошад, ки ба гурезаҳо тибқи Конститутсия, санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳавӣ ва санадҳои эътирофнамудаи ҳуқуқии байналмилалӣ пешниҳод шудааст, ба даст овардаанд. Дар ин самт, маҳз арзиши олӣ эътироф гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ яке аз унсурҳои калидӣ ва муайянкунандаи асосҳои сохтори конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

3. Хусусиятҳои фарқкунандаи вазъи ҳуқуқии гурезаҳоро, ки як категорияи умумии шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд, муайян ва барраси

гардида, падидаи мазкур аз вазъи ҳуқуқи махсуси гурезаҳо маншаъ мегирад. Таҳлили қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои махсуси мақоми ҳуқуқии гурезаҳо муайян карда шавад:

– мақоми ҳуқуқии гуреза муваққатӣ аст;

–реторсия, ё худ икдоми ҷавоби нисбати гурезаҳо татбиқ карда намешавад;

–барои вурудшаваии гурезаҳо раводид татбиқ намегагдад;

–гурезаҳо аз ҳимояи дипломатӣ имконияти истифода бурданро надоранд;

4. Дар танзими мақоми ҳуқуқии гурезаҳо, ки як навъи шаҳрвандони хориҷӣ ба ҳисоб мераванд, давлатҳои пазиранда роҳи ҳуқуқии ҳалли ин масъаларо пайдо намуда, нахуст санадҳои заруриро қабул мекунанд. Дар шароити имрӯза бо талоши ҷомеаи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама фароҳам овардани шароит барои ба ватан баргардонидани гурезагон, иҷро намудани ухдадориҳои байналмилалӣ ва ба кишварҳои бехатар кӯчонидани гурезаҳо бо тартиби зерин танзими худро ёфтааст:

– танзими вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо;

– танзими байналмилалии вазъи ҳуқуқии гурезаҳо;

– танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар қонунгузории миллӣ.

5. Принсипҳое, ки ба ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо дар қонуни соҳавӣ инъикос ёфтаанд аз меъёрҳои (соҳаи) ҳуқуқи инсон манша гирифта аҳамияти махсусӣ конститутсиони пайдо мекунанд. Ин чунин маъни дорад, ки объекти батанзимдарории ин муносибатҳои ҳуқуқӣ категорияи шахсони махсуси озордида маҳсуб дониста мешаванд.

Ба доираи принсипҳои муайянкунии мақоми ҳуқуқии гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда инҳо дохил мешаванд:

–ғайритаъбиз;

–берун накардан;

–мутаҳидшавии оила;

–маҳрамият;

–афзалияти ҳимояи манфиятҳои шахсони осебпазир.

Принсипҳои дар боло нишон додашуда асоси конститутсионӣ ва байналхалқӣ дошта, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо нигаронида шудааст.

6. Барои дуруст дарк кардани мафҳуми асосӣ мақоми гуреза дар баробари танзими вазъи ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳимоя ба унсурҳои расмиёти муайянкунии мақоми гуреза бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем. Бинобар ҳамин муайянкунии мақоми гуреза натиҷаҳои ҳуқуқиро ба миён оварда, мувофиқакунии шароити шахс ё гурӯҳи муқарраршударо ба талаботҳои ҳуқуқи муайян мекунад. Аз ин хотир лозим мешуморем, ки танзими илмии муайяннамойи мақоми гурезаро ба унсурҳои зерини мувофиқ ҷудо намоем:

– хавфи комилан асоснок;

– таъқибот;

– берун аз давлати шаҳрвандӣ;

– аз ҳимояи давлати аслӣ нахостан ё натавонистан бо мавҷуд будани аломатҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, мансубият ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ё эътиқоди сиёсӣ.

Дар қонунгузории соҳавӣ унсурҳои болозикр таҳкурсии мақоми ҳуқуқии муайянкунии гуреза дониста мешавад, ки дар маҷмуъ мафҳуми «гуреза»-ро мукамал мегардонад.

7. Таҳқиқот нишон дод, ки ҳимояи гурезагон, бевосита дар санадҳои иеъёри ҳуқуқии қабулнамудаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил танзим шудаанд. Дар ин раванд таъсиси Шурои Осиёи Марказӣ ба мисли Шурои Аврупо оид ба ҳалли мушкилоти гурезаҳо, ки як созмони ғайриҳукуматӣ дониста шуда, дигар созмонҳои ғайриҳукуматиро дар ин самт муттаҳид мекунад, ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳадаф аз пешниҳод дар таъсисёбии Шурои Осиёи Марказӣ чунин аст: а) кори сохторҳои ғайриҳукуматиро дар ҳали масъалаҳои гурезаҳо ҳамоҳанг месозад:б) Масъулияти муштараки байни давлатҳоро дар ҳифзи ҳуқуқи гурезагон таъмин менамояд;в) ба воситаи барномаҳои мақсадноки қабулшудаи муштарак проблемаҳои бекории гурезаҳоро дар давлатҳое, ки ба буҳрони иқтисоди гирифторанд,

қонеъ мегардонад; г) дар тақсимнамои ё интиқол додани гурезаҳо дар байни дигар давлати аъзои Шурои Осиёи Марказӣ бинобар барзиёд ворид шудани гурезагон, мусоидат менамояд.

**II. Пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории гурезаҳо дар ҶТ равона гардидаанд:**

Доир ба масъалаҳои таҳқиқотшуда дар кори диссертатсионӣ оид ба мукамалгардонии конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гурезаҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба хотири ба меъёрҳои конститутсияи ҶТ мутобиқат кардани қойдаҳои мақоми гуреза дар Тоҷикистон ба татбиқи пешниҳодҳои зерин аҳамияти муҳим дорад.

1. Бо мақсади такмил додани қонунгузории ҶТ ва барои амали намудани механизми додани паноҳгоҳи сиёсӣ қабули санади меъёри ҳуқуқии алоҳида, бо унвони «Низомномаи тартиби додани паногоҳи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқи талаботи замон мебошад. Зеро қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» ин масоилро танзим накардааст. Илова бар ин, дар қонунгузории ҶТ моҳияти ҳуқуқи конститутсионии паноҳгоҳи сиёсӣ возеҳу равшан набуда, номукамалии он барои амали кардани ҳуқуқ доир ба паноҳгоҳи сиёсӣ додан таъсири манфӣ мерасонад.

2. Дар Конститутсияи ҶТ сухан танҳо дар хусуси шаҳрвандони хориҷӣ рафта, масъалаи шахсони бешаҳрванд, аз мадди назар дур мондааст.Бо назардошти ин нуқтаҳо, пешниҳод мешавад, ки бо мақсади мутобиқ сохтан ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сархати сеюми моддаи 16 Конститутсияи ҶТ тағйирот дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад паноҳгоҳ диҳад».

3. Дар қисми 5 модди 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» муқаррар шудааст, ки қарор дар бораи ба шахси гуреза донисташуда додани истиқоматгоҳ барои сукунати муваққатӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор

мувофиқи тартибе, ки тибқи Низомномаи истиқомати гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, қабул карда мешавад. Аммо таҷриба нишон дод, ки то ҳол ягон санади дахлдор дар ин самт қабул нашудааст. Аз ин нуқтаи назар, ҷиҳати амали намудани ин меъёри қонун (қисми 5 моддаи 15 ва сархати дуюми моддаи 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» пешниҳод менамояд, ки Низомномаи будубоши гурезаҳо қабул карда шавад, ки тартиб ва шартҳои истиқомати онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гуреза буданашонро майян ва танзим намояд.

4. Дар масъалаи ҳуқуқи интихоби маҳалли истиқомат ва ҳаракат, бо шарти риояи тамоми қоидаҳо, гурезаҳо бо шаҳрвандони хориҷӣ баробар карда шудаанд. Аз ин нуқтаи назар пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 325 аз 26 июли соли 2000 «Дар бораи номгӯи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷнкистон, ки дар он ҷойҳо муваққатан зист намудани шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест», танҳо нисбати шахсони паноҳҷӯянда татбиқ карда шавад.

5. Дар қисми 1 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» қайд шудааст, ки «Шахсони паноҳҷӯянда, ки дар хусуси гуреза донистан дархост пешниҳод намудаанд, гуреза дониста шудаанд, мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, хилофи иродаи онҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳӣ муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида намешаванд». Бояд қайд намуд, ки қонунгузории соҳавии ҶТ доираи вазъи хуқуқии шахсонро хилофи иродаашон, ки мақоми гурезагиро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, муайян накардааст. Дар ин ҳолат қонунгузор вазъи ҳуқуқии онҳоро номуайян мондааст. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки дар чунин ҳолат ба шахсон ҳимояи муваққатӣ дода шавад ва ин ҳолат имконият медиҳад, ки дар модаи 14 қонуни мазкур банди алоҳида оид ба муайян кардани вазъи

ҳуқуқии ин категорияи шахсон ҳамчун ба нафарони ба ҳимояи муваққатӣ эҳтиёҷманд, муқаррар карда шавад.

6. Маъни рондани гурезаҳо аз қаламрави давлат, таъмини озодии ҳаракати гурезаҳо аз сарҳади давлатӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати дарёфти ҳуқуқи даромадан ба кишвари дигарро Конвенсия оид ба мақоми гуреза аз 28 июли соли 1951 (моддаи 31-33) ба мазмуни кафолати ҳуқуқии онҳо шомил месозад. Вале чунин ваъз дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» пешбини нагардидааст. Беҳтар мебуд, ки моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» ба талаботи (моддаи 31-33) конвенсия мутобиқ карда шавад, чунин мувофиқасози ифодакунандаи тамоми паҳлуҳои кафолати ҳуқуқии гурезаҳо мебошад.

7. Дар моддаи 2 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», ки аз 10 майи соли 2002 қабул шудааст, истилоҳи «таъқиб» ба «таҳдид» тағйир дода шавад. Мақсади пешниҳод дар он мебошад, ки таърифи истилоҳи таъқиб на дар Конвенсияи соли 1951 оид ба мақоми гуреза ва на дар шартномаҳои байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи инсон ҷой надорад. Аммо дар Конвенсияи номбурда таърифи таҳдид бо аломатҳои зерин дода шудааст: таҳдид ба ҳаёт ва озодӣ аз рӯйи нишонаҳои нажодӣ, динию мазҳабӣ, шаҳрвандӣ, ақидаҳои сиёсӣ ё муносибат ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ. Масъалаи таърифи «таъқиб» дар Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайри инсонӣ ё таъқиркунандаи шаъну шараф аз 1984 ба маънои «ҳамагуна амалҳое, ки ба шахс қасдан дарду азоби ҷисмони ё маънавӣ мерасонад», истифода шудааст. Аз назари мо таърифи додашуда нисбати гурезагон чандон мувофиқ намебошад. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ чунин ба назар мерасад, ки барои муайян кардани мафҳуми «таъқиб» дар амалияи ҳуқуқи байналхалқӣ, бояд аз меъёрҳои ҳуқуқи инсон истифода намуд. Роҷеъ ба ин масъала таваҷҷӯҳ ба муқарраротии моддаи 1 (таърифи «гуреза») ва моддаи 33 (принсипи нарондан ) лозим мебошад, чунки Конвенсияи соли 1951, фарқияти байни

таъқиб ва табъизро равшан нагузоштааст. Шарҳи ҳуқуқӣ ва мазмуни онҳо дар асл чунинанд:

– таъқиб, воситаи поймолкуни ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон мебошад;

– табъиз, дар шиддатёби поймолкунии ҳуқуқҳои инсон нақши ҳалкунандаро доранд.

8. Дар банди 1 ва 2 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» дар атрофи кафолатҳои ҳуқуқи гурезаҳо мухолифат дида мешавад. Чунончи дар банди 1, моддаи 14 қайд шудааст: «Кафолат ба шахсоне, ки аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, дода мешавад», дар банди 2-юми моддаи 14 омадааст, ки «банди 1-уми ҳамин модда ба ашхосе, ки ба амнияти давлат таҳдид мекунад, паҳн намешавад». Ҳоло он ки тибқи моддаи 13 қонуни мазкур яке аз ҳолатҳои маҳрум шудан аз мақоми гуреза таҳдид ба амнияти миллӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи мардуми Тоҷикистон мебошад. Дар ин хусус пешниҳод карда мешавад, ки банди 1 ва 2 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», бинобар носаҳеҳ буданаш ислоҳталаб мебошанд.

9. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» (м. 11) муқаррароти тартиби гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда дар шакли умумӣ сабт шудааст. Ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» марҳилаҳои тартиби гуреза донистани шахс бо чунин мазмун пешбинӣ карда шавад: 1. Бақайдгирии дархост барои гирифтани мақоми гуреза; 2. Таъин кардани мусоҳиба ва омодаги ба он; 3. Гузаронидани мусоҳиба бо шахси паноҳҷӯянда; 4. Коркардаи маълумотҳо ва муқаррар кардани ҳолатҳо (далелҳо); 5. Қабули қарори дар хусуси «гуреза донистани шахси паноҳҷӯянда»

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар диссертатсия андешаҳои илмӣ оид ба вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтадбиқкунӣ таҳқиқ гардидааст. Ҳангоми такмили

қонунгузории соҳавӣ хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот манзуршуда метавонад истифода карда шаванд. Дар раванди тадриси фанни ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ, маводи диссертатсия ба таври васеъ истифода шуда метавонанд. Хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи он, ки дар диссертатсия инъикоси худро ёфтаанд, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти маъмурӣ ва судӣ, инчунин дар такмили ихтисос ва рушди кормандони мақомоти давлатӣ, ҳангоми кор карда баромадани маводҳои илмӣ-методӣ аз ҷониби муҳаққиқон, устодон ва донишҷӯёни мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ, таъсири мусбати худро гузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони ватани ва хориҷӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии ҳалли мушкилоти гурезаҳо, таҳлили маводи илмию амалии соҳавӣ, усулҳои гузарондани таҳқиқот, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, таҳлили қонунгузории миллӣ бо санадҳои байналмилалӣ дар самти хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ – конститутсионии гурезаҳо, танзими принсипҳои ҳимоя ва унсурҳои муаянкунии мақоми гуреза дар Тоҷикистон асос меёбанд, ки мутобиқати диссертатсияро ба талаботи муқарраршуда, ифода мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ,

пешниҳоди маърузаҳо аз ҷониби муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ зоҳир мегардад. Тарзи хоси таҳлили илмии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд, шакли маънидоднамоии меъёрҳои қонунгузории миллӣ, принсипҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва аз ҷиҳати илмӣ таҳлилу асоснок намудани онҳо ва тарзи навишти диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Тасвиб ва натиҷаҳои амалисозии таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳия шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ироа гардидаанд:

**А) Байналмилалӣ:**

– «XIII Ломоносовские чтения», бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров – маъруза таҳти унвони «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва роҳҳои мукаммалгардонии он.» (Душанбе, 28-29 апрели соли 2023);

– «Ҳуқуқи инсон ҳамчун дастоварди умумибашарии инсоният» - маъруза таҳти унвони «Тартиби муайян кардани шаҳрвандии гурезаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.» (Душанбе, 05 ноябри соли 2023);

– «Рушди конститутсияи Тоҷикистон дар давраи истиқлолият» - маъруза таҳти унвони «Мафҳуми муосири вазъи ҳуқуқӣ - конститутсионии гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.» (Душанбе, 05 ноябри соли 2015.)

**Б) Ҷумҳуриявӣ:**

– «Конфронсияи умумидонишгоҳии илмию назаривии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-–юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълоншудан соли 2024» ва «Солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»

(2020-2040)» – маъруза таҳти унвони «Кафолати бехатарии тадбиқи ҳимояи ҳуқуқии муҳоҷират дар кишвари сеюм» (Душанбе-2024);

– «Конститутсия омили устувории давлат» – маъруза таҳти унвони «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии принсипҳои асосии муайянкунии мақоми гуреза тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ» (05 ноябри соли 2022);

– «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маъруза таҳти унвони «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо ҳамчун категорияи махсуси шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.» (1 ноябри соли 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур баён карда шудаанд, дар 29 мақолаи илмӣ инъикос шудаанд. Аз инҳо 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақола дар маҷалаҳои дигар нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб,шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАҚОМИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ГУРЕЗАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масоили дастрасӣ ба паноҳгоҳ яке аз падидаҳои махсус ва муҳими ҳуқуқи гурезаҳо ба шумор рафта, дар низоми ҳимояи арзишҳои универсалӣ, ки ҳар як инсон бояд аз он бархурдор бошад, мақоми намоёнро ишғол мекунад.

Лозим ба таъкид аст, раво ва риояи ҳуқуқи инсон бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши хосса ва муҳимро ихтисос кард. Чунончи, дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки тибқи он «шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои табиии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат эътироф, эҳтиром ва ҳифз карда мешаванд» [1]. Конститутсия арзишҳои инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро вазифаи авалиндараҷа баён намуда, ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ мешуморад. Дар ин самт, ҳуқуқи инсон на танҳо воситаи танзимкунанда, балки ҳамчун ченаки муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад.

Оид ба ин масъала муҳаққиқони ватанӣ А.М. Диноршоев ва С.М. Салоҳидинов бо дарназардошти мантиқи пажуҳиш қайд мекунанд, ки «Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқи инсон аҳамияти бунёдӣ дорад, зеро он муносибати шахсро бо давлат муайян намуда, манфиати ӯро дар мадди аввал мегузорад ва шарти ҳатмии танзими вазъи ҳуқуқии инсон ва шахрванд мебошад» [80, с. 278].

Конститутсияи ҶТ мақоми ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро муқаррар намудааст, ки бо таърифи вожаҳои «инсоният», «миллат», «халқ», «гурӯҳи иҷтимоӣ», «шахс» мусоидат мекунад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «арзиши олӣ» танҳо дар робита ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода мешавад. Ҳеҷ як падидаи конститутсионӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқии чунин хусусият надорад» [77, с. 64]. Бо ҳамин далел метавон гуфт, ки арзиши олӣ эътироф гардидани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ яке аз унсурҳои калидӣ ва муҳими асосҳои сохтори конститутсионии кишвар мебошад.

Дар навбати худ Н. Тоҳиров қайд мекунад, ки «Конститутсияҳои муосири аксари кишварҳои ҷаҳон ҳангоми муқаррар намудани ҳуқуқи инсон барои таҳкими онҳо роҳи дастури арзишмандро пеш гирифтанд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз лаҳзаи тавлид ба миён омада, ҷудонашаванда эътироф мешаванд» [173, с. 27]. Воқеан, дар ҷаҳони муосир масалаи шахс ва муносибати ӯ бо давлат, ҳуқуқ, озодӣ, масъулияти ягонаги бо шаҳрвандон, мубрам буда, аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Мавқеи шахс дар ҷомеа ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқии ҷорӣ ва муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби онҳо танзим мешаванд, ифода меёбад. Аслан, муносибатҳои гуногуни байни давлат ва шахсро меъёрҳои Конститутсия танзим менамояд. Ҳамин тариқ, дар моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути Конститутсия, қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, танзим ва ҳифз карда мешавад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Мақсади татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия, ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракуниро муайян намуда, тавассути ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд» [1].

Бар замми ин, тибқи моддаи 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҳуқуқу озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд ва дар баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифаю масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун [1].

Аз муқаррароти меъёрҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар муносибат бо давлат шахс ҳамчун шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ бо мазмуни якхела ифодаёфта, ки ҳар кадоми ин категорияҳо барои истифодаи ҳуқуқ ва ичрои уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун асоси ҳуқуқӣ мебошанд. Вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷомеа ва давлат, ки дар қонун ифода ёфтааст, мақоми шахсӣ номида мешавад [100, с. 77-78]. Муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, ки «мақоми ҳуқуқии шахс аз муносибатҳои иҷтимоӣ бар меояд ва ба ҳамин васила дар ҷомеа мавқеъ ӯ объективона муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, вазъи ҳуқуқу озодӣ аз ҷиҳати моддӣ муайяншудаи шахс мавқеъ ва имкониятҳои иҷтимоии ӯро ифода мекунад».

Воқеан, мақоми ҳуқуқӣ, ки мавқеи таърихан муайяншудаи вазъи ҳуқуқу озодиҳои шахсро муайян мекунад ва муҳимтарин роҳи самараноки қонеъ гардонидани манфиатҳои шахс, рушди ҳамаҷониба ва озодонаи ӯ мебошад. Вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷомеа ва давлат хусусияти иҷтимоии онро муайян мекунад, ки ба дастрасӣ ва истифода бурдани арзишҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии он мусоидат намуда, муносибатҳои навро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа фароҳам меорад. Дар ин замина мавқеи Т.А. Ермолаев ва А.А. Ананев ҷолиб буда, онҳо қайд мекунанд, ки «бо ёрии мақоми ҳуқуқӣ метавон робитаҳои гуногунеро, ки барои арзишҳои ҳаётӣ шахсӣ дар давлат ва ҷомеа ба миён меоянд, ошкор намуд» [147, с. 12]. Вазъи ҳуқуқии шахсӣ – мақоми ҳуқуқии фардӣ башумор меравад, ки дар қонун эътироф шудааст. Аммо барои муайян намудани мазмуни вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷумла гурезагон, бояд мавқеи консептуалӣ муайян карда шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ду мафҳум истифода мешавад: «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ». Вале ба андешаи мо барои амали намудани ҳуқуқҳои фардӣ истифода намудани ин ду мафҳум муҳим нест, чунки онҳо баробарвазн мебошанд. Ҳамин тариқ, олимони ватанӣ ва хориҷӣ мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ», «мақоми ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқӣ»-и шахсро

гуногун арзёбӣ мекунанд. Аз ҷумла олими ватанӣ Ш.Т. Тағойназаров, қайд мекунад, ки мафҳуми «вазъ» ин худ «мақом»-и ҳуқуқии шахс мебошад [172, с. 11-20]. Доир ба ин мафҳум муҳаққиқи хориҷӣ Н.И. Матузов қайд менамояд, ки «вазъ ин мақоми шахс ба шумор меравад» [105, с. 197].

Ин мавкеъро В.А. Карташкин дастгирӣ намуда, ҳамзамон қайд менамояд, ки «мафҳуми «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ»-и шахс ҳаммаъноянд [89, с. 113-117]. Дар қонунгузорӣ ва санадҳои байналмилалӣ, ҳамзамон дар амалияи ҳуқуқӣ, байни ин мафҳумҳо тафовут гузошта намешавад.

Гурӯҳи дигари олимон бо вуҷуди этимологии мафҳумҳои «вазъ» ва «мақоми ҳуқуқӣ»-ро ба маънои васеъ ва «ҳолати ҳуқуқӣ»-ро ба маънои маҳдуд истифода бурда, онҳоро ҳамчун ду мафҳуми мустақил фарқ мекунанд. Бо назардошти ин мафҳумҳо А.Н. Жеребсов, дар навбати худ қайд менамояд, ки категорияи вазъи ҳуқуқӣ бо маънои васеътар дар Конститутсияи кишварҳо ифода ёфта, категорияи мақоми ҳуқуқӣ бошад дар қонунгузории соҳави амалкунанда истифода мегардад» [186, с. 38].

Д.Н. Горшунов тафсири грамматикии категорияи «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ»-ро шарҳ дода, ба чунин хулоса омадааст: вазъи ҳуқуқӣ маҷмуи ҳолати ҳуқуқии субъектонро дар бар гирифта, онҳоро аз рӯйи хусусиятҳояшон тасниф мекунад [144, с. 56-57]. Дар баробари ин баъзе олимон барои иваз кардани истилоҳи болозикр андешаҳои гуногун пешниҳод кардаанд. Масалан, З.К. Александрова таклиф мекунад, ки ба ивази мафҳуми «вазъ»-и ҳуқуқӣ истилоҳи «комплекси ҳуқукӣ» истифода шавад [176, с. 5-6]. В.И. Потапов ба ин масъала таваҷуҳ намуда қайд менамояд, ки дар муайян кардани вазъи ҳуқуқии гурезагон на категорияи «вазъ», балки истифодаи «режим» (реҷа) дуруст мебуд [115, с. 10-11]. Дар ҳақиқат вазъи гурезаҳо бо вуҷуди ҳама мушкилот муваққатӣ буда, байни гуреза ва давлате, ки паноҳгоҳ медиҳад, робитаи воқеии ҳуқуқӣ вуҷуд дорад.

Ба ғайр аз робитаи воқеии давлат ба шахсони алоҳидае, ки дар каламрави он зиндагӣ мекунанд, алоқаи ҳуқуқӣ низ вуҷуд дорад, ки он дар мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян нисбат ба давлат ва тобеияти ба ҳокимияти соҳибихтиёри он ифода меёбад. Аз ҳамин лиҳоз, алоқаи ҳукуқии шаҳрвандон бо давлат воситаи таъсиррасони байни онҳо буда, мазмуни баробарҳуқуқии тарафҳоро дар ҳамагуна муносибатҳои ба миён омада дарбар мегирад. Дар ин ҳолат, падидаи шаҳрвандӣ ба мавқеъи ҳуқуқии гуреза таъсир намерасонад. Ин аз он сабаб аст, ки пайдо шудани гурезаҳо дар қаламрави давлати дигаре, хоҳ доимӣ ё мувақати қарор мегиранд, чун қоида, боиси ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқи мегардад: якум, гурезаҳо, ки дар қаламрави давлат қарор гирифтаанд; дуюм, давлате, ки гурезаҳоро қабул кардааст; сеюм давлате, ки гурезаҳо тарки ҳудуди он кардаанд. «Дар баъзе мавридҳо байни давлат-мизбони гурезаҳо ва созмонҳои байналмилалӣ низ муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, ки ҳадаф аз он мусоидат ба ҳалли мушкили гурезагон аст» [115, с. 15-16].

Ба назари мо масъалаи мазкур баҳснок мебошад, аммо категорияи «режими ҳуқуқӣ» бо ҳеҷ ваҷҳ ҷойи категорияи «мақоми ҳуқуқӣ»-ро гирифта наметавонад, зеро он ҳамчун шарти ҳуқуқӣ ва тартиби ба даст овардани мақоми ҳуқуқӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсро муайян намекунад. Категорияи «мақоми ҳуқуқӣ» падидаи бисёрҷанбаи ҳуқуқӣ буда, маҷмӯи унсурҳои ҳуқуқиро дар бар гирифта, ҳамчун категорияи универсалӣ эътироф карда мешавад. Илова бар ин, мақоми ҳуқуқӣ падидаи ҳуқуқӣ буда, тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятиро муайян мекунад.

Вобаста ба категорияи «реҷаи ҳуқуқӣ», ҳаминро бояд қайд намуд, ки ибтидои принсипҳои ҳуқуқии кишвари қабулкунандаро ифода намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо ва дигар категорияҳои хориҷиро муайян намекунад, инчунин ба фароҳам овардани шароити баробарӣ дар ширкати онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Бинобар ҳамин, нисбат ба гурезагҳо ягон асос барои иваз кардани категорияи «мақоми ҳуқуқӣ» ба «режими ҳуқуқӣ» вуҷуд надорад.

Дар ин замина мавқеъи олимони ватанӣ аз аҳамият орӣ набуда, таклифҳо диқатҷалбкунандаанд. Ба монанди А.М. Диноршоҳ ва Б.С. Гадоев чунин кайд мекунанд, ки «мақоми ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро низоми муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки мавқеъ ва накши инсонро дар сохтори ҷамъият муайян мекунад» [69, с. 119-120]. Ҳамин тариқ, мақоми ҳуқуқу озодии моддӣ муайяншудаи шахс, мавқеъ ва имкониятҳои иҷтимоии ӯро ифода мекунад. Вазъи ҳуқуқии шахс аз вазъи шаҳрвандӣ, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ вобастаги дорад. Шаҳрвандӣ асоси ҳуқуқии истифодаи ҳуқуқу озодиҳо ва иҷрои уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун мебошад, ки асоси вазъи ҳуқуқии шахрванд дониста мешавад» [83, с. 15-22].

Дар ин замина мавқеъи олими ватани Ҷ.М. Зоир ҷолиби диққат буда, қайд мекунад, ки «Конститутсияи навини кишвар вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ эътироф намудааст, ки дар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ вобвста ба мансубияти ҳуқуқии шахс бо давлат ҳуқуқу озодиҳо тасдиқ мегарданд» [102, с. 279].

Д.Х. Элназаров дар навбати худ, қайд мекунад, ки «Робитаи иҷтимоии шахс ва давлат дар шакли муайяни ҳуқуқӣ асосёфта, ки дар ташаккули унсурҳои ҳуқуқ, озоди ва вазифаҳо, ки дар маҷмуъ мақоми ҳуқуқии шахс ва шаҳрвандро ташкил медиҳанд замина мегузорад» [204, с. 97-98]. А.И. Имомов қайд мекунад, ки «ҳуқуқи инсон дар Конститутсия қайд гардида, мақоми конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ташкил медиҳад ва ба ин васила ба як институти таркибии қонуни конститутсионӣ табдил меёбад» [83, с. 31-32].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мавқеъҳои пешниҳодшудаи муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки мақоми ҳуқуқӣ ҳудуди рафтори имконпазир ва зарурии шахсро муайян намуда, ҳаҷми истифодаи шароитҳои мушаххаси моддӣ ё маънавиро бо нишон додани ҳуқуқ, уҳдадориҳо ё манфиатҳои қонунии ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ифодаёфта, дар амалишавии онҳо замина мегузорад. Ба ибораи дигар,

вазъи ҳуқуқии шахс категорияи (мақула) асосӣ мебошад, ки дар асоси он ҳуқуқ ва уҳдадориҳо нисбат ба гурӯҳҳои алоҳидаи осебпазири аҳоли муайян карда мешаванд.

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ якчанд намуди вазъи ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад [84, с. 62-63]. Ҳамин тариқ, муҳаққиқони ватанӣ вазъи ҳуқуқии шахсро ба категорияҳои зерини ҳуқуқӣ ҷудо намуданд: умумӣ-конститутсионӣ, махсус, соҳавӣ, ва фардӣ.

Вазъи ҳуқуқии конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст, ки асоси мақоми ҳуқуқии шахсро ташкил намуда, мавқеи ӯро дар ҷомеа ва давлат муайян месозад. Аммо мутобиқи қонунгузорӣ категорияи мақоми махсуси ҳуқуқӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ, ва гурезагон мувофиқ дониста шуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки вазифаҳои махсуси вогузоршударо иҷро кунанд. Вобаста ба ин Л.Д. Воеводин вазъи ҳуқуқиро ба «умумӣ» ва «махсус» ҷудо намуда қайд менамояд, ки «вазъи ҳуқуқӣ шахс ба мақоми махсуси гурӯҳҳои алоҳидаи дар ҷомеа осебпазир «гуреза», ки дар ин ё он асос муттаҳид шудаанд умуми арзёбӣ шуда, ба воситаи қонунгузории соҳавӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои иловагӣ «махсус»-и онҳо муайян карда мешавад» [67, с. 27-35]. Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев вобаста ба мансубияти ҳуқуқӣ ба давлат, вазъи ҳуқуқиии шаҳрванди давлат, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва душаҳрвандӣ ё бисёршаҳрванди дошта ҷудо карда мешаванд [119, с. 349]. Айни замон Н.И. Матузов таъкид мекунад, ки «мақоми умумиҳуқуқӣ ё махсус хусусиятҳои вазъи категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандонро инъикос мекунад, аз рӯйи аломатҳои гуногун ба гурӯҳи муайян мансуб будан, мақоми фардии шахсияти алоҳидаро дарбар мегирад» [127, с. 212]. Ҳар як падидаи ҳуқуқӣ ба ин ё он дараҷа метавонад бо вазъи ҳуқуқии шахс алоқаманд бошад ва ба мазмуни он дохил карда шавад.

Дар натиҷаи таҳлилхо чунин қайд менамоям, ки ба падидаи вазъи умумии ҳуқуқии инсон мақоми ҳуқуқии гурӯҳҳои махсуси шахсони зерин

дохил мешаванд: гуреза, паноҳҷӯянда, муҳоҷири маҷбурӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғайра.

Аз андешаҳои дар боло зикр гардида, ба чунин хулоса омадем, ки «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқии шахс» мафҳумҳои якхела буда, бо мавҷудият ё набудани шаҳрвандӣ ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва манфиатҳои қонунии шахс муайян карда мешаванд. Бинобар ҳамин категорияи муайяншудаи ҷомеа дар асоси мақоми умумии конститутсионии шаҳрванд метавонанд ҳуқуқҳои иловагӣ, уҳдадориҳо, имтиёзҳое дошта бошанд, ки қонунгузории амалкунанда пешбинӣ кардааст.

Доир ба мафҳумҳои болозикр дар таҷрибаи Суди иқтисодии ИДМ Қарор «Дар бораи таснифи мафҳумҳои «гуреза», «муҳоҷир», «муҳоҷири маҷбурӣ» нисбат ба Созишномаи кӯмак ба гурезаҳо ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз 24 сентябри соли 1993 қабул намуда, ки дар он чунин қайд гардидааст, бояд мафҳуми мақоми гуреза нисбати категорияи ашхосе, ки новобаста аз он дар марзи давлатӣ ё дар ҳудуди он бо сабаби мавҷуд будани таъқиб қарор доранд, истифода бурда шавад [230, с. 3-4].

Дар ин замина муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба мақоми ҳуқуқии гурезаҳо, ки як категорияи шаҳрвандони хориҷӣ дониста мешаванд, андешаҳои худро байён намудаанд. Масалан, олими ватанӣ М.Н. Раҷабов чунин қайд менамояд, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ аз дигар навъи хориҷён – паноҳҷӯянда ва гуреза бо тартиби муаяншудаи ҳуқуқӣ тафовут дорад, яъне бо мақоми умумӣ ва махсус ҷудо мешаванд [116, с. 18-19]. Ҳамин тавр, Л.В. Келипова дар баробари мақоми умумӣ мақоми хориҷиён, шахсони бешаҳрванд, шахсони душаҳрвандӣ ва гурезаҳоро фарқ мегузорад [140, с. 60].

Дар байни олимони ватанӣ У.К. Муъминов андешаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки мақоми ҳуқуқии хориҷиён, шахсони бешаҳрванд, ду ва зиёда шаҳрвандӣ ба як категорияи алоҳидаи махсус ҷудо мешаванд. Ҳамин тавр, аз таснифоти У.К. Муъминов чунин бармеояд, ки гурезагон ба категорияи шаҳрвандони хориҷӣ дохил шуда, мақоми махсуси

ҳуқуқӣ доранд [191, с. 51]. Дар асоси мавқеъҳои дар боло зикршуда, ба чунин хулоса омадем, ки мақоми ҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ аз маҷмуи унсурҳое иборат аст, ки вазъи иҷтимоию ҳуқуқии ӯ ҳамчун шахси вокеӣ дар ҷомеа דониста мешавад. Ин мақом бинобар хусусияти вижаи муносибатҳо дар байни шахс ва давлат ба вуҷуд омада, дар муайянсозии категорияи махсуси шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла гурезаҳо заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Дар асоси андешаҳои олимони зикршуда, таҳлилҳои назариявии илмӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш ба хулоса омадан мумкин аст, ки гуреза як аз категорияҳои шаҳрвандони хориҷӣ буда, бо мақоми махсуси ҳуқуқӣ аз дигар шаҳрвандони хориҷӣ фарқ мекунад.

Таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф шудааст, ба мо имконият медиҳад, ки мақоми гурезаро бо вуҷуди он ки ба категорияи шаҳрвандони хориҷӣ тааллуқ доранд ва бо хусусиятҳои махсуси муайян аз вазъи умумии дигар шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранду фарқ менамоянд, тафовут гузорем. Аз ин нуқтаи назар, хусусият ва аломатҳои фарққунандаи мақоми ҳуқуқии гурезаҳоро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳем.

Аввалан, мақоми ҳуқуқии гуреза муваққатӣ аст. Ин аз модда 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», аз 10 майи соли 2002. Бармеояд. Мувофиқи он мақоми гуреза ба муҳлати то се сол вобаста ба ҳолати мавҷуд будае, ки ӯ маҷбур шуд ҷойи истикомати доимии хешро тарк мекунад, дода мешавад. Ин муқаррарот ба мақоми гуреза ва давомнокии ҳолатҳое, ки ба амнияти ӯ таҳдид мекунад, вобаста мебошад.

Дуюм, реторсия, ё худ иқдоми ҷавоби нисбати гурезаҳо татбиқ карда намешавад. Чунончи, тибқи қ. 3, м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ» Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шаҳрвандони давлатҳое, ки дар он ҷо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда мешаванд,

маҳдудиятҳои мувофиқ муқаррар мекунад. Чун вазъи ҳуқуқии гурезаҳо тибқи санади меъёри ҳуқуқии ҷудогона, яъне Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» танзим гардида, таҳти ҳимояи давлате, ки ба ӯ паноҳгоҳ додааст, қарор дорад, бинобар ин тадбирҳои ҷавобӣ нисбати гурезаҳо паҳн намешаванд. Масалан, давлати қабулкунанда «Х» дар ҳудуди худ нисбати гурезаҳое, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, маҳдудиятҳои гуногуни табъиз муқаррар менамояд. Дар навбати худ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар ҳудуди худ нисбат ба гурезаҳо, ки шаҳрвандони давлати «Х» мебошанд, маҳдудиятҳои табъизи ҷавобӣ татбиқ намояд.

Аз ин рӯ, мансубият ба шаҳрвандии ин ё он давлат, воқеан ба вазъи ҳуқуқии гурезаҳо таъсир мерасонад. Ғайр аз он, ҳангоми муайян кардани мақоми ҳуқуқии гуреза, институти шаҳрвандӣ бо қонуни татбиқшаванда таъсир намерасонад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқу возеҳ муқаррар шудааст, ки масъалаи паноҳгоҳ ё додани мақоми қонуни ба гурезаро қонгузории соҳавӣ ба танзим медарорад. Ҳамзамон, ҳуқуқи субъективии гурезаҳо, ки шаҳрванди хориҷӣ дониста мешаванд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Сеюм, чун қоида, барои ворид шудани шаҳрвандони хориҷӣ гирифтани ризоият дар намудаи раводид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст. Ин маънои онро дорад, ки вуруди шаҳрвандони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути гузаргоҳҳои сарҳадии давлатӣ, ки барои ҳамлу нақли байналмилалӣ кушодаанд, сурат мегирад. Воридшавӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати мавҷуд будани раводид бо истифода аз шиносснома ё ҳуҷҷатҳои ба он баробар сурат мегирад. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон убури ғайриқонунии сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ қатъиян манъ аст.

Дар баробари ин, муқаррароти мазкур нисбати гурезаҳо татбиқ намегардад, агар шахс тибқи моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» дар давоми як рӯзи баъди убури иҷбории сарҳади давлатӣ ба мақомоти

салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд. Дар акси ҳол, муҳлати пешбини шуда иҷро нагардад, шахс аз ҳуқуқи дархост дар бораи гирифтани мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрум мегардад, ба истиснои ҳолатҳои воқеӣ, ки метавонад мақомоти ваколатдори давлатӣ (Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД ҶТ) муҳлати сипаришударо ба 3 шабонарӯз ба инобат гирад: дар ҳолати бемори қарор дошдани шахс ё шароити душвори номусоид ва дигар ҳолати воқеии, ки аз хоҳиши шахс вобастагӣ надорад.

Дигар ҳолатҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун далели ҳуқуқӣ дар қабули дархост ба эътибор намегирад, зеро шахс: аввалан, бо далелҳое, ки аз таъқиб бармеоянд ба нуқтаҳои назорати сарҳадӣ барои ба қайдгузорӣ дархост пешниҳод накардааст; дуюм, ҳангоми убури сарҳади давлатӣ аризаи дархостии паноҳандагӣ ба хадамоти муҳоҷирати ҶТ пешниҳод нашудааст; савум, қариб як моҳ беҳуҷҷат дар қаламрави ҶТ будубош кардааст.

Вобаста ба чунин кирдори шахс қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби суди ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятиро муқаррар намудааст. Масалан, бо тартиби судӣ муроҷиати шаҳрванди ҶИА П.Х. дар бораи қарори Комиссия дар хусуси рад кардани мақоми гуреза аз 29 ноябри соли 2011 ва дар моводи ҳамин гуна парвандаи граждании дар асоси аризаи шаҳрванди ҶИА А.Ф. аз 20 июни соли 2010, ки маълумоти кофи дар бораи кишвари пайдоиши гуреза мавҷуд набуд, сабаби тағирёбии қарори Комиссияи ваколатдор шуда натавонист. Бинобар ин, ҳангоми баррасии парвандаҳо суд ба далелҳои пешниҳоднамудаи адвокатҳо, ки ҳолати заруриро нишон надодаанд, эътироф намешавад, қарори комиссияро дар қувваи қонунӣ гузоштааст. Вобаста ба парвандаи мазкур низ суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ қарори Комиссияро бетағйир гузоштаанд.

Чорум, ин гуна шахсон имконияти аз ҳимояи дипломатӣ истифода бурданро надоранд. Яке аз хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахрвандони

хориҷӣ нисбат ба гурезаҳо дар он аст, ки онҳо ҳуқуқи ҳимояи дипломатӣ аз давлати шаҳрвандии худро доранд. Зеро гуреза дар тафовут аз дигар гурӯҳи (категорияи) хориҷиён таҳти ҳимояи давлате қарор мегирад, ки ба вай паноҳгоҳ додааст. Бинобар ин, падидаи ҳифзи дипломатӣ нисбати гурезагон татбиқ намегардад. Зеро қонуни шахсии гурезагон қонуни кишваре эътироф карда мешавад, ки вазъи гурезаҳоро ба ин шахс пешниҳод мекунад [104, с. 367]. Ин аслан хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии байни гурезаҳо ва давлати тарккардаи онҳоро муайян мекунад [115, с. 10-11]. Дар ин самт бояд гуфт, гурезаҳо аз паноҳҷӯёни сиёсӣ фарқ дорад. Агар гуреза донистани шахс тибқи қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» мувофиқи қарори Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи мақомоти корҳои дохилии ҶТ оид ба муайян намудани мақоми гурезаҳо анҷом дода шавад, пас додани паноҳгоҳи сиёсӣ тибқи Конститутсия мансуб ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мутаасифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол санади ҷудогонаи танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии шахсони аз таъқиби сиёсӣ паноҳҷӯянда вуҷуд надорад. Дар сархати сеюми моддаи 16 Конститутсияи ҶТ гуфта мешавад, ки Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷие, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад, паноҳгоҳи сиёсӣ диҳад.

Қобили қайд мебошад, ки падидаи паноҳгоҳи сиёсӣ дар кишварҳои хориҷӣ дар баробари меъёрҳои умумӣ-конститутсионӣ тартиби махсусро дар шакли санади меъёри ҳуқуқӣ ба танзим даровардааст. Масалан, дар Федератсияи Россия [51], Ҷумҳурии Белорусия, [52] Ҷумҳурии Қазоқистон [53] Низомномаи тартиби додани паноҳгоҳи сиёсӣ қабул шудааст, ки вазъи ҳуқуқии шахсони аз таъқиби сиёсӣ паноҷӯяндаро танзим менамояд. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ мебуд, дар ин самт барои амали намудани механизми ин муқаррарот дар сархати сеюми моддаи 16 Конститутсияи ҶТ санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар шакли Низомномаи алоҳида қабул мешуд, зеро қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ва дигар санадҳо ин масоилро танзим накардаанд. Давлати пазирандаи гурезаҳо, аз ҷумла ҶТ низоми ягонаи

ҳуқуқиеро, ки барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандие, ки гуреза донисташудаанд муқаррар карда, тадбиқ менамояд. Масалан дар қонунгузории ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» бо тартиби муқарраршудаи давлатӣ-миллӣ (ҳуқуқи муроҷиат ба суд; озодии эътиқод; гирифтани маълумоти ибтидоӣ; кӯмак ва дастгирии ҳукумат; таъмини иҷтимоӣ; ҳуқуқи муаллифӣ) ва нисбати дигар ҳуқуқҳо (ҳуқуқҳои молумулкӣ; кор; манзил; кори кироя, ба иттиҳодияҳо ва ғ.) гурезагон аз шароити мусоидтаре истифода мебаранд, ки одатан шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳамон ҳолатҳо истифода мебаранд [125, с. 97-99].

Дар ин хусус сараввал ҳаминро қайд карданием, ки дар моддаи 14 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948 чунин дарҷ шудааст, ки ҳар як инсон ҳуқуқ дорад аз таъқибот дар дигар кишвар паноҳгоҳ ҷӯяд ва аз он баҳраманд гардад. Аммо дар қонунгузории ҶТ моҳияти ҳуқуқи конститутсионии паноҳгоҳ номукамал ва печида аст.

Дуюм, дар қонунгузории ҶТ сухан танҳо оиди шаҳрвандони хориҷӣ рафта, шахсони бешаҳрванд аз мадди назар берун мондаанд. Бо дарназардошти ин нуқтаҳо, пешниҳод мешавад, ки бо мақсади мутобиқ сохтан ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сархати сеюми моддаи 16 Конститутсияи ҶТ тағйирот дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштааст, метавонад паноҳгоҳ диҳад».

Дар навбати худ, М.Д. Оздоев қайд мекунад, ки «мақоми гуреза ба шахсоне, ки бинобар таъқиби комилан асоснок аз рӯйи нишонаҳои нажод, дин, шаҳрвандӣ, миллат, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаи сиёсӣ гирифтор шудаанд дода мешавад, ки сабаби дохил шудани онҳо ба ин намуди муносибатҳои ҷамъияти асос мегардад [193, с. 18-19]. Таъмини ин мақом боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои махсуси ҳуқуқии байни шахс ва давлат мегардад, ки онҳо пеш аз ҳама бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ танзим карда мешаванд» [175, с. 22].

Муқаррароти болозикр ба мо имконият медиҳад, ки аломатҳои зерини фарқкунандаи мақоми ҳуқуқии гурезаҳоро аз паноҳандагони сиёсӣ таъкид намоем:

1. Хусусияти махсус – мақоми гуреза ба шахс вобаста ба сифатҳои иҷтимоии хоси ӯ дода мешавад (бо сабабҳои мавҷуд будани таъқиби сиёсӣ, динӣ, нажодӣ, милли), ки комилан асоснок ҷои истиқомати хешро тарк кардааст, яъне қурбонии таъқибот шудааст ва аз хатари мавҷуд буда баргаштан намехоҳад ё наметавонад);

2. Реҷаи миллӣ – дар баробари шаҳрванди ҶТ бархурдор шудан аз ҳуқуқу озодӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст;

3. Хусусияти фаврӣ – ҳар шахс ҳуқуқи ба паноҳгоҳ дорад ва ба шахс таъмини амният аз тарафи кишвари пазиранда дода мешавад, бинобар ин мазмуни мушаххасро дар назар дорад;

Дар асоси андешаҳои зикршуда метавон натиҷа гирифт, ки вазъи ҳуқуқӣ - конститутсионӣ гурезагон аз унсурҳое иборат аст, ки аз вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ фарқ мекунад:

1. Хусусиятҳои вижаи ҳуқуқи субъективии гуреза – тарки маҳалли истиқомати доимӣ дар натичаи таъқиб ё таҳдиди воқеӣ, ки ниёз ба кӯмаки давлати дигарро доранд;

2. Ҳуқуқҳои гурезаҳо ба тадбирҳои хусусияти таъмини шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, инчунин дар баробари шаҳрвандони ҶТ ба гурезагон, ки категорияи алоҳидаи аҳоли мебошанд, ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад. Масалан, дар қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ҳуқуқҳои иловагии гурезаҳо дар бандҳои 7-10 ва 13 қайд шудааст, ки дигар қатегорияи шаҳрвандони хориҷӣ надоранд.

Инчунин қонунгузор таъкид мекунад, ки ин гурӯҳи иҷтимоӣ дар баробари бо шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд;

3. Ухдадориҳои гурезаҳо бо зарурати назорати давлатии ҳаракати ин гурӯҳи аҳолӣ муайян карда мешавад, ки маҳдудияти озодии ҳаракати онҳоро ифода мекунад (бандҳои 2-7 моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ва бандҳои 2-4 моддаи 14 Қонуни ҶТ»Дар бораи муҳоҷират»);

4. Гурезахо барои вайрон кардани коидаҳои истиқомат ва ҳаракатҳои худсарона дар ҳудуди Ҷумхурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Бо назардошти мулоҳизоти зикршуда метавон қайд кард, ки вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо маҷмӯи ҳуқуқу озодӣ, ухдадорӣ ва кафолатҳое, ки ба гурезаҳо тибқи Конститутсия, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ва санадҳои эътирофнамудаи ҳуқуқии байналмилалӣ пешниҳод шудаанд. Дар ин самт, маҳз арзиши олӣ эътироф гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ яке аз унсурҳои калидӣ ва муайянкунандаи асосҳои сохтори конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, пешниҳод мешавад, ки барои такмил додани қонунгузории ҶТ нуқтаҳои зерин ба инобат гирифта шавад. Якум, дар қонунгузории соҳавӣ моҳияти ҳуқуқи конститутсионии паноҳгоҳ возеҳу равшан набуда, номукамал аст, ки то андозаи барои амали кардани ҳуқуқ ба паноҳгоҳ таъсири манфӣ мерасонад. Дуюм, дар Конститутсияи ҶТ сухан танҳо дар хусуси шаҳрвандони хориҷӣ рафта, масъалаи шахсони бешаҳрванд, аз таваҷҷуҳи қонунгузор берун мондааст. Бо назардошти ин нуқтаҳо, пешниҳод мешавад, ки бо мақсади мутобиқ сохтан ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сархати сеюми моддаи 16 Конститутсияи ҶТ тағйирот дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштааст, метавонад паноҳгоҳ диҳад».

## 1.2. Принсип ва унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рушду инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои муқарраргардидае мебошанд, ки дар заминаи принсипҳои қонунгузории миллӣ ва байналхалқӣ шакл гирифтаанд вобастагӣ дорад. Ҳуқуқҳои инсон чораи рафтори имконпазири инсон аст, ки бо қонун, ҳамчунин қоидаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ, динӣ кафолат дода шудааст [79, с. 21].

Меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ асосҳои вазъи ҳуқуқии шахсро дар шакли принсипҳои ҳуқуқӣ вобаста ба намуди муносибатҳои ҷамъияти ба миёномадаро дар низоми қонунгузории давлатӣ ба танзим медарорад [99, с. 91]. Вазъи ҳуқуқии шахс ифодакунандаи шароитҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа башумор рафта, бевосита ба манфиатҳои онҳо мусоидат менамоянд. Давлат дар амалишавии онҳо заминаи ҳуқуқиро фароҳам оварда, ки ба низоми сиёсию ҳуқуқӣ ва сохти давлати демократии ҳуқуқбунёд хос мебошанд. Вазъи ҳуқуқии шахс тамоми муносибатҳои муҳими давлатию ҷаъмиятиро фаро гирифта, танзими ҳуқуқӣ ва тартиботи аникро талаб мекунад. Ҳамин тариқ вазъи ҳуқуқии шахс тамоми муносибатҳои муҳими дар ҷомеа ва давлат ба миён омадаро дар бар мегирад. Азбаски тағйир додани вазъи ҳуқуқӣ шахс танҳо бо роҳи қонунгузорӣ муайян карда мешавад, давлат мақоми ҳуқуқии шахсро тавассути принсипҳои конститутсионӣ, қонунгузории соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда муайян менамояд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ба мафҳуми принсипҳои мақоми ҳуқуқӣ назари олимон якранг набуда онро бо чунин тарз шарҳ медиҳанд. Аз ҷумла Е.И. Козлова ва О.Е. Кутафин ба шаҳрвандӣ, принсипҳои умумии мақоми инсон ва шахрванд, ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои асосиро марбут медонад, А.И. Коваленко ба шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳоро мансуб мешуморад. Масалан Э.А. Лукашева, қайд мекунад, ки шаҳрванд дорандаи қобилияти умумии ҳуқуқӣ буда, кафолатҳо, манфиятҳои қонунӣ, масъулияти ҳуқуқӣ ва дигар унсурҳои иловагӣ ё шартҳои муқаррарии

вазъи ҳуқуқӣ ба вуҷудомадаро доро мебошад. Бинобар ҳамин унсурҳои дуюмдараҷа нисбат ба унсурҳои асосӣ (масалан ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба уҳдадориҳо дуюмдараҷа аст, зеро бидуни уҳдадорӣ ҷавобгари вуҷуд надорад) камтар эътибор доранд.

Дар навбати худ, В.Н. Хропанюк муътақид аст, ки принсипи ҳуқуқ ҳамчун як навъи сохтори асосӣ амал мекунад, ки он на танҳо ба меъёрҳои ҷудогонаи ҳуқуқ, падида ё шохаҳои ҳуқуқ, балки куллан ба низоми ҳуқуқ такя менамояд [131, с. 215].

Дар илми ҳуқуқшиноси ватанӣ олимон аз ҷумла А.И. Имомов, А.М. Диноршоев, Р.Ш. Сотиволдиев, М.Н. Раҷабов доир ба мафҳуми принсипҳои мақоми ҳуқуқӣ таваҷҷӯҳи махсусе зоҳир мекунанд. Масалан Р.Ш. Сотиволдиев дар асари хеш мафҳуми принсипро чунин қайд намудааст «Принсипҳои ҳуқуқ – асосҳои пешбаранда, нуқтаҳои асосӣ, ғояҳо мебошад, ки мазмун, моҳият ва таъйиноти ҳуқуқро дар ҷомеа ифода мекунад» [119, с. 379]. Дар ин раванд, принсипи ҳуқуқӣ ғояҳои адолат, озоди баробарӣ, поквиҷдонӣ, хираднокӣ ва арзишҳои дигари ахлоқӣ-ҳуқуқиро ифод, дар ҷомеа нақши инсон ва шаҳрвандро бо дарназардошти ҳамин таъриф муайян намуда, ба танзим меорад.

Дар маҷмуъ олимони соҳа мафҳуми вазъи ҳуқуқии шахсро аз маҷмуи унсурҳои гуногун вобаста ба принсипҳои асосӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳо арзёбӣ намудаанд, ки минбаъд тибқи сохтори таркибии он аниқу фаҳмо мебошад. Маънои мақбули принсип – истилоҳи лотини «principum» буда, маънои «асос» ё «ибтидо»-ро ифода менамояд [125, с. 19]. Дар илми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «принсип» васеъ истифода мешаванд. Чунончи категорияи «принсип» бо мафҳуми меъёри ҳуқуқӣ, ки хусусияти умумӣ дорад, ҳаммаъно мебошад. Бо мазмуни томаш «принсипҳо»-ро ҳамчун мафкураи асосӣ меҳисобанд. Чунин фаҳмиши принсип аз маънои мақбулшудаи умуми фарқ намекунад, вале дар ҳуқуқи байналхалқӣ мавқеъи махсуси маъноии худро дорад.

Бо дарназардошти мафҳуми дар боло зикргардида, принсипҳои ҳуқуқиро вобаста ба хусусиятҳояш бо намудҳои зайл ҷудо намудем:

1. Принсипҳои дорои аҳамияти умумӣ;

2. Принсипҳои дорои аҳамияти байнисоҳавӣ;

3. Принсипҳои дорои аҳамияти соҳавӣ.

Принсипи умумӣ ҳамон нуқтаҳоеро дар бар мегирад, ки ба ҳамаи соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқ паҳн шуда, аз принсипи адолат, озодӣ, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарҳуқуқӣ, инсондустӣ (гуманизм), ягонагии ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо, демократӣ ва қонуният иборат буда, дар шакли меъёрии Конститутсия инъикоси худро ёфтааст. Дар Конститутсияи ҶТ принсипҳое, қайд шудаанд, ки дар шакли меъёрҳои умумӣ дар қонунгузории миллӣ заминаи бунёдӣ дониста мешавад ва ифодакунандаи ҳамаи принсипҳои ҳуқуқӣ мебошад, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи гурезаҳо.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи (м. 17) баробарҳуқуқии инсонро новобаста аз нажод, ҷинс, забон, миллат, муносибат ба дин, мавқеъи сиёсӣ кафолат дода, маҳдудият барои паҳн кардани маълумотҳои шахсиро пахш мекунад. Принсипи баробарӣ новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, динӣ ва дигар ҳуқуқҳо, ки дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, нисбати гурезагон амалӣ мегардад. Принсипи мазкур барои гурезагон ва шахси паноҳҷӯёнда, ки дар натҷаи хавфи комилан асоснок гирифтори осеби равонӣ, ҷисмонӣ, ё поймолшавии ҳуқуқҳо гардидаанд, бинобар ҳамин сабаб тарки давлати шаҳрвандӣ ё ҷойи истиқомати доимӣ кардаанд, муҳим арзёбӣ мегардад.

Зимнан, паноҳҷӯянда ва шахсони гуреза донисташуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз расму оину урфашон дар назди қонунгузорӣ баробар бо шаҳрвандони Тоҷикистон қарор доранд.

Дар солҳои охир амалияи кишварҳои хориҷӣ собит сохт, ки принсипҳои баробарии гурезаҳо на дар байни худи онҳо, балки бо шаҳрвандони кишвари қабулкунанда риоя намегардад [58, с. 165]. Дар ягон

давлати дунё баробари пурраи шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ, аз ҷумла гурезаҳо бо шаҳрвандони давлати қабулкунандаи онҳо вуҷуд надорад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи ягонагии ҳуқуқ, озодиҳо ва ӯҳдадориҳо ҷой дорад, ки вазъи ҳуқуқии шахсро дар ҷомеаи ва давлат муайян мекунад. Принсипи мазкур хусусияти умуми дошта новобаста аз мақоми шаҳрвандӣ ба ҳамагон як хел татбиқ мегардад, аз ҷумла нисбати гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯяндае, ки дар ҶТ қарор доранд.

Принсипи мазкур ифодаи худро дар «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон» аз соли 1948 ёфта, дар м. 29 чунин қайд шудааст: «Ҳар як шахс вазифадор аст, ки дар инкишофи озодонаи дигарон дахолат нанамояд». Амали ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд «бо таври бояду шояд риояи ва ҳифз мегардад» ва бо мақсади қонеъ намудани ҳуқуқу озодиҳои дигарон, талаботҳоии аҳлоӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва некуаҳволии ҷомеаи демократӣ» талаб карда мешавад. Пайваста ҷорӣ намудани принсипи ягонагии ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳо зимни қонунгузории ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» боиси аз байн бурдани баъзе мушкилоти ба миён омада дар муайян намудани мақоми гуреза мегардад. Аҳамият ин принсип нисбати гурезагон дар он аст, ки ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои муқарраргардида ӯ аз мақоми гуреза маҳрум ва аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда мешавад. Ҳамин тариқ, Қонунгузории ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» шахсони гуреза донисташударо уҳдадор менамояд, ки Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҶТ- ро риоя кунанд. Дар мавриди содир шудани ҷиноят аз ҷониби гуреза дар қаламрави ҶТ, натанҳо боиси маҳрумшавӣ аз озоди инчунин бо ҳукми суд мақоми гурезаи ӯ қатъ мегардад.

Дар Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ эътироф шудааст. Аз муқаррароти меъёри мазкур чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар баробари шаҳрвандон ба шахсоне, ки дар ҶТ паноҳҷӯянда ва ё гуреза דониста шудаанд татбиқ мешаванд. Бо

назардошти ин муқаррароти мазкурро бо тарзи зерин мавриди барраси қарор хоҳем дод:

– ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд (м. 5);

– ба ҳар шахс ҳуқуқи гирифтани ёрии ҳуқуқӣ кафолат дода мешавад (м. 19);

– ҳар шахс ҳуқуқ дорад ҷуброни зарарро аз амали (беамалии) ғайриконунии мақомоти давлати ё шахсони мансабдори давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ талаб намояд (м. 32);

– маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, саломатӣ аҳоли, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат (м. 14).

Вобаста ба ин принсипи умумиинсоние, ки дар б. 1 м. 14 Конститутсияи ҶТ устувор шудааст, принсипи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, мебошад.

Принсипи байнисоҳавӣ бошад дар баргирандаи ногузири ҷавобгарӣ, ёрии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, баробари дар назди қонунун ва суд, ошкор будани мурофиаи судӣ ва ғ., ки дар дигар соҳаҳои хуқуқ истифода мешавад. Ҳаминро бояд қайд намуд, принсипи номбурда бо истифода аз меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ дар ҳимояи ҳуқуқӣ ҳалли мушкилоти паноҳҷӯяндагон ва гурезагон назаррас мебошад.

Принсипҳои соҳавӣ дар соҳаи ҷудогонаи ҳуқуқ истифода мешавад, ки рушд ва амалишавии онҳо аз муқаррароти меъёрҳои Конститутсионӣ вобастагӣ дорад. Масъалан принсипҳои кор бо шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо бевосита дар м. 3.1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 [3] қайд гардидааст. Ва принсипҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гурезаҳо хусусиятҳои худро дорад, ки бо омилҳои гуногун

вобаста мебошанд. Дар маҷмуъ принсипҳое, ки ба ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо дар қонуни соҳавӣ инъикос ёфтаанд аз соҳаи ҳуқуқи инсон манша гирифта, аҳамияти махсуси конститутсиони пайдо мекунад. Ин чунин маъни дорад, ки объекти ба танзимдарории ин муносибатҳои ҳуқуқӣ категорияи шахсони махсусан озордидаро дар назар дорад.

Бо назардошти қисматҳои зикршуда ба мо зарур аст, ки ба мафҳуми вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дохил намудани принсипҳои асосӣ, ҷузъҳои таркибии онро ҷудо намуда, ба як низоми муайн ворид созем ва баъдан воситаи амалишавии онро аниқ намоем.

Ҳамин тариқ, ба доираи принсипҳои муайянсозандаи мақоми ҳуқуқии гурезаҳо ва шахсони паноҷӯянда дохил мешаванд:

– ғайри табъиз;

– берун накардан;

– мутаҳидшавии оила;

– маҳрамият;

– афзалияти ҳимояи манфиятҳои шахсони осебпазир.

Принсипи ғайритабъиз (маҳдуднасозӣ) асоси конститутсионӣ ва байналхалқӣ дошта, аз м. 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м. 3 Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо аз соли 1951 сарчашма мегирад. Мутобиқи моддаи мазкур «Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад».Қонунгузор принсипи мазкурро дар ҳифзи ҳуқуқи шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо дар мувофиқа ба санадҳои байналмилалӣ рушду инкишоф медиҳад. Дар баробари ин моддаи 3 Конвенсияи соли 1951 муқаррар менамояд, ки: «Давлатҳои аҳдкунанда бидуни ягон табъиз бо нишонаҳои нажодӣ, динӣ ва ё кишвари аслии онҳо истифода хоҳад кард». Аз мазмуну моҳияти принсипи мазкур метавон натиҷа гирифт, ки ҳангоми кор бо шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо масъулин вазифадоранд, ки нисбати ингуна ашхос табъизро истифода нанамоянд. Ғояи ғайритаъбиз ё махдуднасозӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мавқеи асосӣ дорад. Зуҳуроте, ки бо истилоҳи «маҳдудият»

муайян карда мешавад, бешубҳа, вайрон намудани ҳуқуқи фундаменталиро (принсипҳон адолат,баробарӣ ва шаъни инсок) нишон медиҳад.

Манъ кардани маҳдудсозӣ ё худ маҳдудият барои гурезахо аҳамияти зарурӣ дорад. Ҳангоме гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда бо шумораи зиёд ворид мешаванд ба давлати паноҳгоҳ ва аҳолии маҳаллӣ ба навъе таъсир мерасонанд. Баъзе ҷамъиятҳои маҳаллие, ки гурезаҳоро қабул мекунанд, онҳоро ҳамчун хавф ба тарзи ҳаёти худ, маданият ва ҳатто амнияти давлат мешуморанд. Бисёр вақт ҳангоми мубоҳисаи «гарму самимӣ» бо муҳоҷирони «нохоҳам» аз хотир мебароранд [217]. Чи тавре, ки қайд намуда будем гурезаҳо шахсони хориҷӣ дар давлати дигар ба ҳисоб рафта, дар таносуби маҳдудият беҳад нозук мебошанд.

Омӯзиши амалияи байналмилалӣ собит намуд, ки гурезаҳо бо маҳдудияти гуногунрангу гуногундараҷа дучор мешаванд. Масалан, шахсони паноҳчӯянда бисёр вақт дар гирифтани паноҳгоҳ дар давлати хостааш, бинобар сабаби нишонаи давлати аслӣ ё миллат иҷозат надоранд. Ба ҳамин монанд гурезаҳо бисёр вақт ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти онҳоро тасдиқ мекунанд, бо худ надоранд ва дар натиҷа, дар онҳо масъалаҳо дар муносибат бо маъмурият дар қабули дархости мақоми гуреза ба миён меояд. Ба андешаи мо мақомотҳое, ки тартиби қабули пешниҳод барои панохгоҳро мегузаронанд, аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқ не, балки аз рӯйи сабабҳои сиёсатӣ молиявии давлатӣ амал мекунанд. Албатта, ҳар як мақоми давлатӣ наметавонад берун аз сиёсати пешгирифтаи давлат фаъолияти худро амалӣ гардонад, вале чунин ҳолат ба тадбиқшавии меъёрҳои ҳуқуқӣ монеа эҷод мекунад.

Масъалаи дигаре, ки мавриди объекти таҳлил қарор дода мешавад ин меъёрҳои қонунгузории амалкунанда доир ба принсипи берун накардан (маъни рондан) мебошад. Принсипи берун накардан ё маънии рондан ҳангоми кор бо гурезагон дар моддаи 3.1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» 10.05.2002 сол, қайд гардидааст [3]. Ғояи берун накардан меъёри бунёдие мебошад, ки аз м. 33 Конвенсияи соли 1951 дар

мақоми гуреза манша мегирад. Мазмун ва моҳияти принсипи мазкур аз он дарак медиҳад, ки нисбати шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни қарор доранд, татбиқ нахоҳад шуд. Барои дуруст истифода бурдани принсипи номбурда ба мо зарур аст, ки ба мафҳумҳои навъҳои гуногуни хориҷ кардани шаҳрвандони хориҷӣ аз давлат диқат дода бошем.

Ҳамзамон бо ин, дар қонунгузории миллӣ мафҳумҳои зерин ба монанди: депортатсия ё худ рондан (высылка); берун кардан (выдворение); бо роҳи маъмурӣ берун кардан аз ҳудуди давлат; маҷбуран берун кардан (принудительное выдворение) истифода мешаванд.

Вале ҳамаи ин истилоҳот аз рӯйи расмиёти худ бо ҳамдигар алоқаманд буда, дар маҷмуъ дар баргардонидан (хориҷ)-и шахс ба давлати мансубият ё ба ҷойи истиқомати пештараи доимӣ ё ин ки ба кишвари сеюми он мусоидат менамояд. Зиёда аз ин, ҳолати мазкур ба бисёр нофаҳмиҳо ба мафҳумҳои асосӣ ворид месозад, ки дар натиҷа «рондан аз қаламрави давлат» ва «депортатсия», инчунин бо роҳи маъмурӣ берун кардан аз қаламрави давлат» маънои якхелаи ҳуқуқиро таҷассум менамояд.

Мафҳумҳои зикршуда аз рӯйи табиати маҷбурӣ-маъмурӣ ва расмиёти иҷроиши худ монанданд, аммо аз рӯйи асоси татбиқ ва оқибатҳои ҳуқуқии худ гуногунанд. Қобили қайд мебошад, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ мафҳумҳои рондан, маҷбуран берун кардан (депортатсия) дода нашудаанд. Бинобар ин барои ошкор кардани истилоҳи мафҳумҳои додашуда ба луғатҳои ҳуқуқӣ нисбат ба масъалаи мазкур руй овардан зарур мебошад. Дар зери истилоҳи «рондан» дар фарҳанги забони тоҷикӣ [128, с. 144] «берун кардан, дур кардан, пеш кардани касе барои содир кардани ҷиноят», фаҳмида мешавад. Дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ зери мафҳуми депортатсия маҷбуран баровардани шахси муайян ё гурӯҳи ашхос аз қаламрави давлат, тибқи қарори мақомоти давлатӣ [57, с. 190], фаҳмида мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки дар Низомномаи Румӣ суди байналхалқӣ мафҳуми «депортатия»-ро ҳамчун чинояти муқобили инсоният, ки дар кӯчонидани зуроваронаи шахсон аз маҳалли истиқомати

қонунии онҳо ва ба рондан ё дигар амалҳои маҷбурӣ маҳкум кардан зоҳир мегардад, шарҳ додааст. Бо назардошти таҳлилҳои болозикр ба чунин хулоса омадем, ки яке аз шаклҳои махсус депортатсия «рондан» ё «маҷбуран берун кардан» ба ҳисоб меравад.

Дар баробари истифодаи истилоҳи «депортатия» мо кушиш намудем, ки ба истилоҳи «маҷбуран берун кардан» аз қаламрави давлат назари худро байён дошта бошем. Истилоҳи «маҷбуран берун кардан», ки бо қонуни ҶТ «Дар бораи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» пешбини шудааст [32], дар қонунгузории амалкунанда шарҳ дода намешавад. Дар сурати, агар «маҷбуран берун кардан» чораи мустақили маъмурӣ ҳисобкарда шавад пас қонунгузор то андозаи зарурӣ расмиёти мазкурро муайян кардааст. Агар қонунгузор «маҷбуран берун кардан»-ро бо иҷрои қарор дар бораи бо роҳи маъмурӣ берун кардан аз қаламрави ҶТ, ки бо қ. 2 м. 217 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҶТ пешбини шудааст [11], алоқаманд кардааст, пас истилоҳи нав – «маҷбуран берун кардан», ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» оварда мешавад, беасос буда, ба талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷавобгӯ нест. Чунки қонуни мазкур истифодаи мафҳумҳои ҷудогонаро дар як маъно иҷозат намедиҳад. Ба андешаи мо, «маҷбуран берун кардан» ҳамчун «рондан (берун кардан)» фаҳмида мешавад, зеро «рондан» аслан амали маҷбурӣ ҳисоб мешавад. Ҳамчун тадбири мусбат бояд қайд намуд, ки дар Қонуни ҶТ»Дар бораи гурезаҳо» соли 2014 ба м. 3.1. илова карда шуд, ки дар он яке аз принсипҳо манъи рондани гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯ мебошад. Аммо дар қ. 3 м. 499 КҲМ ҶТ ҳамчун қисми санксия, нибати гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯ, ки барои вайрон кардани қоидаҳои иқомат ҷаримаи маъмурӣ ва бо роҳи маъмурӣ берун карданро муқаррар кардааст, ки ба м. 33 Конвенсияи соли 1951 ва м. 14 Қонуни ҶТ»Дар бораи гурезаҳо» мухолифат дорад, зеро дар меъёрҳои санадҳои номбаршуда, ногузирии рондани гурезаҳо ба кишвар ё марзе, ки ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нажод, дин, шаҳрвандӣ, мансубият ба

гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатар таҳдид мекунад, қайд гардидааст.

Принсипи манъи рондан ё худ баргардонидани иҷбории бо истилоҳи non-refoulement – рад кардан аз баргардондан (рондани) маҷбурии гуреза ба қаламрави давлате, ки ба ӯ таъқиб шудан таҳдид мекунад, ифода мешавад. Ҳангоми ҷустуҷӯи паноҳгоҳ гурезаҳо зуд-зуд ба чораҳои маҳдудкунӣ дучор мешаванд, ё онҳоро дастгир мекунанд, ё маҷбуран ба минтақаҳое, ки ҳаёт, озодӣ ва бехатарин онҳо дар хавфу хатар мешаванд, бармегардонанд.

Бо ин сабаб принсипи манъи рондани гурезаҳо дар моддаи 33 Конвенсияи соли 1951 чунин қайд шудааст «Манъи рондани маҷбурӣ ё баргардонии гурезаҳо ба кишварҳое, ки онҳо аз он ҷо омадаанд». Принсипи мазкур инкишофи минбаъдаи худро дар м. 3 Созишномаи СММ бар зидди шиканҷа ва дигар намуди муносибатҳо ва ҷазоҳои бераҳмона, золимона ё таҳқири шаъну шараф аз 10-уми декабри соли 1984 қабул шудааст, бо тартиби зайл идома додааст: «Ҳич як давлати иштирокчӣ набояд ягон шахсро ба давлати дигар бо сабабҳои асосноки мавҷуд аз истифодаи таҳқир, шиканҷа дар онҷо бадарға кунад ё баргардонад». Ҳамин тариқ, мақсади асосии принсипи манъи рондан ё худ баргардонидани дар он аст, ки давлатҳо набояд гурезаҳоро ба минтақае, ки онҳо ба таъқиб дучор мешаванд, баргардонанд. Ҳангоми ба гуреза паноҳгоҳ пешниҳод кардан, давлати дахлдор уҳдадориҳоро оид ба ҳимояи ӯ аз баргардонии маҷбурӣ, риоя ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои устувори гуреза, инчунин уҳдадориҳоро оид ба имконият додан дар сарзамини худ зиндагӣ кардан, то ҳал шудани масъалаи дарозмуҳлати ӯ қабул мекунад.

Дар навбати худ ин принсип ба шахсоне, ки дар марҳилаи ибтидоӣ ва дар дигар ҳолатҳо паноҳгоҳ меҷӯянд, истифода бурда мешавад, барои он ки дар ҳолати дигар ҳимояи босамарро пешниҳод кардан номумкин мебошад. Ин бо он фаҳмонда мешавад, ки ҳар як шахсе паноҳҷӯянда, эътимолан гуреза шуданаш мумкин аст. Дар м. 14 Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ мекунад, ки «Шахсони паноҳҷӯянда, ки дар хусуси гуреза донистан дархост пешниҳод намудананд, гуреза дониста шудаанд, макоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, хилофи иродаи онҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёг ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳп муайяни иҷтимоӣ ё ақндаҳои сиёсӣ хатари таъқиб тахдид мекунад, баргирдонида намешаванд». Аз ин бармеояд, ки қонунгузорни дохилӣ нисбати ин принсип ба стандартҳои байналмилалӣ бо пуррагӣ мувофнқат мекунад. Вале амалия нишон медиҳад ин гуна мувофикат дар бисёр ҳолатҳо норасои мекунад. Ин бо он фаҳмонда мешавад, ки дар амалия аксарияти кишварҳо бо шартномаҳои дутарафа ва чандтарафа оиди боздод ва кӯмаки ҳуқуқӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои гуногуни банналмиллалӣ пешбинӣ шудааст, алоқаманд мебошанд. Масалан, дар соли 2010 Тоҷикистон шаҳрванди Қирғизистонро, ки мақоми гуреза дошт, бо дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Қиргизистон баргардонида дод, ки ин дар асоси Созишномаи ИДМ оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ гузаронида шуд [133, с. 97].

Дар баробари омузиши қонунгузории миллӣ вобаста ба принсипи маънии рондан ба Сандаҳои ҳуқуқи қитъаи Аврупо таваҷҷуҳ зоҳир кардем. Масалан, дар моддаи 3 Конвенсияи оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон қайд гардидааст: «Ҳеҷ кас набояд мавриди шиканҷа, муносибати бераҳмона, ҷазои ҷисмонӣ ва ё таҳти таҳқири шаъну шараф қарор гирад». Ин муқаррароти меъёрӣ замонати «пурра»-ро пешбинӣ намуда, ба шахс ҳамагуна ҳимояро кафолат медиҳад. Инчунин дар ин модда, қайд шудааст, ки аз давлат рондани шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ ба кишвари дигар ё ҷойи истиқомати доимие, ки онҳоро хатар дар онҷо таҳдид мекунад манъ аст.

Принсипи дигари конунгузории соҳавӣ, дар бахши кор бо гурезагон ин муттаҳидшавии оила ба ҳисоб меравад. Моҳияти принсипи мазкур тақозо мекунад, ки ҳангоми кор бо шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳое, ки

дар қаламрави ҶТ қарор доранд, масъулинро водор месозад, ки дар муттаҳидшаваии оила мусоидат намоянд. Аслан принсипи номбурда сарчашма мегирад аз Хулосаи №24 аз соли 1981 Кумитаи иҷроияи Раёсати Комиссарияти Олӣ оид ба масъалаҳои гурезаҳо [49, с. 158].

Дар хулосаи мазкур ба давлатҳо тавсия дода шудааст, ки барои ҳимояи оилаҳои гурезаҳо тадбирҳои зарури андешанд, то он ки:

– ҳифзи ягонагии оилаи гурезаро таъмин намоянд, аз ҷумла дар мавридҳое, ки сарвари оила шартҳоеро қонеъ мекунад, ки барои воридшавӣ ба ин ё он кишвар мувофиқ дониста мешавад;

– ҳимояи гурезагони ноболиғе, ки аз тарафи калонсолон ҳамроҳӣ намешаванд, махсусан дар масъалаи васоят ва фарзандхондӣ.

Бояд қайд намуд, Конвенсия соли 1951 оид ба мақоми гурезаҳо принсипи номбурдаро ба мафҳуми «гуреза» истифода накардааст, аммо аз тарафи кишварҳои аъзои Конвенсияи мазкур риоя карда мешавад. Дар маҷмуъ принсипи номбурда маънои онро дорад, ки «Агар сарвари оила ба меъёрҳое, ки дар таърифҳо муқаррар шудааст, ҷавоб диҳад, аъзои оила, ки таҳти васояти ӯ қарор доранд, низ мутобиқи принсипи ягонании (муттаҳидшавии) оила мақоми гурезаро соҳиб мегарданд.

Дар хусуси истифодаи принсипи муттаҳидшавии оила ҳаминро бояд қайд намуд, ки масъулин дар таъмини ҳифзи оилаи гурезагон ҳамаҷониба диқати махсус диҳанд.

Принсипи дигари қонунгузорӣ дар бахши гурезагон, ки мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додем, принсипи марҳамият мебошад. Мақсади принсипи марҳамият ҳамин аст, ки ҳангоми кор бо гурезагон ва паноҳҷӯянда бояд марҳамият таъмин карда шавад. Аз ин бармеояд, ки масъулине, ки дар ҷараёни кор бо шахсони паноҳҷӯяндаю гуреза мусоҳиба мегузаронанд, набояд маълумот дар бораи ҳаёти шахсӣ, оилавӣ ва дархости онҳоро оид ба гирифтани мақоми паноҳҷӯянда ё гуреза бе розигии онҳо паҳн намояд. Вобаста ба махсусияти принсипи марҳамият дар хулосаи №72 Кумитаи иҷроияи Раёсати Комиссари Олии оид ба кор бо гурезагон тавсияҳо пешбини шудаанд, аз ҷумла:

– бо сабаби ҳимояи шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо тавсия дода мешавад: ҳангоми дарҳости онҳо дар бораи гуреза донистан маълумотҳои шахсиашон ба хотири таъмини амнияташон махфӣ нигоҳ дошта мешаванд;

– бо сабаби ҳимояи шахсони паноҳҷӯянда дар давлат- иштирокчиёни Конвенсия марбут ба гурезаҳо аз соли 1951 маълумот дар бораи вазъи оилавӣ, фарзандхондӣ, доштани беморӣ, дархост дар бораи гуреза донистан марҳамияти онҳо бояд нигоҳ дошта шаванд. Вобаста ба тавсияҳои дода шуда, низ дар банди 9 Низомномаи шаҳодатномаи гуреза, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2016 тасдиқ гардидааст, суҳбат бо шахси дархосткунанда дар дохили биное, ки ҳифзи маълумоти махфиро таъмин менамояд, гузаронида мешавад.

Дар баробари принсипҳои дар боло қайд намуда, мо ба принсипи дигари қонунгузорӣ «афзалияти ҳимояи манфиятҳои шахсони осебпазир» таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои хешро дар ин бахш баён намудем.

Аз мазмуни принсипи мазкур бармеояд, ки ҳангоми кор бо шахсонӣ паноҳҷӯянда ва гуреза афзалият бояд ба шахсони осебпазир дода шавад. Чун қоида таҳти мафҳуми шахсони осебпазир доираи ашхосе фаҳмида мешаванд, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ нисбат ба дигар доираи ашхос заифанд ё таҳти таҳдидҳое қарор доранд, ки дар натиҷаи ҷараёнҳои сиёсӣ ба миён омадаанд. Ногуфта намонад, ки ба доираи ашхоси осебпазир пеш аз ҳама кӯдакон, ҷавонон, занон, маъюбон ва шахсони камбизоату бенаво дохил мешаванд.

Мувофиқи сарчашмаҳои илмӣ ба категорияи «осебпазир» шахсони зерин дохил мешаванд:

– гурезаҳо «дипатритҳо» ва муҳоҷирони иҷборӣ;

– апатридҳо ва бипатридҳо;

– занҳо;

– ақидаҳои бо таъқиб вобаста ва ғ. [159, с. 162].

Дар ин хусус ташкилотҳои байналмилалӣ андешаҳо гуногун доранд. Аз ҷумла дар хулосаи №39 Кумитаи иҷроияи Раёсати Комиссариати Олӣ оид ба гурезагон қайд шудааст, ки ба доираи шахсони осебпазир занҳо ва

кӯдакон дохил мешаванд. Дар навбати худ Кумитаи иҷроияи РКОГ тавсияи хулосавии худро ба кишварҳои аъзои Конвенсияи соли 1951 пешниҳод намуда, кайд мекунанд, ки занҳо ва духтарон дар миёни гурезаҳои ҷаҳон барзиёд мебошанд ва бештари онҳо мушкилотҳои махсусро дар самти ҳимояи байналмилалӣ аз сар мегузаронанд.

Бинобари эътироф намудани ингуна мушкилот аз рӯйи ҳолати осебпазир доштани онҳо ба вуҷуд меояд ва дар натиҷа занҳо ва духтарон гирифтори зуроварии ҷисмонӣ, таҳдиди шаҳвони ва табъиз дучор мегарданд. Дар асл мақсади тавсияи Кумитаи иҷроияи РКОГ нисбати занон, маъюбон, ҷавонон ва ятимон, ки осебпазир дониста мешаванд чунин пешниҳодот намудааст:

– нисбат ба кӯдакон (агар маъюб бошанд), ки бо ҳамроҳи волидайн омадаанд. Агар яке аз волидон гуреза ҳисобида шавад пас давлати қабулкунанда уҳдадор мешавад, ки ба ӯ мақоми гурезаро пешниҳод намояд;

– нисбати занон, кӯдакони маъюб, ятимон, камбизоатон ва дигар шахсони ба кӯмаки ичтимоӣ ниёзманд, ки имконияти сокин шуданро дар хонаҳои истиқомати надоранд, кумак расонида мешавад;

– нисбат ба шахсони осебпазир чораҳои рушди ҷисмонӣ, равонӣ, фикронӣ, зеҳнӣ ва ҳолати иқтисодию ичтимоӣ андешида мешавад.

Ба андешаи мо ба доираи шахсони болозикр, инчунин ноболиғони бе ҳамроҳ, занҳои танҳо ва шахсони солхӯрдаи танҳо дохил мешаванд. Ногуфта намонад,ки принсипи мазкур дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун принсипи мустаҳқил пешбини шуда, ҳангоми кор бо шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо нисбат ба шахсони осебпазир ба инобат гирифта мешаванд.

Барои дуруст дарк кардани мафҳуми асосии мақоми гуреза ба мо зарур мебошад, ки дар баробари принсипҳои болозикр ба унсурҳои расмиёти муайянкунии мақоми гуреза таваҷҷӯҳ дошта бошем, чунки аз лиҳози мазмуни мантиқӣ онҳо якдигарро пурра месозанд. Гирифтани мақоми гуреза ин тасдиққунии расмии ҳуқуқи инсон ба ҳимояи давлатӣ алоқаманд

мебошад. Бинобар ҳамин муайянкунии мақоми гуреза натиҷаҳои ҳуқуқиро ба миён оварда, мувофиқакунии шароити шахс ё гурӯҳи муқарраршударо ба талаботҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад. Яъне тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 шахс ҳамон вақт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуреза дониста мешавад, ки агар ӯ ба унсурҳои муқарарнамудаи қонуни мазкур ҷавобгӯ бошад.

Бинобар ҳамин, барои тазими илмии муайяннамоии мақоми гуреза ба мо лозим аст унсурҳои мувофиқ донисташударо бо чунин тартиб ҷудо намоем:

1. Хавфи комилан асоснок;

2. Таъқибот;

3. Берун аз давлати шаҳрвандӣ;

4. Аз ҳимояи давлаи аслӣ нахостан ё натавонистан.

Дар қонунгузории соҳавӣ ибораи «хавфи комилан асоснок» дар мафҳуми «гуреза» қайд шудааст, ки таҳкурсии муайянсози мақоми гуреза бо назардошти ҷавобу савол, мавҷудияти шароитҳо дар ҳолатҳои муайян ба вуқуъ мепайвандад. Дар баробари ин дар Дастурамал РКОГ «Оид ба тартиб ва меъёрҳои мушаххаснамои мақоми гуреза» бо чунин тарз ишора шудааст «мавҷуд будани хавфи таъқиби оянда, на бояд ба далелҳои маҳдудкунӣ дар гузашта алоқаманд дониста шавад» [74, с. 162]. Ба андешаи мо дар чунин ҳолат «хавфи комилан асоснок»-ро аниқ намудан беҳад душвор мебошад, чунки тарафҳои объективӣ ва субъективӣ масъалаҳои вобасташуда, ки онҳо аз ҷониби масъулин ё мақомоти муҳоҷират, ки ба додани мақоми гуреза ваколатдор шудаанд, бояд ба назар гирифта шавад.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба истилоҳи «хавфи комилан асоснок» тарафҳои субъективӣ («хавф») ва тарафҳои объективӣ («комилан асоснок ҷабр дидан аз таъқиб) дохил мешавад. Хавф ҳамчун унсури субъективӣ – ҳолати рӯҳии субъективии, бо шароити шахсӣ, оилавӣ ва ҳиссёти ӯ алоқаманд, дониста мешавад. Ҳамин тариқ, сарчашмаи маълумоти субъективӣ аз тарафи арзкунанда баён намудани моҳияти кор, назари ӯ ба воқеаҳои дар ҳаёти худи ӯ рӯхдода, ки оқибати дархости гуреза шуданро ба

миён овардааст, мебошад. Ин барои муайян намудани авзои аслии ҳолат ва барои баҳогузорӣ намудани шахсияти арзкунанда, ақидаи ӯ, хусусиятҳои ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, иштироки ӯ дар ташкилотҳои динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ зарур аст [73, с. 56].

Дар хусуси «Асоснок будани хавфи таъқиб» олими хориҷи Жакупова Ч.И. таъкид менамояд, ки ба ҷузъҳои муҳими вазъияти кишвари аслӣ дархосткунанда «вазъияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, оид ба риояи ҳуқуқи инсон ва қонунгузории давлат алоқаманд дониста мешавад» [73, с. 56-57].

Ба назари мо ба ҷузъи объективӣ таъқиб мавҷуд будани хусусиятҳои ваъзияти дар кишвари бо таври объективий, бо назардошти сабабҳои объективи баҳогузори кардан лозим аст.

Мутаассифона дар амалия мақомоти ваколатдори давлатӣ дархости арзкунандаро оид ба додани мақоми гуреза хусусиятҳои инфиродии парвандаро ба назар гирифта (баҳогузории шахсият, иштироки пештараи ӯ дар ҳаёти сиёсӣ ва ғайра) дар меъёрӣ зарурӣ баҳогузорӣ намекунанд.

Дар м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» унсури дигари ҳимояи гурезаҳо «таъқибот»-ро муқаррар намудааст. Қайд бояд кард, ки хавфи комилан асоснок бо таъқибот дар алоқаманди зич қарор дошта, ҳамдигаро пурра месозанд. Аммо омӯзиш ва таҳлилҳо собит сохт, ки дар созишномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи соли 1951 дар бахши гуреза таърифи таъқиб оид ба ҳуқуқи инсон ҷой надорад. Масалан, дар Дастурамали РКОГ СММ «Оид ба тартиб ва меъёрҳои муайян намудани мақоми гуреза» қайд шудааст, ки меъёрҳои таъқиб аз дигар намудн вайронкуниҳои ҳуқуки инсон бармеояд. Ин маъноеро дорад, ки барои гирифтани мақоми гуреза арзкунанда метавонад аз меъёрҳои умумии ҳимояи ҳуқуқҳои инсон истифода баранд.

Масъалаи дигари муҳим он мебошад, ки дар Конвенсияи СММ соли 1951 таърифи таъқиб вуҷуд надорад, вале аз моддаи 33 Конвенсияи мазкур хулоса баровардаи мумкин аст, ки таҳдид ба ҳаёт ва озодӣ аз рӯйи

нишонаҳои нажод, дину махзаб, шаҳрвандӣ, ақидаи сиёсӣ ё мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ, ҳамчун таъқиб дониста мешавад [73, с. 59-60].

Қобили зикр аст, ки ҳаргуна вайронкунии ҳуқуқи шахс ё гурӯҳи ашхос, ки дархост пешниҳод кардаанд, ҳамчун таъқиб баҳо додан мумкин нест. Таъқиб нисбати шахс дар ҳолатҳои мавҷудбудаи маҳдудкунӣ (дискриминатсия), поймол кардани ҳуқуқҳои ӯ ба озодӣ, интихоби дину маҳзаб, ақидаҳои сиёсӣ, мансубият ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ғ., дониста мешавад. Инсон дар ҳаёт ба вазъияти гуногуни пурхавф дучор мешавад, вале хатари иҷтимоӣ фарқ мекунад ва бинобар ҳамин сабабҳо маҷбур мешаванд кишвари асли худро тарк намояд. Дар чунин ҳолат ба вазъияти кишвар ва ҳолати руҳии шахси дархосткунандаи мақоми гуреза диққати махсус додан ҳатмӣ мебошад. Ҳолатҳое мешавад, ки шахс дар минтақаи офати таббии қарор дорад ё бо сабаби беҳтар кардани авзои моддӣ тарки давлати худ менамояд. Дархости ингуна шахсон дар хусуси «гуреза донистан» рад карда мешавад. Бо назардошти ин, агар маҳдудияти иқтисодии ҷиддие, ки инсонро аз ҳар гуна воситаи зиндагӣ маҳрум мекунад, рӯх бидиҳад, таъқиб дониста мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони хориҷӣ, ки гирифтори ҳар гуна воситаҳои таъқиб шудаанд, яъне як ё якчанд аломатҳое, ки дар м. 2-юми Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» пешбини шудааст, мавҷуд бошад мақоми гурезаро медиҳад. Бояд қайд намуд, ки қонуни мазкур аломатҳои зерини хавфи таъқиботро нисбати ашхоси дархосткунандаи мақоми гуреза, бо чунин тарз муқаррар намудааст: нажод; дину маҳзаб; шаҳрвандӣ (миллат); мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ; ақидаи сиёсӣ.

Ҳангоми таҳлили адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии болозикр, мебояд таъкид кард, ки таърифи таъқиб на дар Конвенсияи соли 1951 оиди мақоми гуреза ва на дар шартномаҳои байналхалқи доир ба ҳуқуқи инсон ҷой надорад. Зеро мафҳуми «таъқиб» ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ якрангу умумиэътирофшудаест, ки коркард нашудааст. Чуноне дар м. 33 Конвенсияи соли 1951 таърифи «таҳдид» ба маънои

«таъқиб» бо аломатҳои зерин: таҳдид ба ҳаёт ва озодӣ аз рӯйи нишонаҳои нажодӣ, динию мазҳаб, шаҳрванд, ақидаҳои сиёсӣ ё муносибат ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ омадааст.

Мушкилоти дигар он аст, ки истилоҳи «таъқиб» Дар Конвенсияи СММ соли 1984 зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайри инсонӣ ё таъқиркунандаи шаъну шараф ба маънои «ҳамагуна амалҳое, ки ба воситаи он ба шахс қасдан дарду азоби ҷисмони ё маънавӣ расонида мешавад», корбаст шудааст. Бо ҳамин мазмун дар моддаи 143(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «шиканҷа» – расонидани азоби ҷисмонӣ ё маънавӣ бо мақсади маҷбур кардани шахс ба додани нишондод ё амали дигаре, ки ба хилофи иродаи шахс равона мегардад, фаҳмида мешавад [28]. Зимнан, таърифи додашуда нисбати гурезагон чандон мувофиқ намебошад.

Дар маҷмуъ, зимни омӯзиш ва тадқиқи унсурҳои муайянсози мақоми гуреза ҳаминро қайд карданиам, ки «таъқибот» тавассути роҳу воситаҳои зиёде ба миён меояд, ки маъмулан дар он таҳдид дида мешавад. Аммо таҳдид бошад бевосита ба шараф ва саломатӣ, инчунин ба поймолшави ҳуқуқи озодиҳои шахсони алоҳида – «гурезаҳо» алоқаманд дониста мешавад. Берун аз давлати аслӣ унсури дигари «додани мақоми гуреза» дар Қонунгузории миллӣ муқаррар шудааст. Мувофиқи он шахси дархосткунандаи мақоми гуреза бояд ба хавфи таъқиб мубтало бошад. Бояд зикр намуд, ки унсури мазкур нисбати шахсоне татбиқ мешавад, ки берун аз давлати шаҳрвандӣ қарор дошта бошанд. Мафҳуми мазкур нисбати шахсони бешаҳрвандӣ ё шахсони дар ду ва зиёда ҳамсон истифода мешавад. Масалан, шахси бешахрвандӣ, ки дар ҶТ қарор дорад ҳатман бо далелҳо ё дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷойи истиқомати пештараи худро ба мақомоти қабулкунандаи дархости ӯ пешниҳод ва исбот карда тавонад. Дар мавриде, ки шахси арзкунанда аз сабаби набудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ наметавонад исботи давлати аслӣ ё шаҳрвандии худ намояд, корманди мақомоти ваколатдор бояд кофтукови маълумотҳоро оид ба

давлатӣ тавлидшудаи ӯ гузаронад. Нисбат ба шахсоне, дар ҳолати душаҳрвандӣ қарор доранд, барои гирифтани мақоми гуреза дар ҶТ бояд онҳо тасдиқ карда тавонанд, ки дар кадоме аз ин яке аз давлатҳо гирифтори таъқиб шудааст. Дар чунин ҳолат ба шахси дархосткунанда бояд тавсияи ҳимояи давлати шаҳрвандии дуюм пешниҳод карда шавад, агар ӯ аз ҳимояи он даст накашида бошад.

Бо ибораи дигар, ин гуна шахс бояд барои истифода бурдан дар амал аз ҳимояи ҳар як давлате, ки шаҳрванди он мебошад, кӯшиш харҷ намояд. Бинобар ин ба шахсоне, ки дар ҳолати душаҳрвандӣ қарор доранд ва хоҳиши гирифтани мақоми гурезаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, бояд хавфи комилан асосноки қурбони таъқиб шуданашро дар яке аз давлатҳои шаҳрвандӣ дошта исбот карда тавонад.

Ҳар як давлат дар риоя ва барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандони худ, новобаста аз макони ҷойгиршавӣ вазифадор мебошад. Лекин ҳолатҳое низ дучор меояд, ки давлат наметавонад ё намехоҳад ба шаҳрвандони худ ҳимояи комилан мувофиқро пешбинӣ намояд. Дар чунин ҳолатҳо ҳимояи давлатиро ҳимояи байналмилалӣ иваз мекунад.Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки субъекти мустақили ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар низоми қонунгузорӣ аввалиндараҷа эътироф менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои болозикрро ҶТ ба инобат гирифта, дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ба шахсе, ки наметавонад ё намехоҳад аз ҳимояи кишвари мансубияти шаҳрвандӣ худ истифода намояд, мақоми гуреза медиҳад. Ин гувоҳи он аст, ки ба доираи мафҳуми мақоми гуреза дохил шудан, шахсе пазируфта мешавад, ки бояд барои истифода бурдан аз ҳимояи кишвари мансубияти шаҳрвандӣ ё маҳалли истиқомати худ имконият ё хоҳиш надошта бошад.

«Имконият надоштан барои истифода бурдан аз ҳимояи кишвари мансубияти шаҳрвандӣ» ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки аз хоҳиши шахси мазкур вобаста намебошанд. Яъне омилҳои худро дорад. Чуноне, сар

задани гирифториҳои сиёсӣ, муқовимат, амалиётҳои ҷангӣ ва дигар ҳолатҳои хавф, ки кишвари мансубияти шаҳрвандӣ ба шахс ҳимояи худро пешниҳод карда наметавонад ё ин ҳимояро самаранок ба анҷом намерасонад. Дар ҳолати дигар шахс эҳсос менамояд, ки ҳимоя аз хавфи таъқиб дар давлати шаҳрвандӣ имконнопазир аст, бинобар ин тарки кишвар ё ҷойи истиқомати худ намуда, минбаъд аз ҳимояи давлати аслӣ даст мекашад ва майли «гуреза шудан»-ро дар давлати дигар асос мешуморад.

Агар шахс аз ҳимояи дипломатӣ истифода барад, ин дар бораи нигоҳдории муносибат байни ӯ ва кишвари ӯ ва дар навбати худ набудани дар ин шахс хавфи боасоси қурбони таъқиб шудан дар кишвари аслӣ, гувоҳӣ медиҳад. Лекин алоқаи гуреза ё шахеи паноҳҷӯянда бо мақомоти консулии давлат на ҳама вақт ҳамчун нишонаи набудани хавфҳои мазкур дида баромада мешавад. Масалан, додани шиноснома ё дигар намудҳои ҳуҷҷатҳо, ҳимояи консулиро не, балки танҳо ҳамкории маъмуриро нишон медиҳад.

Дар заминаи далелҳои оварда метавон чунин натиҷа гирифт:

1. Дар қ. 1, м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» қайд шудааст, ки «Шахсони паноҳҷӯянда, ки дар хусуси гуреза донистан дархост пешниҳод намудаанд, гуреза дониста шудаанд, мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, хилофи иродаи онҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида намешаванд».Бояд қайд намуд, ки қонунгузории соҳавии ҶТ доираи вазъи ҳуқуқии шахсонро хилофи иродаашон, ки мақоми гурезагиро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, муайян накардааст. Дар ин ҳолат қонунгузор вазъи ҳуқуқии онҳоро номуайян мондааст. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки дар ин ҳолат ба шахсон ҳимояи муваққатӣ дода шавад ва ин ҳолат имконият медиҳад, ки дар модаи 14 банди алоҳида дар

муайян кардани вазъи ҳуқуқии ин категорияи шахсон ҳамчун ба нафарони ба ҳимояи муваққатӣ эҳтиёҷманд, муқаррар карда шавад.

2. Манъи рондани гурезаҳо аз қаламрави давлат, таъмини озодии ҳаракати гурезаҳо аз сарҳади давлатӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати дарёфти ҳуқуқи даромадан ба кишвари дигарро Конвенсия оид ба мақоми гуреза аз 28 июли соли 1951 (м.м. 31-33) ба мазмуни кафолати ҳуқуқии онҳо шомил месозад. Вале чунин вазъ дар м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ нагардидааст. Ба талаботи конвенсия ҷавобгӯ намудани муқаррароти моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» ифодакунандаи тамоми паҳлуҳои кафолати ҳуқуқии гурезаҳо мебошад.

3. Ба андешаи мо беҳтар мебуд, ки дар м. 2 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», ки аз 10 майи соли 2002 қабул шудааст, истилоҳи «таъқиб» ба «таҳдид» тағйир дода шавад. Мақсади пешниҳод дар он мебошад, ки таърифи истилоҳи «таъқиб» на дар Конвенсияи соли 1951 оид ба мақоми гуреза ва на дар шартномаҳои байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи инсон ҷой надоранд. Аммо дар Конвенсияи номбурда таърифи «таҳдид» бо аломатҳои зерин дода омадааст: таҳдид ба ҳаёт ва озодӣ аз рӯйи нишонаҳои нажодӣ, динию мазҳаб, шаҳрвандӣ, ақидаҳои сиёсӣ ё муносибат ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ. Масалан, таърифи «таъқиб» дар Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайри инсонӣ ё таъқиркунандаи шаъну шараф аз 1984 ба маънои «ҳамагуна амалҳое, ки ба шахс қасдан дарду азоби ҷисмони ё маънавӣ мерасонад», истифода шудааст.

Ба андешаи мо, ки таърифи додашуда нисбати гурезагон чандон мувофиқ нест. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ чунин ба назар мерасад, ки барои муйаян кардани мафҳуми «таъқиб» дар амалияи ҳуқуқи байналхалқӣ, бояд аз меъёрҳои ҳуқуқи инсон истифода намуд. Роҷеъ ба ин масъала таваҷҷӯҳ ба муқаррароти моддаи 1 (таърифи «гуреза») ва моддаи 33 (принсипи нарондан ) лозим мебошад, чунки дар Конвенсияи соли 1951, фарқияти

байни «таъқиб» ва «табъиз»-ро нагузоштааст, ки мазмуни онҳо дар асл чунин аст:

1. таъқиб, воситаи поймолкуни ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон мебошад;

2. табъиз, дар шиддатёбӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳои инсон нақши ҳалкунандаро доранд.

# БОБИ 2. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА РАСМИЁТИ ҲУҚУҚИИ МУАЙЯНСОЗИИ МАҚОМИ ГУРЕЗА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Танзими вазъи ҳуқуқии гуреза тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ

Дар ҷомеаи башарӣ ва шиддати авзои ҷаҳони муосир яке аз масоили мураккабу мубрами рӯзро ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ташкил медиҳад. Ҳарчанд баҳри ҳалли он қадамҳои устувор гузошта мешавад, вале комилан анҷом напазируфтаанд. Чун ки пайваста шумораи таҳдидҳо ва ҷангҳои дохилию байнидавлатӣ меафзоянд ва табиист, ки авзои нооромии ҷаҳон боиси зиёд гардидани миқдори гурезагон мегардад. Дар ин миён қисмати асосиро ҷангу мунокишаҳои дохилӣ ва минтақавӣ ташкил медиҳанд.

Масалан, аз нигоҳи рақам дар панҷ ҳазор соли охир дар сайёра зиёда аз 15 ҳазор ҷангу мунокишаҳои мусаллаҳона рух дода, дар миён инсоният танҳо 292 сол бо таври осоишта ба сар бурдааст. Мудҳиштарин ҷангҳо хоси қарни XX мебошанд. Аз ҷумла ҷанги якуми ҷаҳон аз се ду ҳиссаи курраи заминро фаро гирифта, сабаби ҳалокати 9,5 млн. одам ва Ҷанги дуюми ҷаҳон ин рақамро ба 50 млн. мерасонад, вале ин интиҳои ҷангу мунокишаҳо дар ин қарн набуда, инсоният пас аз соли 1945 то имрӯз зиёда аз 100 мунокишаҳои мусаллаҳонаро паси сар намуда, ки аз онҳо 22 млн. одам ба ҳалокат расидаанд [114, с. 186; 145, с. 4].

Аммо авзои нобасомони асри XX1 ва фоҷиаҳои чанд соли охир, комилан ҳисобу китоб нашудааст. Дар назар дошта мешавад муқовимати давлатҳои славянӣ, ҷангу хунрезӣ дар Сурия ва авзои Афғонистон. Табиист, он ҷое, ки ҷангу мунокиша бармехезад ҳуқуқи инсон поймолу ҳаёти он зери хатар мебошад.Бо чунин назардошт омили асосии гирифтани вазъи (статуси) гуреза, асосан аз зуҳури ҷангҳою мунокишаҳои мусаллаҳона сарчашма мегирад. Яъне бо сабабҳои объективию субъективӣ ҷангу мунокишаҳо ба вуқӯъ меоянд ва гурӯҳи муайяни одамонро зарурат пеш меояд, ки талабгори вазъи (мақоми) гуреза бошанд.

Ба ҳалли мушкилоти чунин қазия Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз пошхурдани ИҶШС мубтало гардида буд. Чуноне зиёда аз 850 ҳазор нафар шаҳрванди ҶТ ҷойи истиқомати доимии хешро тарк намуда, дар хориҷи кишвар гуреза дониста шуданд. Вале ин падида танҳо хоси Тоҷикистон набуд.

Вобаста ба қазияи номатлуби ҷомеаи ҷаҳони С.А. Авакян қайд менамояд, ки: «Мушкилоти гурезагон ҳамон вақт ҳалли худро пайдо менамояд, ки низоъҳои дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ бо ёрии қувваҳои дастаҷамъӣ ба танзим дароварда шаванд» [58, с. 59-61]. Мушкилоти мавҷуда зарурият ба миён оварда буд, ки ҷомеаи умумибашарӣ давра ба давра барои ҳали масъалаи ҳимояи гурезагон санадҳои ҳуқуқии хусусияти универсиалӣ ва минтақавӣ доштаро қабул намояд. Аммо ба андешаи мо барои ҳалли бехатои он, ҷомеаи ҳуқуқбунёдро зарур аст, ки бо таснифи санадҳои зарурӣ ба мафҳуми умумипазируфтаи гурезагон ҳамчун категорияи шаҳрвандӣ (ватанӣ ва хориҷӣ) таваҷҷуҳ намояд.

Дар танзими мақоми ҳуқуқии гурезаҳо, ки як навъи шаҳрвандони хориҷӣ ба ҳисоб мераванд, барои давлатҳои пазиранда як қатор муамморо ба миён овард. Инро ба инобат гирифта ҷомеаи ҷаҳонӣ барои пайдо намудани роҳҳои ҳуқуқии ҳалли ин масъала, нахуст санадҳои заруриро дар ин самт қабул намуд. Дар чунин ҳолат талоши ҷомеаи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама ба фароҳам овардани шароит барои ба ватан баргардонидани гурезагон, иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ба кишварҳои бехатар кӯчонидани гурезаҳо равона карда мешавад [82, с. 8-9]. Натиҷаи таҳлилҳо ба мо имконят дод, ки санадҳои ҳуқуқиро дар бахши танзими гурезаҳо ба тартиби зерин ҷудо намоем:

1. Танзими вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо ;

2. Танзими вазъи ҳуқуқӣ-байналмилалии гурезагон;

3. Танзими вазъи ҳуқуқии гурезагон дар қонунгузории миллӣ.

Меъёрҳои Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ мустақиман амал мекунад ва дар низоми қонунгузории ҶТ афзалият

дорад. Аз мазмуни муқаррароти мазкур бар меояд, ки дар саргаҳи низоми ҳуқуқии ҶТ Конститутсияи нақши авалия дошта, ҳама гуна санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ набояд ба Конститутсия мухолифат дошта бошанд, аз ҷумла, санадҳои танзимкунандаи мақоми гуреза.

Муҳаққиқи ватанӣ А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи нави ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамчун категорияи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ташаккул ёфта истодааст. «Барои ин бояд дастурҳои илмӣ ба ҷиҳатҳои иҷтимою иқтисодӣ такя кунанда ва ба воситаи сиёсати ҳуқуқӣ стратегияи оммавии Тоҷикистон таъмин карда шавад» [183, с. 57]. Зимнан, нақши Конститутсия дар танзимнамоии вазъи ҳуқуқии гурезаҳо асоси ҳуқуқӣ ва заминаи бунёд гузошт. Аз ин гузашта, зимни омӯзиши марҳилаҳои қабули Конститутсияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1929, 1931, 1937 ва 1978, ки ба режими сиёсии ИҶШС ва Конститутсия ҶШСТ мувофиқ буд, дар сатҳи танзими мафҳуми гуреза ишорае вуҷуд надошт. Табиист, ки дар ин раванд дар Тоҷикистони Шӯрави санади меъёрии ҳуқуқии махсуси танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии гурезаҳо вуҷуд дошта наметавонист, зеро ин чунин ҳолати ҳуқуқӣ дар сатҳи федералӣ, яъне бо қонунгузории Шӯравӣ ба танзим даровaрда мешуд. Аммо дар меъёрҳои алоҳидаи конститутсияҳои ҳамон давра муқаррарот ба шакли зайл ба «шаҳрвандони хориҷӣ бинобар ақидаҳои сиёси ё динӣ гирифтори таъқиб шудаанд», паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад, сабт шуда буд. Муқаррароти ин меъёр идомадиҳандаи мантиқии қ. 3, м. 16 Конститутсияи соли 1994 мебошад. Масъалаи дигар ҳамин аст, ки дар даврони Шуравӣ санадҳои меъёрии махсус, ба истиснои декрети Шурои Комиссарҳои Халқӣ аз 27 июни соли 1918 «Дар бораи вобаста ба мансубияти тобеоти идоравӣ баробар кардани гурезаҳое, ки ба сифати шаҳрванди Руссия мемонданд», мавҷуд набуд.

Мебояд таъкид кард, ки дар Конститутсияи соли 1994 ҶТ мафҳуми «гуреза» ё «ҳуқуқи гурезаҳо» зикр нашудааст, аммо танзими ҳуқуқии онҳо ба воситаи меъёрҳои вазъи ҳуқуқии шахрвандони хориҷӣ ва ашхоси

бешаҳрвандӣ амали мегардад (м. 16). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони бешаҳрвандӣ, паноҳҷӯяндагон, гурезаҳо ва ё шахсони ду ва зиёда шаҳрванди дошта, дар маҷмуъ шаҳрванди хориҷӣ дониста мешаванд. Дар баробаи ин Конститутсия ҳамаро дар назди қонун қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеъи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк баробар дониста, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Бинобар ҳамин, мо меъёрҳои Конститутсияи ҶТ-ро, ки дар танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо мусоидат менамоянд ба ду гурӯҳ ҷудо намудем:

– меъёрҳои хусусияти умумӣ дошта;

– меъёрхои хусусияти махсус дошта.

Ба зергурӯҳи аввали меъёрҳои Конститутсия дар соҳаи ба танзимдарории вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон моддаи 1 Конститутсияро дохил намуд. Дар он омадааст, ки Ҷумхурии Точикистон давлати иҷтимоӣ мебошад ва ба ҳар кас шароити зиндагии арзанда, ҳаёти осоишта ва сазоворро кафолат медиҳад. Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки гурезаҳо дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чунин кафолатҳо бархудор мебошанд. Ба ҳамин мувофиқ муқаррароти м. 5 Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистои «инсон, қуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ доранд», дониста мешавад. Тибқи меъёри мазкур конунгузории ҶТ ҳуқуқу ухдадориҳои муйаяни гурезаҳоро эътироф намуда ва онҳоро арзиши олӣ эълон мекунад. Меъёри мазкур ба ҳамаи шахсон новобаста аз шаҳрвандӣ, забон, дин, андешаи сиёсӣ паҳн мегардад. Дар маҷмуъ ин меъёр нисбати инсон, новобаста аз вазъи ҳуқуқии ӯ татбиқ мешавад.

Ашхоси паноҳҷӯянда ва гурезаҳое, ки бинобар хавфи комилан асоснок дошта давлати худро тарк намудаанд, зери таъсири меъёрҳои пешбини гардида қарор мегиранд. Дар навбати худ давлат ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро арзиши олӣ эътироф намуда, дар танзимнамоии онҳо ба худ ӯхдадорӣ гирифтааст. Аз ин муқаррароти Конститутси чунин хулоса бармеояд, ки давлат ба паноҳҷӯянда ва гурезаҳо дар баробари ҳуқуқу

озодиҳо, инчунин иҷрои уҳдадориҳоро пешбинӣ намудааст, ки ифодаи арзиши олӣ доштанро дорад. Меъёри дигари танзимкунандаи вазъи ҳуқуқи м. 12 Конститутсия ҶТ мебошад, ки дар он кафолати ҳамагуна моликият пешбини шудааст. Вобаста ба муқаррароти меъёри номбурда гуреза дар баробари дигар ашхос дар ҶТ ҳуқуқ ба доштани моликиятро дорад. Айнан, меъёри мазкур дар моддаи 13 Конвенсия дар бораи мақоми гуреза ҷой дорад. Конститутсионӣ ҶТ ба гурезагон ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро дар баробари шаҳрвандони ҶТ кафолат додааст, ки мунтазам баҳри қонеъ намудани талаботи худ аз кафолатҳои додашуда истифода баранд.

Ба доираи меъёрҳое, ки хусусияти махсуси Конститутсионӣ доранд дар боби 2 Конститутсия вобаста ба ҳуқуқу озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд инъикос ёфтааст, бевосита ба гурезагон ва шахсони паноҳҷӯянда татбиқ мешавад. Ба мисоли, ҳуқуқ ба ҳаёт (м. 18), ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ (м. 19), ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил (м. 22), ҳуқуқ ба махфияти муросилот, мукотибот, гуфтугӯйи телефонӣ ва ғ. (м. 23), ҳукуқ ба эътиқоди динӣ (м. 26), ҳуқуқ ба озодии сухан ва матбуот (м. 30), ҳуқуқ ба моликият ва мерос (м. 32), ҳуқуқ ба оила (м. 33), ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касб, ҳимояи меҳнат, ҳимояи иҷтимоӣ аз бекорӣ (м. 35), ҳуқуқ ба манзил (м. 36), ҳукуқ ба истироҳат (м. 37), ҳуқуқ ба ҳимояи саломатӣ (м. 38), ҳуқуқ ба маълумот ва ғ.

Дар ин раванд дар таркиби конститутсия меъёрҳое мавҷуданд, ки дар баробари ҳуқуқу озодиҳо уҳдадории ҳар як шахс, аз ҷумла гурезаҳоро муқаррар намудааст. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: уҳдадории риоя кардани Конститутсия ва қонунҳои ҶТ, эҳтироми ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи дигарон (м. 42), уҳдадории ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихӣ ва маданӣ (м. 44), уҳдадории пардохти андозҳое, ки бо қонун муайян шудаанд (м. 45). Ҳамин тавр, Конститутсияи ҶТ ба сифати санади асосии қонугузор дар соҳаи танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо нуқтаи асл дониста мешавад ва муносибатҳои дар ин самт ба миёномадаро ба танзим медарорад.

Танзими байналмилалӣ ва ҳамкорӣ дар бахши ҳуқуқи инсон яке аз самтҳои муҳими демократикунонӣ дар самти ҳамкориҳои байналмилалии ҶТ мебошад. Мақсади ин муқаррарот дар таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳаёти воқеъӣ ва тасдиқ намудани эътибори шахсияти инсон дар ҳамагуна вақт ифода меёбад. Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми қонунгузории хешро дар танзимнамоии вазъи ҳуқуқи инсон дар баробар ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ роҳандозӣ мекунад.Бинобар ҳамин дар м.10 Конститутсия қайд шудааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Ин сухани хушку холӣ нест, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиёда аз 30 (сӣ) шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар бахши ҳуқуқи инсон, аз ҷумла дар бахши ҳуқуқи гурезаҳо ҳамроҳ гардидааст, ки аз сиёсати инсонпарварона гувоҳӣ медиҳад.

Чуноне зикр шуд мушкилоти гурсзаҳо аз масоили доғ ва печидаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки ба он давлатҳо тули солҳои зиёд рӯ ба рӯ гардидаанд. Мунтазам ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ санадҳои ҳуқуқиро дар ҳалли масоили гурезаҳо – ҳамчун гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар ҷаҳон, қабул ва роҳандозӣ менамоянд.

Яке аз хусусияти кафолатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо бо саъю кӯшиши муштараки давлатҳо дар асоси иродаю созиши тарафайн муқаррар ва дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам карда мешаванд [192, с. 5]. Бояд хотиррасон намуд, ки қабули санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар бахши ҳимояи гурезагон бо иллати оғози ҷангҳои ҷаҳонӣ буда, ба шумораи барзиёди муҳоҷирати иҷборӣ алоқаманд аст. Дар ин давра як қатор санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ доир ба вазъи ҳуқуқии гурезагон бо ташаббуси Лигаи Миллатҳо қабул гардид. Дар ин маврид мешавад аз саҳми олимони ватани ва хориҷӣ дар таҳлилу таснифи давраҳои ташаккул ва инкишофи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, ки назаррас мебошад, ёдовар шуд.

Масалан як зумра олимони хориҷӣ: А.А. Аванесова, А.М. Ибрагимов, Ю.Л. Сарашевский, А.В. Селиванов марҳилаҳои таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар бахши гурезагонро ба тариқи зайл тасниф намудаанд:

Марҳилаи I: аз 1914 то 1938 – давраи ташаккул ва инкишофи мафҳум ва принсипҳои асосӣ;

Марҳилаи II: аз 1938 то 1951 – давраи рушд ва тағйирёбӣ, ки ба оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва қабули Конвенсияи соли 1951 рост меояд;

Марҳилаи III: аз соли 1951 то имрӯз, бо назардошти тағйироту иловаҳои ба санадҳои муҳоҷирати иҷборӣ воридшуда хос мебошанд [175, с. 18].

Дар ин ҳошия муҳаққиқони ватанӣ: А.М. Диноршоев, Ш.М. Менглиев, М.Н. Раҷабов, Х.Р. Қодирқулов, Ф.С. Сулаймонов қабули санадҳои байналхалқиро оид ба танзими ҳуқуқии гурезаҳо ба марҳилаҳои зерин ҷудо намудаанд:

Марҳилаи I: аз соли 1922 то 1951 – давраи шаклгирии мафҳуми мушаххаси гуреза дар заминаи санадҳои байналмилалӣ ва минбаъд ба таъсисёбии созмони байналмилалӣ – Лигаи Миллатҳо (Созмони Миллали Муттаҳид) асос меёбад;

Марҳилаи II: аз соли 1951 то ба имрӯз, қабул ва тағйирёбии як қатор санадҳо вобаста ба вазъи ҳуқуқии апатридҳо, бипатридҳо ва дипатридҳо.

Дар танзимнамоии вазъи ҳуқуқи гурезаҳо тибқи санадҳои байналмилалӣ, ки олимони ватанӣ онро даврабандӣ намудаанд, дастгирӣ намуда ва бо чунин тартиб шарҳ хоҳем дод.

Аввалан, ҳама гуна ҳалли мушкилоти гурезаҳо ва норасоиҳои санадҳои байналхалқӣ, ки аз соли 1922 то 1951 қабул шуда буданд, шаҳодати қадамҳои нахустин дар шаклгирии вазъи ҳуқуқии гурезагон ба шумор меравад.

Дуюм, зиддиятҳо ва мунокишаҳои пай дар пайи байни давлатҳо ба миён омада, ки ба номукамалгардии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оварда мерасонид.

Сеюм, созишномаҳои пай дар пай қабул мегардиданд аммо хусусияти ҳатмии иҷро надоштанд, вале аз баъзе эъломияҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ муҳимтар арзёбӣ мешуданд.

Чорум, мазмуни кофии сатҳи байналмилалӣ надоштани ҳуҷҷати тасдиққунандаи гуреза (шиносномаи гуреза) буд, ки минбаъд бо пешниҳод ва эътирозҳои аъзои иттиҳоди давлатҳо дар муайян намудани мақоми гуреза асос гардида, ки дар заминаи қабули санадҳои ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсияти гуреза (шиносномаҳои Насеновӣ) роҳи ҳалли худро ёфт;

Панҷум, мавҷуд набудани санади Эъломиявӣ дар бораи ҳуқуқи инсон - нисбати шахсоне, ки шаҳрвандони кишвари ҷойи зисти худ нестанд ва мубталои таъқиб гардидаанд.

Вобаста ба таҳлилии марҳилаҳои фавқуззикр кушиш намудем, ки давраҳои қабули санадҳои ҳуқуқии байналхалқиро дар танзимнамоии вазъи ҳуқуқи гурезаҳо мушаххас тасниф намоем:

**1. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки хусусияти универсалӣ доранд** [40, с. 25]:

– Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10-уми декабри соли 1948;

– Пакти (Аҳдномаи) байналхалқӣ доир ба ҳуқукҳои гражданӣ ва сиёсии шаҳрвандон аз 16-уми декабри соли 1966;

– Пакти (Аҳдномаи) байналхалқӣ доир ба ҳукукҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандон аз 16-уми декабри соли 1966;

– Конвенсия «Дар бораи мақоми гурезаҳо» аз 28-уми июли соли 1951;

– Конвенсия дар бораи вазъи ҳуқуқии апатридҳо аз 28-уми сентябри соли 1954;

– Конвенсия дар бораи кам кардани ашхоси бешаҳрвандӣ аз 30-юми августи соли 1961;

– Протокол дар бораи вазъи гурезагон аз 4-уми октябри соли 1967;

– Эъломия дар бораи паноҳгоҳи ҳудудӣ аз 14-уми декабри соли 1967;

– Эъломия дар бораи ҳуқуқи инсон нисбати шахсоне, ки шаҳрвандони мамлакати чойи зисти худ намебошанд, аз 13-уми декабри соли 1985;

– Оинномаи Раёсати кор бо гурезагони СММ аз 14-уми декабри соли 1950.

**2. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии минтақавӣ доир ба танзими ҳуқуқи гурезаҳо:**

– Конвенсияи Ташкилоти Давлатҳои Африка дар бораи гурезаҳо аз 10-уми сентябри соли 1969;

– Эъломияи Картахен дар бораи гурезаҳо аз 22-юми ноябри соли 1984;

– Созишномаи аврупоӣ дар бораи бекор кардани раводид барои гурезаҳо аз 20-уми апрели соли 1959;

– Созишномаи аврупоӣ дар бораи тақсим кардани масъулият нисбати гурезаҳо аз 16-уми октябри соли 1980;

– Конвенсияи Дублин аз 15-уми июни соли 1990, ки давлати масъулро дар мавриди дида баромадани дархост оид ба гирифтани мақоми гуреза дар байни давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо муйаян мекунад;

– Конвенсияи Шенген аз 19-уми июни соли 1990;

– Резолютсияи Шурои Иттиҳоди Аврупо аз 20-уми июни соли 1995 дар бораи кафолатҳои минималии тартиби додани паноҳгоҳ;

– Шартномаи Амстердам аз 2-уми октябри соли 1997.

**3. Шартномаҳое, ки ба навъҳои муйаяни гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ дахл доранд:**

– Созишномае, ки ба маллоҳон – гурезаҳо тааллуқ дорад, аз 24-уми ноябри соли 1957;

– Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳамагуна намуди дискриминатсия нисбати занон аз 18-уми декабри соли 1979;

– Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз 20-уми ноябри соли 1989.

**4. Санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, ки дар вазъияти муноқишаи муссаллаҳона ба гурезагон дахл доранд:**

– Конвенсияи IV Женева дар бораи ҳимояи аҳолии граждан̣ӣ дар вақти ҷанг аз 12-уми августи соли 1949;

– Протоколи иловагӣ доир ба ҳимояи қурбониёни муноқишаҳои мусаллаҳонаи байналхалқӣ аз 8-уми июни соли 1977;

– Созишнома дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ҳимояи қурбониёни муноқишаҳои мусаллаҳона аз 24-уми сентябри соли 1993.

**5. Шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳо оид ба ҳуқуқи гурезаҳо, ки дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул карда шудаанд:**

– Эъломияи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз 5-уми сентиябри соли 1991;

– Конфренсияи минтақавӣ доир ба баррасӣ намудани мушкилоти гурезаҳо, ашхосони кӯчонидашуда, дигар шаклҳои муҳоҷирати иҷбори дар кишварҳои ИДМ;

– Барномаи амалҳо (эъломия ва принсипҳо);

– Созишнома ИДМ дар бораи кӯмак дар бораи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ аз 24-уми сентиябри соли 1993;

– Протокол ба Созишнома дар бораи кӯмак ба гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ аз 24-уми сентиябри соли 1993;

– Низомнома «Дар бораи Фонди байнидавлатӣ кумак ба гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ» аз 10-уми феврали соли 1995.

Доир ба санадҳои дар боло қайдгардида, метавон ёдрас шуд, ки новобаста аз ҷанги якум ва дуюми ҷаҳон ҳуҷҷатҳое, ки то соли 1951 дар соҳаи ҳуқуқи гурезаҳо қабул шуда буданд, моҳиятан ҳуҷҷатҳои марҳилаи аввал буда, масъалаҳои нисбатан муҳимро ҳаллу фасл мекарданд, новобасна аз он, ки як навъ характери суроғавӣ доштанд.

Дуюм, диққати махсус ба номукаммал будани мафҳуми «гуреза» ба ҳисоб мерафт. Зеро замоне, ки Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гурезаҳо қабул гардида буд, давлатҳои узв ба ҳалли масъалаҳои ҷории гурезаҳо ва шахсони кучонидашуда машғул буданд ва ҳолати ояндаи ин гурӯҳи аҳолиро пешбинӣ накарда, як навъ беэътиноӣ зоҳир намуданд.Ин ҳолатро аз тавсияе, ки дар Ковенсияи мазкур пешбинӣ шудааст, пайхас

намудан мумкин аст [78, с. 15]. Зеро аз муқаррароти Конвенсияи соли 1951 танҳо он шахсоне истифода бурда метавонанд, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои то 1-уми январи соли 1951 рӯй дода, гуреза шудаанд.

Сеюм, ҳар як давлат бо мақсади ба танзим даровардани вазъи хуқуқии гурезаҳо қонунгузории худро таҳия менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ ба тағйир додани низоми қонунгузории миллӣ шуруъ намуд. Зимнан, қонунгузории ҳар як давлат дар соҳаи ҳуқуқи гурезаҳо дар зери фишори ҳодисаҳои муйяни таърихӣ қабул гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳамин ҷараён қарор дошта, аз рӯзҳои аввали соҳибихтиёрӣ ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Вазъи ноороми сиёсӣ, боиси коҳиш ёфтани ҳолати иҷтимоии аҳолӣ ва ба шиддати раванди муҳоҷират оварда расонид. Ҳамин тариқ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи мушкилоти басо душвори сиёсию иқтисодӣ нигоҳ накарда, санадҳои меъёри ҳуқуқиро дар танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо пай дар пайи қабул намуд. Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», қонун «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонун «Дар бораи муҳоҷират», қонун «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи шаҳрвандӣ», инчунин кодексҳо, санадҳои зерқонуни ва ғ.

Барои дурустии натиҷаҳои таҳқиқот ба мо зарур аст қонунгузории ҶТ-ро, ки ба танзимнамоии вазъи ҳуқуқии гурезаҳо алоқаманд мебошад, бо тартиб зайл гурӯҳбандӣ намоем:

1. қонунгузории хусусияти махсус дошта;
2. қонунгузории хусусияти комплекси дошта;
3. қонунгузории хусусияти умумӣ дошта;
4. санадҳои зерқонуни мусоидаткунанда.

Марҳилаҳои рушди қонунгузории хусусияти махсус дошта, яъне Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ба соҳибихтиёрии давлатӣ алоқаманд мебошад. Дар марҳилаи аввал бо мақсади ба танзим даровардани вазъи

ҳуқуқии шаҳрвандони муҳоҷири берун аз кишвар Фармони Президенти ҶТ дар бораи таъсис додани Хадамоти давлатии муҳоҷират аз 5 июли соли 1992 қабул шуд [38]. Ҳадафи асосии идора ташаккули сиёсати умумӣ дар самти муҳоҷирати аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва кумаки амалӣ расонидан ба шаҳрвандоне буд, ки бар асари вазъи нобасомони дохили кишвар иҷборан макони зисти доимии худро тарк карда буданд. Дар он давра давлату Ҳукумати ҶТ бо мақсади фароҳам овардани шароит барои бозгашти гурезаҳо - нахуст Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо»-ро аз 25 ноябри соли 1992 қабул намуд. Бо назардошти он, ки қонун аз истифодаи мафҳуми «гуреза»-и сабтшуда дар Конвенсия оид ба мақоми гуреза аз 28 майи соли 1951 худдорӣ карда буд, тибқи Қонун ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» унсурҳои асосии муқаррар намудани мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо ҳисоб мешуданд:

1. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон будан;
2. Ҷойи истиқомати доимии хеш (ҳудуди ҶТ)-ро бо сабабҳои нооромии вазъи сиёсӣ ва мунокишаҳои мусалаҳона тарк кардаанд.

Мақсади асосии қонуни он давра аз баргардонидани шаҳрвандони ҶТ ба ҷойи истиқомати доимӣ ва расонидани кумакҳои моддӣ ба онҳо иборат буд [108, с. 95-96]. Дар ин раванд Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии ҶТ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардида буд, роҳбари нави Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон интихоб шуда ва шуруъ аз ҳамон вақт сиёсати дохилӣ ва берунии ҶТ ба таври мусбат дигаргун гашт. Р.Ш. Эмомалӣ гуфта буд, ки то охирин гуреза ба ватан барнагардад ман худамро ором ҳис намекунам. Самараи иҷлосия дар баргардонии гурезаҳо буд.

Марҳилаи даври дуюми рушд қонунгузори махсус аз оғози соли 1994 мувофиқ дониста мешавад. Маҳз ба шарофати Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҶТ ноил шудан ба сулҳ ва оштии миллӣ ба масъалаи маркази фаъолияти густурдаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мубаддал гардид. Нақши бузурги Пешвои миллат дар он буд, ки тақозои давру замон ва манофеи миллатро

сари вақт дарк намуда, онро дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати дохилию хориҷӣ қарор дод. Ҳамон давра бинобар надоштани тарҷибаи комили худӣ оид ба ҳалли қазияи гурезаҳо ва бо мақсади ҳамгирой бо ҷомеаи ҷаҳонӣ Ҳукумати мамлакат 21-уми июли соли 1994 Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо ва Протоколи соли 1967-ро тасдиқ намуд. Инчунин, ҷиҳати мутобиқ сохтани санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба масъалаи гурезаҳо ва такмили қонунгузорӣ соли 1994 маротибаи дуюм Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» қабул карда шуд. Дар ин замина қарори Ҳукумати ҶТ аз 22-юми августи соли 1995 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба баргардонидани гурезаҳо-шаҳрвандони ҶТ ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои зисти муқимӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии онҳо» ва қарори Ҳукумати ҶТ аз 16-уми июли соли 1996 « Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ» ба тасвиб расид.

Тули солҳои 1993-1997 бо кӯшиши Роҳбари давлат сулҳу оромӣ дар ҳар як хонаводаи мардуми Тоҷикистон таъмин шуд.

Сафарҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба дигар давлатҳо бо мақсади музокирот ва пайдо кардани роҳи ҳалли масъалаи сулҳ натиҷаҳои зарурӣ оварданд. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири муътадил гардони вазъи кишвар ҷасорати шахси нишон дода, соли 1995 ба Хосдеҳи вилояти Таҳори Афғонистон-макони баргузории мулоқот рафт, сарфи назар азон ки ин сафар ба ҷони ӯ хатари азиме дошт. Маҳз ба шарофати сиёсати хиратмандона ва иқдомҳои неки роҳбарияти Тоҷикистон бо мақсади ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарпарастии СММ як силсила музокироту мулоқотҳо баргузор гардидаанд.

Дар натиҷаи ҳашт музокира миёни намояндагони Ҳукумати ҶТ ва мухолифин, шаш мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин се машварати ҳайати тарафҳо барпо гардид, ки дар он Протоколу ҳуҷҷатҳои зиёде ба имзо

расонида шуданд ва дар маҷмуъ муҳтавои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллиро дар Тоҷикистон ташкил доданд. Тадриҷан бо мақсади такмили равандҳои муҳоҷират ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоте, ки ба масоили муҳоҷират машғуланд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми декабри соли 1997, №355 дар заминаи Сарраёсат оид ба корҳои гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбории Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хадамоти давлатии муҳоҷират дар назди Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҶТ таъсис дода шуд. Ҳамин тариқ 27-уми июли соли 1997 дар ш. Москваи Федератсияи Россия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид. Баъди имзои ин созишнома бозгашти муташакилонаи гурезаҳои тоҷик ва ҷобаҷо кардани онҳо оғоз шуд. Дар натиҷа аз соли 1993 то соли 2000 беш аз 950599 нафар шаҳрвандони кишвар ба ҷойи зисти доимиашон баргардонида шудаанд [126, с. 9].

Дар ин раванд бо кӯшишҳои зиёди Ҳукумати ҶТ дар давоми соли 2002 511 нафар ҷавони тоҷик, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Покистон қарор ва имкони бозгашт надоштанд ба Тоҷикистон оварда шудаанд ва бо ҳамин раванди бозгашти муташаккилонаи гурезаҳо тоҷик ва муҳоҷирони иҷборӣ пурра анҷом ёфт. Бо назардошти вазъи ҳамон давра 5-уми октябри соли 2001 байни Ҳукумати ҶТ ва Идораи Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо созишнома дар бораи ҳамкорӣ баста шуд. Ҳарчанд Қонуни нави ҶТ аз 20-уми июли соли 1994 камбудиву мушкилоти зиёди дар қонуни пештара вуҷуддоштаро бартараф намуд, аммо аз баъзе нуқсу иллатҳо орӣ набуд. Чунончи, мафҳуми «гуреза» дар Қонуни ҶТ аз 20-уми июли соли 1994 унсурҳои зерини марбут ба мақоми гуреза – «надоштани имконияти баргаштан ё надоштани имконияти истифодаи ҳимояи кишвари хеш», наёфта буд. Ҳоло он ки унсури номбурда дар Конвенсия оид ба мақоми гуреза аз 28-уми июли соли 1951 дарҷ шудаанд.

Марҳилаи сеюми рушди қонунгузорӣ дар таҳрири нав қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 10-уми майи соли 2002 мебошад, ки асосҳо ва тартиби дар ҶТ гуреза донистани шахсони

паноҳҷӯянда, инчунин мақоми гурезаҳоро муайян намудан, кафолатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва манфиятҳои онҳоро муқаррар намуд. Қонуни нави ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» мутобиқ бо муқаррароти Конвенсияи оид ба мақоми гуреза таҳия гашта, бартарият дорад: аввалан дар м. 2 мафҳумҳои асосии марбут ба гуреза сабт шудаанд. Баъдан, номгӯй ва салоҳияти мақомоти давлатӣ дар бахши гурезаҳо (м.м. 4-5) муқаррар шудаанд. Дар ин санади меъёрӣ мафҳумҳои нави «шахсони паноҳҷӯянда» (м. 2), тартиби муроҷиат ва баррасии дархост дар бораи гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда, асосҳо барои рад намудани бақайдгирии дархост дар хусуси гуреза донистан ва оқибати он, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони паноҳҷӯянда (м.10), тартиби гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда (м. 11), ҳуқуқу уҳдадориҳои гуреза (м. 12), тартиби аз даст додан ва маҳрум шудан аз мақоми гуреза (м. 13), кафолатҳои ҳуқуқии шахсони паноҳҷӯянда ва гуреза ва дигар проблемаҳои мақоми гуреза мукаммалу мушаххас баррасӣ шудааст. Сарфи назар аз норасоиҳои ҷузъӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа ҷавобгуӣ талаботи байналмилалӣ буда, Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста чиҳати беҳсозии мақоми гурезаҳо тадбирҳо меандешад.

Санади дигари муҳими қонунгузори дар робита ба ин соҳа, ки хусусияти комплексӣ (муҷтаъмавӣ) дорад Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки 2-юми январи соли 2018 қабул шудааст. Дар Қонуни мазкур масъалаҳои зерин ба мисли мафҳуми «шаҳрванди хоричӣ», «шахси бешаҳрвандӣ» «паноҳгоҳи сиёсӣ», инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрванди хориҷӣ, тартиби ворид гардидан ва хориҷ шудани шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳоро ба танзим даровардааст. Дар рафти таҳлили илмӣ ва қиёс дар қонуни мазкур муайян гардид, ки мафҳуми «гуреза» дар он ҷой надорад. Ҳарчанд ин гуна ашхосон вобаста ба ҳолати

ҳуқуқиашон фарқ кунанд ҳам, вале дар маҷмуъ ба категорияи шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешаванд.

Санади дигари қонугузорӣ дар соҳаи вазъи хуқуқии гурезаҳо, ки хусусияти комплекси дорад ин Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8-уми августи соли 2015, №1208, мебошад. Дар Қонуни Конститутсионии мазкур меъёру принсипҳои дахлдоре мавҷуданд, ки дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор мегирад ва натанҳо ба масъалаҳои шаҳрвандӣ, балки ба ҳуқуқҳои инсон низ дахл доранд.

Вобаста ба ин олими ватанӣ М.Н. Раҷабов андеша дорад, ки амали меъёрҳои қонуни номбурда хусусияти умумӣ доранд ва дар баробари шаҳрвандонӣ ҶТ ба дигар навъҳои хориҷиён истифода карда мешаванд [194, с. 19-23]. Ба андешаи олим ҳамфикр буда, ҳамзамон меафзоям, ки масъалаи натурализатсия дар м. 34 Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо пешбини шудааст. Масалан, танзими натурализатсия (муроҷиат кардан) аз тарафи ҳуқуқи байналхалқӣ ҳамчун яке аз чораҳои дарозмуддати ҳал кардани мушкилоти гурезаҳо дар қисми ихтиёрона баргаштан ва кӯчонидаии онҳо баррасӣ карда мешавад.

Дар илми ҳуқуқшиноси олимони ватанӣ дар масъалаи шаҳрвандӣ мавқеи устувори худро собит намудаанд, ки ки мазмунан фарогири ҳуқуқи инсон мебошад. Ба андешаи олими ватанӣ А.И. Имомов. «интихоби шаҳрвандӣ ҳуқуқи ҷудонашавандан инсон мебошад» [151, с. 51-61]. Бо назардошти нуқтаҳои болозикр Ҷумҳурии Точикистон ба шахс имконияти соҳиб шудани шаҳрвандиро пешниҳод намудааст. Ҳамин тариқ шартҳои қабул шудан ба шаҳрвандии ҶТ дар м. 23 Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби зайл муқаррар гардидааст: зиндагии доимӣ дар қаламрави Ҷумхурии Точикистон доштан: барои шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бе шаҳрванд бе фосила панҷ сол пеш аз дархост карданашон: барои гурезаҳо,

ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати гуреза дониста шудаанд, нисфи мӯҳлат, яъне мутаносибан дуюним сол мебошад.

Дар баробари таҳлил ва омӯзиши санадҳои дар боло зикрнамуда дар соҳаи танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, ҷои муҳимро санади дигари хусусияти комплекси дошта Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999 ишғол менамояд. Қонуни номбурда муносибатҳоро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии равандҳои муҳоҷиратро дар ҶТ муайян кардааст.

Зимнан, дар қонуни номбурда мафҳумҳои «муҳоҷирон», «муҳоҷирати хориҷӣ», «репатриатсия» дохил гардидаанд. Ба мо зарур аст, ки фарқи мафҳуми «гуреза»-ро аз мафҳумҳои «муҳоҷири хориҷӣ» ё «муҳоҷирон» ҷудо намоем. Агар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» аркон ва меъёри мафҳуми «гуреза»-ро муқаррар намояд, пас мафҳумҳои «муҳоҷири хориҷӣ» ва ё «муҳоҷир» маҳз дар қонуни «муҳоҷират» пешбинӣ шудаанд. Дар ин қонун принсипҳои асосии танзимнамоии вазъи ҳуқуқии муҳоҷирон бо тартиби зайл зикр мешавад: принсипи таъмини ҳуқуқии инсон барои интихоби озодии маҳалли истиқомат, озодии меҳнат, озодии интихоби навъи фаъолият ва касб, озодии ҳиҷрат, озодии рафтуомад; принсипи норавоии ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқ аз рӯйи миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, маълумот, вазъи ҳуқуқии иҷтимоӣ ва молу мулк; принсипи манъи бадарға (рондан) ё баргардонидани муҳоҷирон ба кишваре, ки онҳо аз он омаданд; принсипи ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо ва ғ.

Мебояд таъкид кард, ки дар қонуни мазкур меъёри мушаххас дар хусуси ба танзимдарории вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони хориҷӣ, ки дар қаламрави ҶТ қарор доранд, яъне шахсоне ки то ҳол мақоми гурезаро нагирифтанд, вуҷуд надорад.

Санади дигари танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии гурезаҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1-уми августи соли 1997 мебошад. Дар Қонуни мазкур асосҳои ҳукуқии муқаррароти сарҳади давлатӣ, хати гузариш ва ҳимояи он, инчунин ваколатҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, Қуввақои Мусаллаҳи Ҷумхурии Тоҷикистон, дигар Қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ дар самти ҳимояи Сарҳади давлатии Ҷумқурии Тоҷикистон таъкид гардидааст . Ҳачунин дар ин қонун мафҳуми сарҳади давлатӣ, сиёсати сарҳади давлатӣ, ҳимоя ва муҳофизати сарҳади давлатӣ, тартиби гузаштан аз сарҳади давлатӣ, ваколатҳои мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаҳои сарҳади давлатӣ машғуланд, зикр мешавад.

Дар амалия ҳолатҳое мавҷуданд, ки ин ё он шахс бо мақсади раҳо ёфтан аз таъқиб дар давлати худ ва ёфтани паноҳгоҳ дар давлати дигар аз сарҳади давлатӣ бо роҳи ғайрилегалӣ (ғайрирасмӣ) мегузаранд. Дар чунин мавридҳо якумин мақомоти давлатие, ки бо чунин ашхос вомехӯранд, мақомоти ҳифзи сарҳади давлатӣ мебошанд. Бо назардошти ин дар м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ шудааст: дар мавриди маҷбуран - ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон нисбати ашхосе, ки гирифтани паноҳгоҳро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост намудаанд ва хоҳиши гуреза шуданро кардаанд, чораҳои ҷазои (санксияи) дар конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, барои ғайриқонунӣ ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва будубоши ғайриқонунӣ дар худуди он, татбиқ карда намешаванд.

Дар баробари қонунҳои танзимкунандаи мақоми гурезаҳо дар Тоҷикистон нақши муҳимро кодексҳо: Кодекси маданӣ, Кодекси меҳнат, Кодекси оила, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ва ғ., иҷро мекунанд

Дар миёни кодексҳо дар самти батанзимдарории вазъи ҳуқуқии гурезаҳо Кодекси маданӣ санади муайянкунанда ва муҳим ба ҳисоб

меравад. Дар қисмҳои 1 ва 2 Кодекси маданӣ ҶТ барои ба танзим даровардани муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ тадбирҳо равона гардидаанд. Агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, инчунин дар мавриди муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ, шахси бешаҳрвандӣ ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ низ истифода мешаванд.

Чунин муқаррарот хеле муҳим мебошад, чунки ашхоси паноҳҷӯянда ва гурезаҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии шахсӣ фаъолона иштирок менамоянд. Дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии гурезаҳо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хеле муҳим доранд. Дар м. 12 Кодекси меҳнат дар хусуси паҳн гардидани қонунгузории меҳнат нисбати шаҳрвандони хориҷӣ, ашхоси бешаҳрвандӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ қайд карда шудааст. Меъёри мазкур нисбати гурезаҳо низ истифода бурда мешавад. Дар м. 27-уми Кодекси оила муқарарот оид ба татбиқ намудани қонунгузорӣ дар соҳаи оила ва никоҳ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд пешбинӣ гардидааст [15].

Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари қонунҳо ва кодексҳо дар танзимнамоии мақоми гуреза ҷойи муҳимро санадҳои зерқонунӣ ишғол менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ин самт ду санади зерқонунй амал менамоянд: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми июли соли 2000, №323 «Дар бораи номгӯи кишварҳое, ки муваққатан зиндагӣ кардан дар онҳо то омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои рад намудани бақайдгирии илтимоснома доир ба гуреза эътироф намудани шахси хориҷӣ ва рад кардани эътирофи гурезагӣ ҳисоб меёбад» [18] ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июли соли 2000, №325 «Дар бораи номгӯи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷнкистон, ки дар он ҷойҳо муваққатан зист намудани шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо мумкин нест мебошанд [19].

Ин санадҳои зерқонунӣ муқарароти алоҳидаи қонунгузориро дар соҳаи вазъи ҳуқуқии гурезаҳо мушахас мегардонанд. Ҳарчанд, ки онҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикнстон «Дар бораи гурезаҳо» аз соли 1994 як коллизияи муйаян доранд, ва бинобар ҳамин дар муназзамсозии вазъи ҳуқукии гурезаҳо боиси ҳам мушкилоти назариявӣ ва ҳам мушкилоти амалӣ гаштанд. Ин мушкилот мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 «Дар бораи гурезаҳо» ба эътибор гирифта шуда, ба василаи тағйирот бартараф карда шуданд. М. 12 Қонуни номбурда ҳукуқ ва ӯҳдадориҳои гурезаҳоро, аз ҷумла ҳуқуқи истиқомати онҳоро дар марҳилаи баррасӣ кардани дархости гуреза эътироф намудан, дар нуқтаҳои аҳолинишин, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муйаян намудааст.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №323 номгӯйи кишварҳоеро, ки муваққатан зиндагӣ кардан дар онҳо то омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои рад намудани бақайдгирии дархост доир ба гуреза эътироф намудани шахси хориҷӣ ва рад кардани эътирофи гурезагӣ ҳисоб меёбад, муайян мекунад. Дар қарори номбурда давлатҳои зерин нобар шудаанд: Ӯзбекистон, Қирғизстон, Қазоқистон, Руссия, Белоруссия, Туркменистон, Хитой, Афғонистон, Эрон, Покистон. Моҳияти Қарор дар он ифода меёбад, ки агар шахси паноҳҷӯянда хоҳиши гирифтани мақоми гурезаро кардааст ва бо ҳамин сабаб мамлакати мансубияти шахрвандияшро тарк намуда, ба давлати дигар омадааст, сипас ба давлати сеюм рафтааст ва дар он ҷой дархостро оид ба гирифтани мақоми гуреза пешниҳод намудааст, пас дар ин маврид давлати сеюм ҳақ дорад, ки додани паноҳгоҳро ба чунин шахс рад намояд, чунки ин шахс метавонист мақоми гурезаро дар давлати дуюм соҳиб шавад. Бояд қайд намуд, ки ишора намудан ба ин консепсия ҳуқуқи давлат мебошад, на ӯҳдадории давлат, чунки давлат ҳамчун субъекти соҳибихтиёр метавонад, ки вазъи гурезаро ба ҳамагуна ашхос диҳад. Вале, агар шахс шаҳрванди яке аз ин давлатҳо бошад, масалан, Ҷумҳурии Исломии Афгонистон, пас дар чунин

маврид муқаррароти дар боло номбурда татбиқ карда намешавад, ба он шарте, ки чунин шахс аз давлати мансубияти шаҳрвандии худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст. Мазмуни ин санади зерқонунӣ дар он ифода меёбад, ки агар шахси паноҳгоҳҷӯянда дар бораи гирифтани мақоми гуреза дар он давлат муроҷиат менамуд, пас ӯ метавонист, ки мақоми гурезаро тибқи талаботи қонунгузории давлати дахлдор соҳиб гардад.

Зерқонуни дигар, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №325 мебошад, ки номгӯйи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки барои зисти муваққатии шахсони паноҳҷуянда ва гурезагон мамнуъ аст, муайян намудааст. Қарори номбурда 31 нуқтаи аҳолинишинро дарбар гирифтааст, ки ба шумораи онҳо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, шаҳри Кӯлоб, шаҳри Хуҷанд ва ғайраҳо дохил мешаванд. Пас аз даровардани тағйирот ба қарори мазкур дар соли 2004, шумораи нуқтаҳои аҳолинишин, ки дар он ҷойҳо истиқомат кардани ашхоси паноҳҷӯянда манъ карда шудааст, ба андозаи 24 (бисту чор) адад кам гардид, яъне 7 (ҳафт) нуқтаи аҳолинишин аз ин рӯйхат хориҷ карда шуданд. Пас аз ин тағйирот иҷозати истиқомат кардан дар нуқтаҳои зерини аҳолинишин дода шуд: шаҳри Кофарниҳон, Файзобод, Дарбанд, Тоҷикобод, Тавилдара, Ғарм, Ёвон. Ин дар ҳолест, ки тибқи муқаррароти м. 26 Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гуреза: «Ҳар давлати аҳдкунанда ба гурезаҳое, ки қонунӣ дар қаламрави он қарор доранд, ҳуқуқи интихоби маҳалли истиқомат ва ҳаракати озодро дар доираи қаламрави худ бо шарти риояи тамоми қоидаҳое, ки одатан нисбати хориҷиён дар ҳамин ҳолатҳо қобили истифодаанд, медиҳад». Аз ин бармеояд, ки дар масъалаи ҳуқуқи интихоби маҳалли истиқомат ва ҳаракат, шарти риояи тамоми қоидаҳо, гурезаҳо бо шаҳрвандони хориҷӣ баробар карда шудааст.

Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти аз 26-уми июли соли 2000, №325 «Дар бораи номгӯйи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар

он ҷойҳо муваққатан зист намудани шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест», нисбати шахсони паноҳҷӯянда низ тадбиқ карда шавад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи пурра асосҳои ҳуқуқии ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба қабул намудан, будубош ва баргаштани ашхоси гуреза эътирофшуда ба миён омадааст. Аз ҳама кори муҳим он мебошад, ки ҳамаи ин муқаррароти қонунгузорӣ дар амал иҷро шаванд.

Дар маҷмуъ, ҳангоми омузиши илмӣ ва таҳлили қонунгузорӣ дар танзими вазъи ҳуқуқии гуреза тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ ба чунин хулосаҳо омада, чанд нуктаро пешниҳод мекунем, ки дар муккамалшавии қонунгузории миллӣ дар оянда мусоидат менамоянд.

Пешниҳоди мо ба тариқи зайл аст:

Якум, сарфи назар аз он, ки дар қ. 5 м. 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» қарор дар бораи ба шахси гуреза донисташуда додани истиқоматгоҳ барои сукунати муваққатӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор мувофиқи тартибе, ки тибқи Низомномаи истиқомати гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, вуҷуд дорад, аммо то ҳол ягон санади дахлдор дар ин самт қабул нашудааст.Аз ин рӯ, ҷиҳати амали намудани ин меъёри қонун (қ. 5 м. 15 ва сархати дуюми м. 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо») пешниҳод мешавад, ки Низомномаи будубоши гурезаҳо қабул карда шавад, ки тартиб ва шаҳрҳои истиқоматиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гуреза буданашон муайян ва танзим намояд.

Дуюм, чун дар масъалаи ҳуқуқи интихоби маҳалли истиқомат ва ҳаракат, бо шарти риояи тамоми қоидаҳо, гурезаҳо бо шаҳрвандони хориҷӣ баробар карда шудааст,пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, №325 «Дар бораи номгӯи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он

ҷойҳо муваққатан зист намудани шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест», ки танҳо нисбати шахсони паноҳҷӯянда татбиқ карда шавад.

## 2.2. Расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза ва тартиби гирифтани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд дар арсаи ҷаҳони пазируфта шудааст ва дорои низоми қонунгузории худ мебошад, ки тартиби қабул ва амалигардонии онро мустақилона муайян менамояд. Бояд тазаккур дод, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии давлатӣ ҶТ дар заминаи таъриху фарҳанг ва расму оинҳои миллӣ низоми қонунгузории кишварро мутобиқ сохта, бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъияти онро такмил додааст. Дар танзими муносибати гурӯҳҳои махсуси ичтимои «гурезаҳо» дар марҳаллаҳои муайяни таърихи ҶТ се қонун «Дар бораи гурезаҳо»-ро (солҳои 1992, 1994 ва 2002) қабул кардааст, ки ҳар яке барои танзими мақоми гурезаҳо хизмати босазо намудаанд.

Дар танзимнамоии ин муносибатҳо нақши калидиро санадҳои ҳуқуқии қабулнамудаи Раёсати Созмони Милали Муттаҳид, Раёсати Комиссари Олии оид ба гурезаҳо (СММ)[1], инчунин Шурои Аврупо оид ба гурезаҳо (ECRE)[2] доранд. Дар баробари ин созмонҳои зикршуда таҷрибаи худро ба мақомоти иҷроияи кишварҳо дар робита ба муайян кардани мақоми гуреза пешниҳод намуда, ба давлатҳо барои риояи қоидаҳои муқарраргардидаи байналмилалӣ тавсия медиҳанд.

Мақсади асоси ин ҳал намудани эҳтиёҷи паноҳҷӯяндагон дар додани мақоми гуреза аз ҷониби давлатҳо бо назардошти ҷавобгӯй будан ба шартҳои мавҷудбуда, ба шумор мерафт [55]. Минбаъд ин гуна тартибот бо карорҳои гуногуни кумитаи ичроияи РКО СММ тасдиқ карда шуд.Илова бар ин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви СММ оид ба муайян намудани

[1] Ниг.: РКОГ СММ ба гурезагон дар саросари ҷаҳон муҳофизат ва кӯмак мерасонад. Ин Раёсати бо қарори Ассамблеяи Генералии СММ таъсис ефта, соли 1951 ба кор шурӯъ кард.
[2] Ниг.: ШАОГ (ЕКРЕ) – ин як созмони ҷамъиятӣ аст, ки соли 1974 барои ҳамоҳангсозии амалҳо байни созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ки бо ҳимояи гурезаҳо дар Аврупо машғуланд, таъсис ефтааст

вазъи ҳуқуқии шахсони паноҳҷӯянда, бахусус дар сарҳади давлатӣ ва минбаъд гуреза донистани онҳо расмиёти бақайдгириро дар заминаи қонунгузории миллӣ танзим намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муайн кардани мақоми гуреза боз як қатор санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии батанзимдарорандаи вазъи ҳуқуқҳои гурезаҳоро қабул намуд:

1. Аввалин санади қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои гурезаҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ эътироф шудаанд [1]. Ин меъёр, давлатро вазифадор мекунад, ки ин арзишҳоро эътироф, риоя ва ҳифз намояд.

2. Санадҳои дигари ҳуқуқӣ дар бахши гурезаҳо ин Конвенсия дар бораи вазъи гурезагҳо аз соли 1951 ва Протоколи он аз соли 1967 мебошад, ки соли 1993 аз ҷониби Тоҷикистон имзо ва тасдиқ шудаанд, ки сарчашмаи кафолатҳои ҳуқуқии гурезаҳо дар Тоҷикистон ва дар дигар кишварҳо мебошанд.

3. Барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба муайян кардани вазъи ҳуқуқии гурезаҳо нақши асосиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» дар бар мегирад. Қонуни мазкур мафҳуми васеъро дар бораи гуреза, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ мувофиқат мекунад, муқаррар менамояд; асос ва тартиби эътирофи паноҳҷӯён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гурезаҳо, кафолатҳои ҳуқуқи гурезагон, мақомоти ваколатдор дар соҳаи гурезаҳо ва ғайраро фарогир аст. Бояд гуфт, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикргардида тамоми муносибатҳои марбут ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гурезагонро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунанд, ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвари мо ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои худ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодӣ гурезаҳо тадбирҳои ҷиддӣ меандешад.

4. Кафили дигари ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо Раёсати оид ба кор бо гурезаҳои СММ мебошад, ки фаъолияти худро дар Тоҷикистон соли 1993 оғоз кардааст. Дар ибтидо вазифаи асосии Раёсати Комиссари Олии СММ

оид ба гурезаҳо мусоидат намудан ба бозгашти ихтиёрии гурезаҳо ба ватан, инчунин мусоидат ба онҳо дар раванди барқароршавӣ, ҷалби онҳо ба лоиҳаҳо ва барномаҳои гуногун иборат буд [107, с. 36].

Дар ҳоли ҳозир Раёсати кор бо гурезаҳо СММ дар Тоҷикистон ба гурезаҳои афғон кумак мерасонад: ҳифзи ҳуқуқӣ, пардохти кӯмакпулӣ, ташкили барномаҳои омӯзишӣ ва ғайраро роҳандозӣ менамояд.

5. Имрӯз дар сатҳи давлатӣ мақомоте амал мекунад, ки бо масъалаҳои гурезаҳо машғул аст - ин шӯъбаи шаҳрвандӣ ва кор бо гурезаҳои Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД ҶТ мебошад.Ин мақомоти давлатӣ татбиқи сиёсати давлатиро дар ин самт амали намуда, дар таъмини ҳуқуқи гурезаҳо, қабул ва баррасии ариза дар бораи гуреза донистани шахс, додани шаҳодатномаи гуреза ва ба таври инфиродӣ ҳал намудани мушкилоти гурезагон, аз ҷумла ба масъалаҳои манзил, таълими ноболиғон ва бо кор таъмин намудани онҳо мусоидат менамояд.

Кумитаи Иҷроияи СММ оид ба гурезаҳо талаботи асосии мурофиавиро оид ба расмиёти муайян кардани мақоми гуреза дар як қатор тавсияҳои худ (№8 ва №30) пешниҳод кардааст. Муқаррароти асосии тавсияҳо инҳоянд:

– бояд давлатҳо мувофиқи салоҳият ва қонунгузории худ расмиёти муайян кардани мақоми гурезаро ҷорӣ намоянд;

– шахси мансабдори салоҳиятдор (масалан, корманди соҳаи муҳоҷират ё назорати сарҳадӣ), ки аризадиҳанда ба он дар сарҳад ё қаламрави давлати аҳдкунанда муроҷиат мекунад, бояд дастурҳои возеҳ оид ба кор бо гурезаҳо дошта бошад;

– бояд мақомоти муайяншуда (мақоми ягонаи марказӣ) мавҷуд бошад, ки барои баррасии дархостҳо ва қабули қарорҳо дар марҳилаи аввал масъул бошанд;

– паноҳҷӯянда бояд бо шароити зарурӣ, аз ҷумла бо тарҷумон барои пешниҳоди ариза ба мақомоти дахлдор таъмин карда шавад;

– корманди дорои тахассус ва тарҷибаи кофӣ дар ин самт дошта бошанд, бо чунин ашхос мусоҳибаи беғаразонаи шахсӣ гузаронад;

– занони паноҳҷӯянда бояд бо тарҷумони ҷинси зан таъмин карда шаванд ва он ба расмиёти муайянкунии мақоми гуреза маълумоти муффасал дошта бошанд ва дода тавонанд, гарчанде, ки онҳоро аъзои марди оила ҳамроҳӣ мекунанд;

– агар аз рӯйи ариза дар бораи мақоми гуреза қарори манфӣ қабул шуда бошад, пас шахси паноҳҷӯ ҳуқуқ дорад, ки қарорри қабулнамудаи мақомоти ваколатдоро, ки дар марҳилаи аввал қабул кардааст, дар амал татбиқ намояд;

–муроҷиати апелатсиони шахсони паноҳҷӯянда барои гуреза донистан бояд таъсири боздоштакунанда дошта бошад ва ба онҳо имкон диҳад, ки то баррасии шикоят дар кишвар бимонад.

Қонеъ намудани манфиати паноҳҷӯянда ва ҳам давлатҳои қабулкунандаи онҳо ин аст, ки расмиёти муайянкунии мақом бояд одилона ва саривақтӣ бошад, яъне мақомоти қабулкунандаи ба қарор ҳангоми омӯзиши ариза бояд беғаразона баҳогузорӣ намояд.

Дар баробари муайянсозии мақоми гуреза, пеш аз ҳама ба категорияи додашудаи онҳо мебояд таваҷҷуҳ кард.

Дар ин раванд чанд категорияи гурезаҳоро шарҳ хоҳем дод:

– гурезаҳои «мандатӣ», шахсоне дониста мешаванд, ки таҳти ҳимояи ва кумаки Оиномаи РКОГ СММ қарор доранд;

– гурезаҳои «конвенсионӣ (аҳдномавӣ)» аз ҳуқуқ ва имтиёзҳои, ки аз тарафи давлати паногоҳдиҳанда мувофиқи Конвенсияи соли 1951 ва Протоколи соли 1967 пешбинӣ шудааст, истифода мебаранд;

– гурезаҳои «дар маҳал» – шахсони оддӣ мебошанд, ки берун аз кишвар худ қарор доштанд ва дар ин муддат авзои кишвари аслиаш тағир ёфтааст, вале барои бехатарии худ ҳаминро асоси хавф медонанд. Нисбати ингуна гурезаҳо ҳуқуқи манъи рондан ва иҷозатнома барои зист, бо тариқи истисно истифода мешавад. Лекин ба онҳо маҷмуи имтиёзҳое, ки дар

Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гуреза пешбини шудааст, татбиқ намегардад;

– «маллоҳони гуреза» – шахсоне, ки дар киштиҳои таҳти зери парчами яке аз давлатҳои узви Конвенсияи соли 1951 «Дар бораи мақоми гуреза» шинокунанда қарор доранд ва ин давлат барои маскунияти онҳо дар кишвар ва додани ҳуччатҳои сафарӣ ё додани ҳуқуқи воридшавии муваққатӣ мусоидат менамояд;

– гурезаҳои «де-факто»-ро дар амалияи Аврупо шахсоне гирифтаанд, ки ба ҳимояи байналхалқи муҳтоҷ буданд, вале ба таърифи конвенсионӣ дохил намешуданд. Вазъи ҳуқуқии онҳо тибқи Тавсияномаи 773 (соли 1976) Шурои Аврупо «Дар бораи гурезаҳои де-факто» муайян карда мешавад. Лекин нисбат ба гурезаҳои «де-факто» шумораи зиёди меъёрҳои Конвенсияи соли 1951 истифода мешавад. Масалан, кори кироя (м. 17), кӯмаки ҳукуматӣ (моддаи 23), қонунгузории меҳнат ва таминоти иҷтимоӣ (м. 24).

Зимнан, категорияи якум, аз давлати паноҳгоҳдиҳанда, дуюмӣ бевосита аз РКОГ СММ кӯмак мегиранд, ҳарчанд ҳарду аз ҳуқуқҳои пешбинӣ намудаи созишномаҳои байналмилалӣ истифода мебаранд. Дар амал дар доираи чунин ҳуқуқ ва имтиёзҳо баъзе фарқиятҳо мавҷуданд. Мавриди таъкид аст, ки мақоми гуреза дар ҶТ то моҳи майи соли 1995 дар асоси шаҳодатнома (мандат)-и Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо муқаррар мешуд. Бинобар истиқлоли давлатии ҶТ ин рисолат соли 1995 ба Хадамоти давлатии муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ вогузор гардид. Айни замон, ин шуъбаи шаҳрвандӣ ва кор бо гурезаҳои Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД ҶТ унвон гирифтааст. Мақоми «гурезаҳои конвенсионӣ» аз тарафи давлатҳои иштирокчии Конвенсияи соли 1951 дода мешавад. Бинобар ин, гурезаҳои «конвенсионӣ» дар гирифтани мақоми гуреза ва дигар кӯмакҳои иҷтимои манфиати бештар доранд.

Дар ин раванд қонунгузории ҶТ гомҳои умедбахш дорад. Нахуст, тартиби додани мақоми гуреза, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми майи соли 2002 дар таҳрири нав пешбинӣ шуд [125, с. 3-4]. Дар муқаддимаи қонуни мазкур асосҳо ва тартиби гуреза эътироф шудани шахс, таъмини кафолатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ва манфиатҳои қонунии гурезаҳоро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад, ки ба принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалии дар ин соҳа амалкунанда, ҷавобгӯй мебошад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати ҳимояи ҳуқуқиро ба шахсоне, ки барои гирифтани мақоми гуреза муроҷиат кардаанд, гуреза дониста шудаанд, инчунин аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд ё мақоми гурезаро аз даст додаанд, муқаррар менамояд. Тартиби муайян кардани мақоми гуреза аз се давра иборат аст: «додан», «қатъшавӣ» ва «маҳрум шудан».

Тартиби додани мақоми гуреза ба ду марҳила асос меёбад; дар аввал муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, дигар – татбиқи далелҳои муқарраршудаи таърифи қонунгузории ҶТ дар бораи гурезаҳо мебошад.

Давраи аввал «додан» меъёрҳоеро муайян мекунад, ки шахс бояд барои гирифтани мақоми гуреза ҷавобгӯ бошад. Дигар он аст, ки ин меъёрҳо мафҳуми гурезаро пурра намуда, бо чунин тарз ифодаи худро пайдо намудааст: «гуреза – шахсе мебошад, ки шахрванди ҶТ набуда, дар каламрави он қарор дорад ва бинобар сабабҳои комилан асоснок дар давлати мансубияти шахрвандии худ бо аломатҳои нажодӣ, эътикоди динӣ, шахрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё эътикоди сиёсӣ дучори таъкиб гашта, аз таъсири ин сабабхо наметавонад ё намехохад аз ҳимояи он давлат истифода намояд, ё шахсе, ки шахрвандии муайян надошта, бинобар чунин ҳолатхо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва бо сабаби мавҷуд будани ҳамин гуна хавф наметавонад ё намехоҳад ба давлати истиқомати доимии худ баргардад» [3].

На дар ҳамагуна сабабу ҳолатҳоие, ки шахс ба он дучор мешавад номи гурезаро соҳиб мегардад. Маҳз барои гуреза донистан бояд, расмиёти муайянкунӣ дар додани мақоми гуреза амалӣ гардонида шавад. Бинобар ин, дар моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» се шакли баррасии муроҷиати шахсоне, ки хоҳиши дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуреза шуданро доранд, пешбинӣ намудааст:

1) Баррасии дархости шахс дар бораи гуреза донистан.

Шахсе, ки хоҳиши гуреза дониста шуданро изҳор кардааст, шахсан ё ба воситаи намояндаи ваколатдор метавонад ба мақомоти зерин хаттӣ муроҷиат намояд;

– ба намояндагии дипломатӣ ё идораи консулӣ ҶТ берун аз давлати шаҳрвандии худ (агар шахс то ҳол ба қаламрави ҶТ наомада бошад) муроҷиат кунад;

– ба мақомоти ҳифзи Сарҳади давлатӣ, мақомоти амнияти миллӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ дар сурати убури иҷбории ғайриқонунии сарҳади давлати ҶТ мӯҳлати пешниҳоди ариза метавонад аз як рӯз зиёд бошад, дар ҳолатҳое, ки аз аризадиҳанда вобаста нестанд ва барои саривақт пешниҳод намудани ариза монеъа ба вуҷуд меояд. Мӯҳлат танҳо дар давраи ҳолатҳои ба миён омада дароз карда мешавад [3];

– ба мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои ба таври қонунӣ омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на дертар аз як моҳ.

2) Тартиби баррасии дархости шахсони паноҳҷӯянда дар хусуси гуреза донистан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборат аст: баррасии дархости марҳила 10 рӯзи кориро дар бар мегирад; дар ин муддат пурсишномаҳо, сабти изи ангушт ва мусоҳиба алоҳида – инфиродӣ гузаронида мешавад;

– қабули қарор дар бораи додани шаҳодатнома дар бораи моҳиятан баррасии ариза (минбаъд - шаҳодатнома), ё дар бораи моҳиятан рад кардани баррасии ариза;

– додани шаҳодатнома ё огоҳинома дар бораи рад кардани баррасии ариза аз рӯйи моҳият;

3) Моҳиятан баррасии дархост;

– қабули қарор дар бораи гуреза донистан ё рад кардани гуреза эътироф шудан;

– додани шаҳодатномаи гуреза ё огоҳинома дар бораи рад кардани додани гуреза эътироф шудан.

Қарор дар бораи додани шаҳодатнома ба шахси муроҷиаткунанда ва аъзои оилаи у, дар минбаъда асос барои донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошта шуда, ба шумор меравад. Дар маҷмуъ, вазъи ҳуқуқии гурезагон ба вазъи ҳуқуқии хориҷиён ва шахсони бешаҳрвандӣ якхела буда, фарқият он аст, ки ба гурезаҳо мақоми ҳуқуқии иловагӣ дода мешавад [117, с. 22].

Масалан, ҳуқуқ ба ёрии иҷтимоӣ, дар кашондани боғочаи бо онҳо буда, гирифтани ёрдампулии яквақта барои худ ва аъзои оилае, ки ҳамроҳи ӯ омадаанд ва дигар ҳуқуқҳои ба онҳо хос буда, истифода мебаранд [3; 37]. Аммо, тавре ки аз матни Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» бармеояд, шахсе, ки шаҳодатномаи гурезаро гирифтааст, аллакай ҳуқуқи у ҳамчун гуреза фарорасида ҳисобида мешавад; ин ҳуқуқи ба қайдгирии ҳуҷҷатҳо барои ворид шудан ба қаламрави Тоҷикистон, агар берун аз ҳудуди он қарор дошта бошад, дар кӯчонидан ва таъмин намудан ба ҷойҳои муқаррариро дар бар мегирад. Ҳамзамон, қонуни мазкур баробарии ҳуқуқии шахсони паноҳҷӯяндаеро, ки шаҳодатномаи гуреза гирифтанд ва шахсоне, ки дар ҶТ алакай гуреза дониста шудаанд, пешбинӣ мекунад.

Барои он, ки шахс гуреза эътироф гардад қонунгузорӣ як қатор талабот ва расмиётро муқаррар кардааст. Пеш аз ҳама, шахси паноҳҷӯянда бояд дар ин бора дархост намояд, яъне расман хоҳиш ва мухтоҷии гуреза эътироф кардани худро муайян намояд.

Баррасии такрори дархост дар бораи гуреза донистан бояд дар давоми панҷ рӯзи корӣ анҷом дода шавад. Ҳуқуқи ҳар як давлат аст, ки барои тафтиши маълумотҳои аз ариза бармеоянда бо тартиби зарурӣ муҳлати иловаро ба амал барорад. Чунин авзо дар аксари кишварҳои Аврупо вуҷуд

доранд. Аммо дар ин кишварҳо ба паноҳҷӯён аз лаҳзаи пешниҳоди дархости паноҳандагӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи паноҳҷӯ будани онҳо дода мешаванд. Ҳамин тариқ, онҳо то замони қабули қарори мақомоти дахлдор дар бораи аризаҳои будубош худро дар кишвар қонунӣ нигоҳ медоранд. Ҳангоми, мавҷуд набудани асосҳои қонуни барои паноҳҷӯ донистани шахсон, бояд дар муддати муайяншуда қаламрави кишварро тарк кунанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон додани чунин ҳуҷҷатҳоро пешбинӣ мекунад, аммо танҳо пас аз баррасии пешакии ариза дар бораи эътироф кардани гуреза, ки метавонад муддати хеле тӯлониро талаб кунад, ки хилофи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мегардад.

То қабули қарор мақомоти ваколатдори давлатӣ ба гурезагон ҳамчун «хориҷиён ғайриқонунӣ дар кишвар иқомат дошта», бо мақсади ихроҷи маҷбурӣ пайваста дағалона муносибат мекунанд. Дар ин ҳолат метавонанд нисбаташон, тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маъмурӣ татбиқ намоянд, гарчанде, ки Қонунгузорӣ «Дар бораи гурезаҳо», расман аз онҳоро рондан муҳофизат мекунад. Сабаби асосӣ на дар кирдори онҳо ба мушоҳида мерасад, балки ин гуна шахсон бо иллати саривақт баррасӣ накардани ариза ва таъмини ҳуҷҷатҳои дахлдор дар баробари он аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи гуреза донистанашон мебошад, ки боиси хориҷ кардани онҳо мегардад. Тарафи мусбати бақайдгирии ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза дар бораи гуреза эътироф шудан мебошад. Дар баробари он саривақт дастрас намудани маълумоти боэътимод дар бораи шахсият, шумора ва ошкор намудани қароргоҳи онҳо муҳим мебошад.

Солҳои охир таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки шахсони паноҳҷӯянда барои мақоми гурезаро ба даст овардан майли бештар ба мақомоти судӣ доранд. Чунки муроҷиати онҳо натанҳо саривақт аз тарафи мақомоти салоҳиятдор дида баромада мешавад, балки беасос шуморида рад карда мешавад, ки минбаъда онҳо маҷбур мешаванд, ки кишвари будубошро тарк намоянд. Дар ин маврид судя то барррасии муроҷиати

паноҳҷӯёне, ки аз болои санади мақомоти ваколатдори давлатӣ намудаанд, наметавонанд ҳамчун «хориҷиёне, ки ғайриқонунӣ дар кишвар иқомат доранд» муносибат намояд ё санади ихроҷ кардан аз кишварро қабул намояд.

Шахсоне, ки худ ва аъзои оилааш шаҳодатномаи гурезаро дар ҶТ гирифтаанд, уҳдадоранд, ки Конститутсияи ҶТ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро эътироф кунанд; ҳуқуқу озодӣ ва шаъну шарафи дигарон, ҳифзи ватан, табиат, супурдани андоз, қоидаҳои санитарию гигиении истиқоматро дар ҷои нигоҳдории муваққатӣ ё маркази ҷойгиркунии муваққатӣ эътироф ва риоя намоянд; аз муоинаи тиббӣ гузашта, маълумотномаи тиббиро ҳифз намоянд. Саркашии гурезаҳо аз иҷрои уҳдадориҳои муқарраргардида ба ҷавобгарии маъмурӣ, дар шакли татбиқи огоҳӣ ё ҷарима бо берун кардан аз давлат ё бидуни он амалӣ мегардад [10].

Дар қонунгузории амалкунанда асосҳои аз рӯйи моҳият рад кардани баррасии дархост ба таври возеҳ муайян карда шудааст: агар нисбати шахс барои содир намудани ҷиноят дар ҳудуди Тоҷикистон парвандаи ҷиноӣ оғоз шуда бошад; агар шахс бо сабаби набудани ҳолатҳои пешбининамудаи қонун гуреза эътироф карда нашавад, ба шарте ки вазъи кишвари ӯ (ҷои истиқомати қаблӣ) аз рӯзи гирифтани ҷавоби рад дар хусуси гуреза донистан аз нав тағйир наёфта бошад; агар ба шахс дар давлатҳое, ки ба Конвенсияи соли 1951 ва (ё) Протоколи соли 1967 аъзо мебошанд, гуреза донистан ҷавоби рад дода шуда бошад; агар шахс шаҳрвандии давлати сеюмро дошта бошад, ки аз ҳимояи он ӯ метавонад истифода барад; агар шахс аз давлате омада бошад, ки вай дар он ҷо имконияти гуреза дониста шуданро дошт; агар шахс аз давлати шаҳрвандии худ (кишвари аслии бо ҳолатҳои дигари пешбининамудаи ҳамин қонун берун баромада бошад; агар шахс сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғайриқонунӣ убур карда бошад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун муроҷиат накарда бошад; агар шахс аз додани

маълумот дар бораи худ ва (ё) сабаби ба ҶТ омаданаш даст кашад; агар шахс бо шаҳрванди ҶТ издивоҷ карда бошад ва имкони ба таври қонунӣ гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар ҶТ дошта бошад; агар шахс аллакай дар ҶТ иҷозати истикомати доимӣ дошта бошад.

Чӣ тавре ки дар боло номгӯйи пурраи асосҳо барои рад кардани додани мақоми гуреза ба шахси паноҳҷӯянда қайд гардид, чунин меъёрҳо дар моддаи алоҳидаи Конвесия дар бораи мақоми гурезаҳо [40] пешбинӣ нашудааст. Аммо дар моддаи 1 Конвесияи номбурда баъзе аз асосҳои татбиқ нагардидани муқаррароти он нисбат ба шахсони алоҳида оварда шудааст, ки ба асосҳои м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» шабоҳат доранд. Инчунин, дар муқоиса бо Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд давлатҳо ин асосҳо бо талаботи гуногун пешбини шудаанд. Аз ҷумла қонуни Федералии Руссия «Дар бораи гурезаҳо» [222], «Асосҳои барои рад намудани моҳияти баррасии дархости шахсони паноҳҷӯянда» (м. 5) номгузорӣ шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Белорус «Дар бораи додани мақоми гуреза, пешниҳоди ҳимояи доимӣ ва муваққатӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Белорус» [210] бо номи «маҳдудияти амалии Қонуни мазкур» (м. 3) пешниҳод шудааст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, Қонуни ҳамсони ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» [209] бо номи «Асосҳо барои рад намудани дархости шахсони паноҳҷӯянда барои гирифтани мақоми гуреза» (м. 12), номида шудааст.

Асосҳо барои рад кардани додани мақоми гуреза дар ҶТ ба шахсони паноҳҷӯянда ба сурати зер аст:

1) Агар дархости шахс комилан беасос дониста шавад ё хусусияти сӯистифода дошта бошад. Ин аз талаботи принсипҳои умумии меъёрҳо барои муайян кардани мақоми гурезаҳо бармеояд [54, с. 13]. Зеро тибқи муқаррароти модда 1 Конуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» барои гирифтани мақоми гуреза сабабҳои комилан асоснок, ки бо аломатҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё эътиқоди

сиёсӣ дучори таъқиб гаштани ӯро муайян месозад, ҷой дошта бошанд. Дар баробари ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани ин шахсон бинобар аз таъсири ингуна сабабҳо наметавонад ё намехоҳад аз ҳимояи он давлат истифода намояд ва бо сабаби мавҷуд будани ҳамин гуна хавф наметавонад ё минбаъд намехоҳад ба давлати истиқоматии худ баргардад.

Барои мақоми гурезаро соҳибшудан дар ҶТ мебояд, ки шахси муроҷиаткунанда ба талабот ва шартҳои болозикр ҷавобгӯй бошад. Дар аксари мавридҳо дархости шахс дар бораи додани мақоми гуреза ба шаҳси паноҳҷӯянда, комилан ба шартҳои муқаррар гардида ҷавобгӯй набуда, беасос шумурда шуда, рад карда мешавад. Аксар вақт аз болои қарорҳои баровардаи Комиссия дар бораи рад кардани баррасии дархостҳо дар асоси он, ки аризадиҳанда имкон дошт, ки дар қаламрави кишвари сеюм гуреза эътироф шавад ё мебоист дар давоми як шабонарӯз аз лаҳзаи убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ ба мақомотҳои назди сарҳади бо дархост муроҷиат мекард, ҳаминро ба назар нагирифтан, шикоят карда мешавад.

Масалан, дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи ВКД аз 11 майи соли 2011, №4 ба шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон П.Х. дар асоси сархатти 1 м. 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» барои бақайдгирии дархост дар бораи гуреза донистан, рад карда шуд. Бо ҳалномаи суди ноҳияи Синои ш. Душанбе аз 06.07.2011 сол низ барои қонеъ намудани ариза дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарори зикршудаи Комиссия рад карда шуд [234]. Маводи парванда нишон дод, ки аризадиҳанда (зан) дар ШМА таҳсил мекард ва бо ташкилоти байналмилалӣ ҳамкорӣ менамуд. Бинобар ин, аз ҷониби ярoқбадастони номаълум мавриди таъқибот қарор гирифта буд. Аммо суд ба ин ҳолатҳо баҳои дахлдор надода, қарори Комиссияро бе тағйирот гузошт. Ба ҳамин монанд, бо ҳалномаи суди ноҳияи Суди ш. Душанбе аз 13-уми сентябри соли 2011 аризаи шаҳрванди ҶИА М.О.М.Қ. оид ба мавриди баҳс қарор додани қарори Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми июли соли 2011, №6 дар бораи рад намудани дархост

дар хусуси мақоми гуреза додан низ рад шудааст. Аз аризаи номбурда бармеояд, ки ӯ ба мақомоти судӣ дархост оид ба норозигии худ нисбат ба рад намудани аризааш аз ҷониби Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муайян кардани мақоми гуреза дар Тоҷикистон мувофиқи б. 1 м. 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» пешниҳод намудааст.

Дар ариза даъвогар дарҷ кардааст, ки сабаби ба ҶТ ҳамчун паноҳҷӯянда омаданаш дар ватанаш ба ҳаёти ӯ таҳдиди куштор вуҷуд дорад. Баррасии ҳолати кор нишон дод, ки дар таърихи 6-уми декабри соли 2010 шахсони номаълум тариқи телефони мобилӣ, ӯро таҳдиди куштор намуданд. Шахсони номаълум аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Покистон ва ташкилоте ба номи «Релиф Интернешнл» ба воситаи интернет мактуб фиристонида, ӯ ва кормандонашонро таҳдид намудаанд. Ӯ дар шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ташкилоти номбурда ба ҳайси сардори шуъба фаъолият мекардааст. Ҳамроҳи ӯ ду нафар шаҳрвандони Покистон – С. ва И. низ кор мекардаанд, ва бо сабаби ба охир расидани тамдиди будубоши онҳо мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ин ду шаҳрванди Покистонро аз худудаш берун кардааст. Бо ҳамин сабаб шахсони номаълум аз давлати Покистон ӯро гунаҳгор дониста, таҳдид кардаанд. Аз ин рӯ маҷбур шудааст, ки ба давлати ҳамсоя – Тоҷикистон паноҳ барад, вале аризаи ӯро Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи назди Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муайян кардани мақоми гуреза дар Тоҷикистон, мувофиқи б. 1 м. 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», рад кардааст.

Бо асосе, ки гӯйё, агар ӯ ба ватанаш – Афғонистон баргардад хатари куштор таҳдид мекардааст, бинобар ин зарурият ба миён омадааст, ки ҳуқуқҳои ӯ барои гирифтани мақоми гуреза бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ риоя ва ҳифз карда шавад [227, с. 23-24]. Роҷеъ ба ин вазъият судяи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо сабаби мавҷуд набудани ҳолатҳои хавфи асоснок аризаи шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

М.О.М.Қ. оиди мавриди баҳс қарор додани қарори Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июли соли 2011, №6 дар бораи рад намудани дархост дар хусуси мақоми гуреза додан, рад намудааст.

Дар баробари ин, таҳлили парвандаҳои судӣ вобаста ба ваҷҳои (асосҳои) рад намудани додани мақоми гуреза дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар баъзе қарорҳои Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муайян кардани мақоми гуреза дар Тоҷикистон мувофиқи б. 1 м. 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» масъалаи «дархости шахс комилан беасос бошад ё хусусияти сӯистифода дошта бошад» ҳаматарафа таҳлил карда намешавд [92, с. 39].

2) Ҳамчунин, дархости шахси мурочиаткунанда барои гирифтани мақоми гуреза хусусияти сӯистифода дошта бошад, рад карда мешавад. Агар ин ҳолатҳои истиснокунанда ошкор гардад:

– агар асосҳои кофӣ мавҷуд бошанд, ки онҳо эҳтимол ҷиноятҳои ҳарбӣ ё ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти инсониятро содир намудаанд, ки онҳоро санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд;

– агар асосҳои кофӣ мавҷуд бошанд, ки онҳо эҳтимол пеш аз ворид шудан ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он ҷинояти вазнини хусусияти сиёсинадошта содир кардаанд;

– агар асосҳои кофӣ мавҷуд бошанд, ки онҳо эҳтимол дар содир намудани кирдори хилофи мақсад ва принсипҳои Созмони Милали Муттаҳид гунаҳгоранд;

– агар онҳо аз ҳимоя ё кӯмаки мақомот ё муассисаҳои Созмони Милали Муттаҳид, ғайр аз Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба кор бо гурезаҳо, истифода баранд.

– ба шахсоне татбиқ намегардад, ки давлати мансубияти шаҳрвандии худро (маҳалли истиқомати пештараи худро) бинобар сабабҳои иҷтимоию

иқтисодӣ дар натиҷаи гуруснагӣ, эпидемия ё ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва хусусияти техногенидошта тарк намудаанд;

– бо мақсади таъмини ҳимоя ва амнияти давлат, ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, ахлоқ, саломатии аҳолӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои дигар шахсон маҳдуд карда шаванд.

3) Асоси дигари раднамои дархости мақоми гуреза дар заминаи ду шарти пешбинишуда амалӣ мегардад;

– дархости шахс дар бораи гуреза дониста шудани ӯ, бинобар мавҷуд набудани ҳолатҳои хавфи дучории таъқиб;

– дар сурате, ки вазъият дар кишвари мансубияти шаҳрвандии ӯ (маҳалли истиқомати пештараи ӯ) аз рӯзи радия гирифтан то рӯзи пешниҳоди дархости нав тағйир наёфта бошад.

Шартҳои зикр гардида ба мавҷуд набудани ҳолатҳои хавфи дучори таъқиб дар кишвари мансубияти шаҳрвандии шахси дархосткунанда алоқаманд мебошад. Аслсн манбаи таъқибот гуногун мебошад, вале шартҳои асоси ҷойдошта таъқиб нисбати шахс ба амалҳои ҳукуматдорони кишвар мансуб дониста мешавад;

4) Агар шахс шаҳрванди давлати сеюме бошад, ки метавонад аз ҳимояи он истифода намояд, ё ҳуқуқ дорад дар асоси қонунӣ дар қаламрави кишвари сеюм бехавфи дучори таъқиб истиқомат кунад. Дар ин ҳолат, пеш аз ҳама мавҷудияти шаҳрванди давлати сеюм муқаррар мешавад, зеро танҳо дар ин ҳолат шахси паноҳҷӯянда метавонад аз ҳимояи он истифода намояд ё ҳуқуқ дорад дар асоси қонунӣ дар ҳудуди кисшвари сеюм бехавфи дучори таъқиб шудан дар ин кишвар истиқомат кунад. Зимнан, дар вақти баррасии масъалаи мазкур муайян намудани он ки кишвари сеюм аъзои Конвенсия мебошад ё не (?), дар он кишвар иниститутҳои демократия амал мекунад ё не (?) дар ҳалли масъала таъсири бевосита дорад.

Мушкилоти дигар боз дар он аст, ки шахси дархосткунандаи мақоми гуреза на ҳама вақт оид ба кишвари сеюми худ ба мақомоти ваколатори

давлатӣ маълумот медиҳад. Дар мавриде, ки дархости ингуна шахсон дар хусуси гирифтани мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати 3 сол қонеъ шуда бошад, вале минбаъд ошкор карда шавад, ки ӯ шаҳрванди давлати сеюм мебошад, новобаста аз муҳлат мақоми додашуда қатъ карда мешавад ва қарор дар бораи тарк намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад:

5) Агар шахс бевосита аз ҳудуди кишвар сеюми бехатар омада бошад, ки то ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан дар ҳудуди он таҳти таъқиб қарор надошт ё метавонист мувофиқи тартиби муқарраргардида паноҳгоҳё гурезаро гирад. Вобаста ба ҳолати мазкур бояд низоми ҷойдоштаи ҳуқуқии кишвари сеюми бехатарро ба инобат гирифт, аз ҷумла, оё ин кишвар ба Конвенсияи соли 1951 ва Протоколи соли 1967 ҳамроҳ шудааст ё не? Қонунгузории соҳаи гуреза дар ин кишвар мавҷуд аст ё не?;

6) Агар шахс давлати мансубияти шаҳрвандии (маҳалли истиқомати пештараи) худро бинобар хавфи ҷазо гирифтан, мутобиқи қонунгузории ин давлат барои ғайриқонунӣ берун шудан аз қаламрави он барои содир намудани ин ё дигар ҷиноят дар қаламрави он тарк намуда бошад ва бо ҳамин сабабҳо намехоҳад ба давлати мансубияти шаҳрвандии (маҳалли истиқомати пештараи) худ баргардад. Қонунгузории ҳар як кишвар бо роҳи ғайриқонунӣ берун шудани шахс аз ҳудуди он ё барои содир намудани ҷиноят ҷазо пешбинӣ намудааст. Ҳангоми мавҷуд будани чунин ҳолат, Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости шахсони паноҳҷӯяндаро дар хусуси гуреза донистанашон рад менамояд.

Дар ин радиф қонунгузории миллӣ асосҳои оғози парвандаи ҳуқуқвайронкуниро пешбинӣ намудааст. Чунончи дар м. 140 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [16] асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ таъкид шудааст. Ба сифати ин асосҳо дохил мешаванд: ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ; иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот; иттилоот ба воситаи ахбори омма; аз ҷониби таҳқиқбаранда,

муфаттиш ё прокрор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунад. Боиси қайд аст, ки дар м. 1 Конвенсия ин гуна маҳдудиятҳо нисбати шахсони паноҳҷӯянда дар кишвари дигар пешбинӣ нашудааст, аз ҷумла барои содир намудани ҷиноят дар кишвари худ;

7) Агар шахс иҷборан, ғайриқонунӣ Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мақсади пешниҳод намудани дархост дар хусуси гуреза дониста шудан убур намуда бошад ва мутобиқи тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур бе сабабҳои узрнок бо дархост дар бораи хоҳиши гуреза дониста шуданаш муроҷиат накарда бошад;

Тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғайри қонуни убур намудан ҷиноят аст, вале дар пешниҳоди ин асос Қонунгузории мазкур калимаи «иҷборан»-ро истифода намудааст. Ҳамзамон мавҷудияти ҳолати қасди «ғайриқонунӣ убур намудани сарҳади давлатӣ бо мақсади пешниҳод намудани дархост дар хусуси гуреза дониста шуданаш содир карда бошад ва бо тартиби муқаррар кардашуда бе сабабҳои узурнок бо дархост дар бораи хоҳиши гуреза дониста шуданаш муроҷиат накарда бошад», истифода мешавад, яъне шахс ҳуқуқи гирифтани мақоми гурезаро аз даст медиҳад. Чи тавре, ки дар боло ишора намудем тибқи эзоҳоти м. 335 КҶ ҶТ кирдори пешбининамудаи ҳамин модда нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандие, ки бо вайрон кардани қоидаи гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи ҳуқуқи паноҳгоҳи сиёсӣ мутобиқи Конститутсияи ҶТ ворид гаштаанд, паҳн намегардад;

8) Агар шахс аз додани маълумот дар бораи худ саркашӣ намояд, дар бораи худ ё ки дар бораи ҳолатҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омаданаш маълумоти бардурӯғ пешниҳод намояд. Ин талабот муқаррарӣ аст ва дар таҷрибаи байналмилалӣ бештар истифода мешавад. Ҳангоми пешниҳоди дархост шахси паноҳҷӯянда бояд аз додани маълумот дар бораи худ ва аъзои оилааш саркашӣ нанамояд, ҳолатҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

омаданашро бардуруғ пешниҳод накунад. Зеро пешниҳоди маълумот тариқи дархост ва пур кардани анкета ба танзим дароварда мешавад. Мутобиқи талаботи м. 11 Қонуни мазкур натиҷаи маълумотҳои анкетавии шахси паноҳҷӯянда дар асоси доир намудани суҳбатҳои инфиродӣ амалӣ мешавад ва дурустии маълумоти бадастомада дар бораи шахси паноҳҷӯянда ва аъзои оилааш, ки ӯро ҳамроҳӣ мекунанд, ҳамчун воситаи асосҳои дониста шудани шахси дар ҶТ паноҳҷӯянда эътироф шудан. Бинобар ин шахси дархосткунандаи мақоми гурезаро зарур аст, ки маълумоти боэътимод пешниҳод намояд;

9) Агар шахс бо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қайди никоҳ бошад ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дорад барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат гирад.

Тибқи муқарароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ҷой доштани аҳди никоҳ байни шахси паноҳҷӯянда ё ин ки шахси дорандаи мақоми гуреза бо шаҳрванди ҶТ, онҳо имконияти ҷойи зисти доими ва ё гирифтани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайдо менамоянд;

10) Агар шахс барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома (иҷозатномаи зист) дошта бошад. Дар хусуси будубоши доимӣ ё муваққатӣ пайдо намудани паноҳҷӯянда дар ҶТ тибқи Қонунгузорӣ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ» [4] ба танзим дароварда мешавад. Аз инҷо истиқоматкунандагони доимӣ он шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандие эътироф мешаванд, ки дорои гувоҳномаи истиқоматӣ – намунаи варақаи бақайдгирии онро Ҳукумати ҶТ муайян намудааст, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ додашуда мебошад (қ. 1 м. 5).

Дар мавриди ҷой доштани ҳолатҳои дар боло зикргардида, ба шахсони паноҳҷӯянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон посухи рад дода мешавад.

Агар ба шахси паноҳҷӯянда додани мақоми гуреза рад карда шавад, мақомоти корҳои дохилӣ дар муҳлати то панҷ рӯзи корӣ пас аз рӯзи қабули қарор дар ин хусус ба ӯ бо зикри сабабҳои радкунӣ ва тартиби

овардани шикоят аз рӯйи қарори қабулшуда, инчунин шарҳи вазъи ҳуқуқии минбаъдаи ӯ ва аъзои оилааш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳинома месупорад ё ирсол менамояд [3].

Дар чунин маврид шахси дархосткунандаи мақоми гуреза ҳуқуқ дорад, ки асоснокии қарори радкунии Комиссияи муштараки доимоамалкунандаи назди Вазорати корҳои дохиларо мавриди баҳс қарор диҳад ё ба мақомоти болоӣ ва ё ба суд аз амали (беамалии) макомоти иҷроияи хокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор вобаста ба иҷрои конун, тартиб ва муҳлати баррасии муроҷиати пешниҳодшуда шикоят намояд. Дар инҳолат, вазъи ҳуқуқии чунин шахсон ба вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ мувофиқат мекунад. Шахси манфиатдор, аз як тараф кӯшиш мекунад, ки ҳуқуқҳои ин шахсонро пурратар таъмин кунад, аз тарафи дигар мӯҳлати будубоши шахсони дорои мақоми номуайянро дар қаламрави давлат кам кунад.

Дар сархати 2-юми м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисто «Дар бораи гурезаҳо» аз 10-уми майи 2002, ба сифати шахсони паноҳҷӯянда – шаҳрванди ҳориҷӣ ё ашхоси бешаҳрванд, ки давлати шаҳрвандии худ ё ҷойи истиқомати пештараашро бо мақсади пешниҳод намудани дархост барои гирифтани мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарк намудааст [3], субъектҳои ҳуқуқи муроҷиат ба суд бо ариза ҷиҳати зери баҳс қарор додани қарори Комиссия дар бораи рад намудани бақайдгирии дархост дар хусуси гуреза донистани шахси паноҳҷӯянда ё дар бораи рад намудани гуреза донистани шахс, дигар қарорҳо, амалҳо (беамали)-и мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор баромад менамояд. Шахсони болозикр тибқи талаботи 1. қ. 1, м. 6.7. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони мурофиа маданӣ, яъне шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ дониста мешаванд [13].

Ба манфиати ҳуқуқии шахс парвандаи граждани ба ду намуд: а) манфиати ҳуқуқии моддӣ; б) манфиати ҳуқуқии мурофиавӣ ҷудо мешавад. Ҳангоми ҳимояи судӣ шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо зери мафҳуми манфиати ҳуқуқии моддӣ талабот ҷиҳати гирифтани ҳалномаи судӣ оид ба

бекор кардани қарори субъекти ҳокимияти омма ё ғайриқонунии эътироф намудани амал (беамали)-и ӯ фаҳмида мешавад.

Манфиати ҳуқуқии моддиро ба оқибати кор тарафҳо доранд. Зери манфиати ҳуқуқии мурофиавӣ талабот ҷиҳати ҳалномаи судӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ ва манфиати қонунии шахси дигар дар назар аст. Дар баррасии аризаи шикоятии шахс дар мурофиаи гражданӣ манфиати ҳуқуқии мурофиавӣ ба прокурор ва намояндаҳои судӣ назаррас мебошад. Шахсоне, ки шикоят кардаанд, то қабули қарори мақомоти ваколатдори соҳавӣ ё судӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ монда, аз ҳамон низоми ҳуқуқии пеш аз шикоят буда истифода мебаранд.

Бояд қайд кард, ки аризаи шикоятии шахси муроҷиаткунанда (парвандаи ӯ), ки дар тобеоти судҳои ваколати умумидошта дар хусуси рад кардани бақайдгирии дархост барои гуреза донистан мавриди барраси қарор мегирад аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешавад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» аз 10-уми майи соли 2002 оқибатҳои асосии қатъ гардидани мақоми гурезаро бо ду тарз аз даст додани мақоми гуреза ва маҳрум намудан аз онро қайд намудааст. Аз мақоми гуреза маҳрум кардани шахс ҳамчун санксияи давлат барои рафтори номатлуб татбиқ карда мешавад. Қарори қатъ намудан ё маҳрум сохтан аз мақоми гуреза аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ бо мавҷуд будани асосҳои зерин: бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноят дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шуда бошад; аз ҷониби шахс маълумоти бардурӯғ ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, ки барои эътирофи гуреза асос гардидаанд, ё амалеро анҷом додааст, ки боиси қонуншиканӣ ва поймолшавии ҳуқуку озодиҳои дигарон шудааст, қабул карда мешавад.

Бояд махсус қайд намуд, ки аз даст додани мақоми гуреза ҳам ба таври ихтиёрӣ ва ҳам маҷбурӣ (ғайриихтиёрӣ), яъне вақте ки ӯро аз мақоми гуреза маҳрум менамоянд, сурат гирифта метавонад [78, с. 15].

Сабабу ҳолатҳое, ки дар маҷмӯъ барои гуреза хусусияти мусбат доранд, ба миён меоянд: гирифтани иҷозатнома барои истиқомати доимӣ

дар ҶТ, гирифтани шаҳрвандии ҶТ ё шаҳрвандии давлати дигарро соҳиб шуда бошад, барои истиқомати доимӣ аз ҶТ рафта бошад, ихтиёран аз ҳимояи давлати мансубияти шаҳрвандӣ ё истиқомати аз нав истифода барад, ихтиёрона ба кишвари мансубияти худ, ки қаблан бинобар хавфи тақибот тарк карда буд, баргардад, аз ҳимояи давлати мансубияти шаҳрвандии худ бо сабабҳое, ки ӯ гуреза дониста шуда буд, даст кашида натавонад,агар сабабҳои дигар вуҷуд надошта бошад.

Тибқи талаботи м. 13 Қонуни мазкур ин иҷозати истиқомати доимӣ дар ҶТ гирифтан мебошад. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар ҶТ се ҳолатро ба вуҷуд меорад:

1. асоси рад намудани ба қайдгирии дархости шахси паноҳҷӯянда дар хусуси гуреза донистан (м. 8);

2. бо асосҳое, ки ба мақоми гуреза вобастагӣ надоранд ва гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар ҶТ чун ҳуқуқи гуреза баромад мекунад (м.12);

3. асоси аз даст додани мақоми гуреза (м. 13);

Нисбат ба аз даст додани мақоми гуреза дар асоси иҷозат барои истиқомати доимӣ дар қаламрави кишвари паноҳгоҳ дар илм назари дигар мавҷуд аст. Чунончӣ, дотсент Л.А. Васильева менависад: «иҷозат барои истиқомати доимӣ ё факти дар қайди никоҳи шаҳрванди давлати паноҳгоҳ қарор доштани гуреза набояд асоси қатъгардии мақоми ҳуқуқии он гардад, зеро иҷозат барои истиқомати доимӣ ё дар ақду никоҳи шаҳрванди давлати паноҳгоҳдиҳанда қарор доштани гуреза ҳеҷ гоҳ ифодакунандаи пешниҳоди паноҳгоҳро надорад» [66, с. 54].

Ба андешаи мо шахсе, ки дорои мақоми гуреза аст, ва дар мавриди иҷозат барои истиқомати доимӣ дар ҶТ гирифтанд мақоми гурезаро аз даст медиҳад, чунки нисбаташ принсипи «интиқоли маҷбурӣ» ба кишваре, ки вобаста ба мансубияти шаҳрвандӣ ё истиқомати доимӣ хавфу хатар ва таҳдидҳои комилан асоснок мавҷуд аст, тадбиқ намегардад.

Ҳолати дигари аз даст додани мақоми гурезаро дар ҶТ – соҳиб шудани шаҳрвандии ҶТ ё давлати дигар медонад. Мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии ҶТ» аз 8-уми августи 2015, №1208 [2] яке аз шартҳое, ки ба шаҳрвандии ҶТ қабул шуданро осон мекунад ин паноҳгоҳ ёфтан дар қаламрави ҶТ мебошад. Дар баробари ин шарти маъмули қабул кардан ба шаҳрвандии ҶТ-ро Қонун зиндагии доимиро дар ҶТ медонад, ки барои шаҳрванди хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд қабули дархост баъд аз се сол то панҷ солро дарбар мегирад ва нисбати гуреза нисфи ин мӯҳлат пешбинӣ шудааст. Ҳамин тариқ қонунгузории ҶТ шароити мусоиди ҳуқуқиро дар раванди соҳиб шудани шаҳрвандии ҶТ барои гурезаҳо дар ҶТ муҳайё кардааст ва соҳиб шудани шаҳрвандии ҶТ ё давлати дигарро чун ҳуқуқи гуреза дар ҶТ ва дар як навбат асоси қатъгардии мақоми он эътироф кардааст. Зеро ба даст овардани шаҳрвандии ҶТ ё давлати дигар шахси дорои мақоми гуреза таҳти ҳимояю пуштибонии давлати нав қарор мегирад ва дар чунин маврид зарурияти нигоҳдошти мақоми гуреза истисно мешавад.

Ва ҳолати ниҳоӣ ба сархатҳои 4, 5 ва 6 қ. 1 м. 13 рост омада, ки аз даст додани мақоми гуреза ин аз ҳимояи давлати мансубияти шаҳрвандӣ ё ҷойи истиқоматии худ бо сабабҳое, ки ӯ гуреза дониста шуда буд даст кашида натавонистан ё ба ӯ баргардад, мебошад. Дар инҷо бояд хотиррасон кард, ки дар ҳарду ҳолат гуреза ихтиёрӣ, яъне бо хоҳиши худ амал мекунад. Бояд тазаккур дод, ки истифодаи воқеъии ҳимояи давлат ва муносибати ночизи ногаҳонӣ бо давлати мансубият, фарқ карда шавад. Масалан, гуреза барои гирифтани шиносномаи миллии мансубият мурочиат кунад ва онро гирад ё муҳлати шиноснома дароз карда шавад, ин ҳолат маънои онро дорад, ки мақсади истифода намудани ҳимояи давлати мансубияти худро кардааст.

Аз тарафи дигар, гирифтани баъзе ҳуҷҷатҳо аз ҷониби гуреза аз давлати мансубияти худ ҳамчун барқарор кардани истифодаи ҳимояи ин давлат ба шумор меравад, ба мисоли, гирифтани шаҳодатномаи ақди никоҳ, иваз кардан ё барқарор кардани шиносномаи шаҳрвандӣ ва ғ.

Воқеан, мақоми гуреза хусусияти муваққатӣ дорад ва бо бартарафи ҳамагуна хавфу хатар ва таъқибот нисбати вай ва дар ин раванд сиёсати, комилан солимро пеша намудани давлате, ки шаҳрвандонаш мақоми гурезаро гирифтаанд, бо фароҳам овардани шароити мусоид дар бахши бархурдории ҳимояи давлати мансубияти шаҳрвандии худ асоси қатъгардии макоми гуреза мегардад.

Дар ин ҷода таҷрибаи давлати навини Тоҷикистон дар бораи мақоми гуреза беназир аст. Дар баробари қатъ намудани мақоми гуреза, инчунин қонунгузор ду ҳолати маҳрум шудани шахс аз мақоми гуреза пешбинӣ намудааст:

– дидаю дониста маълумоти бардурӯғ ё ҳуҷҷатҳои қалбакие пешниҳод намуда, ки барои гуреза донистани ӯ асос шуда бошад;

– ба амнияти миллӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид намояд.

Фарқи байни «аз даст додан» ва «маҳрум шудан» аз мақоми гуреза дар он аст, ки нисбати якум тадбиқи принсипи «интиқоли маҷбурӣ» истисно аст ва дар ҳолати «маҳрум шудан», баръакс. Баъдан, дар ҳолати «аз даст додани» мақоми гуреза дар рафтори шахс унсури ғайриқонунӣ дида намешавад. Дар ҳолати «маҳрум шудан» аз мақоми гуреза рафтори шахс аз оғоз то ошкор шудани мақсаду маромаш ғайриқонунӣ аст.

Агар гуреза дидаю дониста маълумоти бардурӯғ ё ҳуҷҷатҳои қалбаке пешниҳод намуда бошад, ки барои гуреза донистани ӯ асос шуда бошад, ин ҳолат боиси қатъ шудани мақоми гуреза мегардад. Чи тавре дар боло ишора намудем, шахс дар ҳолате гуреза дониста мешавад, агар бинобар сабабҳои комилан асосноки дар давлати мансубияти шаҳрвандии худ бо аломатҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, ё ақидаҳои сиёсӣ дучори таъқиб гашта, аз таъсири ин сабабҳо наметавонад ё намехоҳад аз ҳимояи он давлат истифода намояд, ё шахсе, ки шаҳрвандии муайян надошта, бинобар чунин ҳолатҳо дар ҶТ қарор дорад ва бо сабабҳои мавҷуд будани ҳамин гуна хавф наметавонад ё

намехоҳад ба давлати истиқомати доимии худ баргардад. Яъне барои ҳамчун гуреза эътироф гардидан асосҳои қонунии зикргардида лозим мебошад. Бинобар ин, шахсе, ки мехоҳад мақоми гурезаро дар ҶТ пайдо намояд, бояд маълумоти дақиқ ва заруриро ба мақомоти ваколатдоршудаи ВКД пешниҳод намояд. Масалан, агар маълум гардад, ки шахс дидаю дониста ба воситаи маълумоти бардурӯғ аз рӯйи эътиқоди сиёсӣ мақоми гурезаро гирифта буд, дар ин ҳолат омили асос барои маҳрум намудани ӯ аз мақоми гуреза мегардад. Ҳамин тавр ҳангоми мавҷуд будани асосҳои болозикр комиссияи номбурда қарори дахлдор дар бораи қатъ ё маҳрум намудан аз мақоми гурезаро қабул менамояд.

Дар баробари ин бояд хотиррасон намуд, ки комиссияи муштараки доимоамалкунанда аз намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти амнияти миллӣ ва мақомоти қорҳои хориҷӣ иборат мебошад.

Ҳангоми мавҷуд будани асосҳои пешбинигардида комиссия дар доираи ваколатҳои худ доир ба қатъ ё маҳрум намудан аз мақоми гуреза қарор қабул менамояд.

Дар робита ба ин тамоюли мусбат парванда, ки соли 2013 суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ду қарори комиссияро дар бораи маҳрум намудан аз мақоми гуреза нисбати ду шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки аз соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуреза будаанд, бекор кард. Асос он буд, ки намояндаи комисияи муштарак натавонист ваҷҳои қабули қарори баровардаи худро оварад [92, с. 39]. Суди ноҳияи Синои ш. Душанбе нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Э.Х. ва А.Х. аз 08.02.2013 сол барои вайрон намудани қоидаҳои будубош «Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.07.2000 сол, №325 дар бораи маҳалҳои аҳолинишини ҶТ, ки дар он ҷой муваққатан зист намудан шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест» дар қаламрави ҶТ мутобиқи қ. 1 м. 499 КҲМ ҶТ қарорро дар бораи ҷаримабандӣ ба андозаи 3200 сомони бе берун кардан аз қаламрави ҶТ қабул кард.

Дар мавриди зикршуда аз ҷониби Хадамоти шиносномавӣ ва бақайдгирии ВКД ҶТ суроғаи мазкур дар шиносномаи гурезаи ин шаҳрвандон ҳамчун ҷойи истиқомат ба қайд гирифта шуда буд. То ҳодисаи зикршуда аз ҷониби комисия оид ба муайян кардани мақоми гуреза шаҳрвандони мазкур дар асоси қ. 2 м. 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо», аз мақоми гуреза маҳрум карда шуда буданд.

Ҳангоми қабул гардидани қарор дар бораи қатъ ё маҳрум намудан аз мақоми гуреза ба шахсе, ки нисбати ӯ қарори мазкур қабул гардидааст, огоҳнома фиристонида мешавад. Огоҳнома аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ пас аз қабули қарор бояд супорида шавад. Шаҳодатномаи гурезаи шахсе, ки нисбати ӯ қарори дахлдор дар бораи қатъ ё маҳрум намудан аз мақоми гуреза қабул гардидааст, беэътибор дониста мешавад, ва аз тарафи Хадамоти шиносномавӣ ва бақайдгирии ВКД ҶумҳурииТоҷикистон ҳатман талаб ва нобуд карда мешавад.

Нисбати шахсоне, ки мақомоти мазкур қарорро дар бораи қатъ ё маҳрум намудан аз мақоми гуреза қабул намудааст, ӯҳдадор аст дар мудати як моҳ баъди гирифтани огоҳнома, якҷо бо аъзои оилаи худ Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намояд. Боиси тазаккур аст, ки ҳангоми гирифтани қарор дар хусуси қатъ ё маҳрум намудани шахс аз мақоми гуреза дар ҶТ, усули ғайрйихтиёри тадбиқ мегардад. Дар ин маврид аъзои оилаи ӯ низ уҳдадор мешавад, ки дар муҳлати муқарраршуда тарки Ҷумҳурии Тоҷикистон намоянд. Мақсади тадбиқ намудани чунин чораи ҳуқуқӣ нисбат ба аъзои оилаи гуреза «муттаҳидшавии оила» ҳамин аст, қи устуворӣ ва ягонаги оила таъмин ва нигоҳ дошта шавад.

Ҳамин тариқ, масоили қатъгардии мақоми гуреза таваҷҷӯҳи гуногунро дар қонунгузории кишварҳо ёфтааст. Масалан дар қонунигузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [3], Белоруссия [221], Гурҷистон [219], Федератсияи Россия [222], Туркманистон [224] ва Украина [225] ду ҳолати қатъгардии мақоми гуреза: – «аз даст додан» ва «маҳрум шудан» пешбинӣ шудааст. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» чор ҳолати умумии «аз даст додани

мақоми гуреза» муайян гардидааст, ки чунин ҳолат дар қонунгузории кишварҳои номбаршуда таваҷҷӯҳи хосаро ёфтааст. Мисоли дигар: дар Қонуни Ҷумҳурии Белоруссия ва Федератсияи Россия «Дар бораи гурезаҳо» ҳафт ҳолати аз даст додани мақоми гуреза ва дар Туркманистон бошад 5 ҳолати аз даст додани мақоми гуреза пешбинӣ шудааст. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» танҳо як мавриди «аз даст додани мақоми гуреза» – «баргаштани шахси бешаҳрванд ба қаламрави давлате, ки дар он ҷо то гирифтани мақоми гуреза истиқомати доимӣ дошт», истисно шудааст.

Гарчи мақоми гурезаро дар қаламрави ҶТ ба ду шахс – шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» (м. 1) медиҳад ва ҳолати аз даст додани он нисбати онҳо набояд истисно бошад. Бо чунин назардошт бинобар мувофиқати муқаррароти м.м. 1 ва 13 Қонун пешбинӣ кардани ҳолати зикргардида, дар м. 13 аз аҳмият холӣ нест. Дар санадҳои байналхалқӣ масъалаи қатъгардии «мақоми гуреза» бевосита муайян нашудааст, вале муқаррароте дар онҳо пешбинӣ шудааст, ки асоси қатъгардии мақоми гуреза баромад мекунанд. Чунончӣ, муқаррароти Конвенсия оид ба мақоми гуреза аз 28 июни соли 1951 (б. 3, м. 1) дар чунин маврид нисбати шахси гуреза татбиқ намешавад, агар [41]:

– ихтиёран аз сари нав аз ҳимояи кишвари мансубияти шаҳрвандии худ истифода кардааст;

– баъди маҳрум шудан аз шаҳрвандии худ бори дигар онро ихтиёран ба даст овардааст;

– аз ҳимояи кишвари мансубияти нави шаҳрвандии худ истифода кардааст, ё хоҳиши истифдакардан дорад;

– ихтиёран бори дигар дар кишваре қарор гирифтааст, ки онро тарк карда буд ва ё хориҷ аз он дар натиҷаи хатари таъқибот иқомат дорад ва наметавонад дигар аз истифодаи ҳимояи кишвари мансубияти шаҳрвандии худ худдорӣ намояд, зеро шароите, ки дар асоси он гуреза эътироф шудааст дигар вуҷуд надорад.

Чунин вазъ дар банди 6-уми боби 2-юми Оинномаи Раёсати Комиссарии Олии СММ оид ба гурезаҳо (УВКБ ООН) муқаррар шудааст. Дар банди 7-уми Оинномаи мазкур (УВКБ ООН) боз чор ҳолате муайян шудааст, ки татбиқи салоҳияти Комиссари Олиро ба чунин ашхос истисно менамояд [39]:

1. шахсе, ки шаҳрванди якчанд давлатро дорад;

2. шахсе, ки дар қаламрави кишвар истиқомат дорад ва вобаста ба тобеияти шаҳрвандӣ ҳуқуқу уҳдадориҳояшро ҳокимият эътироф кардааст;

3. шахсоне, ки истифодаи ҳимоя ё кӯмакро аз мақомот ё муассисаҳои СММ идома медиҳанд;

4. шахсе, ки ҷиноят содир намудааст ва чунин ҷиноят дар шартномаҳо оид ба супоридани ҷинояткор муқаррар шудааст.

Дар қонунгузории Озарбойҷон ва ИМА ҳолатҳои дигари қатъгардии мақоми гуреза пешбинӣ шудааст. Чунончӣ, дар м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи мақоми гуреза ва муҳоҷирони иҷборӣ» [218] аз 21-уми майи соли 1999 «бо гузаштани муҳлати 5 соли ба даст овардани мақоми гуреза». Дар қисми 208 Қонуни ИМА «Дар бораи муҳоҷират ва шаҳрвандӣ» [223] – «ҳукми баровардаи суд нисбати шахсе, ки дар қаламрави ИМА ҷиноят содир намудааст» боиси қатъ гардидани мақоми гуреза мегардад. Ҳамчунин дар санади мазкур соли 1996 тағйиротҳои ҷиддӣ, ба мисли рондан аз кишвар ва роҳ надодан ба ҳудуди давлат (exclusion) дар асоси санксияи мақомоти маъмурӣ ё судӣ ворид карда шуд. Мақсади ворид кардани тағйирот ба ин санад баҳри пурзур кардани раванди рондан мебошад. Масалан, тибқи ин санад иҷозат дода шудааст, ки парвандаҳои рондан аз давлатро бе иштироки шахси рондашаванда баррасӣ намоянд, ба шарте, ки шахс ба тариқи дахлдор хабардор шуда бошад. Муҳимияти ин санад боз дар он аст, ки нисбати адвокатҳо ва намояндагони қонунии шахси гуреза ё паноҳҷӯянда, ки шикояти беасосро пешниҳод намудааст, ё дидаву дониста рафти баррасии парвандаҳо оиди рондан аз кишварро ба таъхир меандозад чораҳои ҷазо пешбинӣ кардааст.

Илова ба таҳлилҳои болозикр мебояд қайд кард, ки истиллоҳи «қатъгардии мақоми гуреза» дар Қонуни Ҷумҳурии Эстония «Дар бораи гурезаҳо» аз 18-уми феврали соли 1997 пешбинӣ нашудааст [226]. Вале дар м. 19 боби 5 Қонуни мазкур «аз даст додани мақоми гуреза» бо тартиби зайл муқаррар гардидааст: тарки қаламрави Эстония бо сабаби аз даст додани мақоми гуреза (м. 20), манъи интиқол бо тариқи маҷбурӣ (м. 21), маҳрум намудан аз паноҳгоҳ (м. 22).

Масоили қатъгардии мақоми гуреза дар қонунгузории Ҷумҳурии Арманистон баррасии комилро ёфтааст. Чунончӣ боби VI Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 3-юми марти соли 1999, «қатъгардии мақоми гуреза» ном дорад, ки дар он асосҳои қатъгардӣ (м. 20) ва маҳрум кардан аз мақоми гуреза (м. 21) бо тариқи муфассал арзёбӣ шудааст [220].

Аз ҷумла шаш ҳолати аз даст додани мақоми гуреза ва ба ҳайси маҳрум кардан аз мақоми гуреза ҳолатҳое баромад мекунанд, ки пештар ошкор нашуда бошанд. Чунончӣ:

– то омадан ба қаламрави Ҷумҳурии Арманистон ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ, инсоният ва ҷиноятҳои ҳарбие содир карда бошад, ки дар санадҳои байналхалқӣ пешбинӣ шудаанд;

– то омадан ба Ҷумҳурии Арманистон ҷиноятҳои хусусияти ғайрисиёсӣ содир карда бошад ва ё нисбати вай қарори Суди байналхалқӣ барои ҷиноятҳое, ки ба муқобили мақсаду принсипҳои СММ содир шудааст, моҳияти гум накарда бошад;

– амнияти Ҷумҳурии Арманистонро мумкин аст таҳдид кунад;

– шаҳрванди якчанд кишварро дорад ва беасос ҳимояи яке аз ин кишварҳоро истифода накардааст;

– агар шахси муроҷиаткунанда ҷавоби радро дар дархост оиди ба дастовардани мақоми гуреза гирифта буд, аммо маълумоти нав ба дархосташ илова накарда бошад.

Ҳамин тариқ, асосҳои қатъгардии мақоми гуреза дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои байналхалқӣ дар чунин ҳолатҳо пешбинӣ мегардад:

1. Қатъгардӣ дар ҳолати «аз даст додан» ва «маҳрум шудан» аз мақоми гуреза (Тоҷикистон, ФР, Белоруссия, Гурҷистон, Туркманистон, Украина):

– қатъгардии мақоми гуреза дар ҳолати паҳн нагаштани муқаррароти қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналхалқӣ доир ба гурезаҳо (Конвенсия оид ба мақоми гуреза, Оинномаи УВКБ ООН);

– қатъгардӣ дар мавриди гузаштани муҳлати мақоми гуреза (Ҷумҳурии Озарбойҷон);

– қатъгардии мақоми гуреза дар мавриди маҳрум шудан аз озодӣ (ИМА);

– қатъгардӣ дар ҳолати пеш ва баъд аз бадастовардани мақоми гуреза,ҷиноятҳои байналхалқӣ ё ҷиноятҳои хусусияти ғайрисиёсӣ содир карда бошанд;

– қатъгардии мақоми гуреза дар ҳолати бартарафии хавфу хатари комилан асосноке, ки сабаби ба дастовардани мақоми гуреза дониста мешуд;

– қатъгардии мақоми гуреза бо сабаби тарки қаламрави кишвари паноҳгоҳ ё иҷозат гирифтан барои истиқомати доимӣ дар қаламрави кишвари паноҳгоҳ ё давлати дигар;

– қатъгардии мақоми гуреза дар ҳолати соҳиб шудани шаҳрвандии кишвари паноҳгоҳдода ё давлати дигар;

– қатъгардӣ дар ҳолати аз ҳимояи давлати мансубияти шаҳрвандии худ ё созмонҳои байналхалқӣ истифода намудан;

– қатъгардии мақоми гуреза дар ҳолати ошкор гаштани маълумоти бардурӯғ ё ҳуҷҷатҳои қалбакие, ки барои гуреза донистан асос шуда бошанд.

2. Қатъгардии мақоми гуреза дар ҳолати ба асосҳои сохти конститутсионӣ, амният, саломатию ахлоқи аҳолии кишвари паноҳгоҳ диҳанда таҳдид намояд.

Бо назардошти таҳлили муқоисавии болозикр мешавад ба тариқи зайл натиҷа гирифт, ки дар бандҳои 1 ва 2-юми м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» вобаста ба кафолати ҳуқуқи гурезаҳо мухолифат дида мешавад. Чунончӣ, дар б. 1 м. 14 гуфта шудааст: «кафолат ба шахсоне, ки аз мақоми гуреза маҳрум шудааст, дода мешавад дар б. 2-юми м. 14 омадааст, ки «банди якуми ҳамин модда ба шахсоне, ки ба амнияти давлат таҳдид мекунанд, паҳн намешавад». Ҳол он, ки тибқи м. 13 Қонун яке аз ҳолатҳои маҳрум шудан аз мақоми гуреза ин таҳдид ба амнияти миллӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамин тариқ, бандҳои 1-ум ва 2-юми м.и 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» бинобар мухолифот доштан тақозои ислоҳ мебошад.

Ҳамзамон бо ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» (м. 11) муқаррароти тартиби гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда дар шакли умумӣ сабт шудааст. Дар м. 3-юми Қонуни Федератсияи Руссия «Дар бораи гурезаҳо» аз 19-уми феврали соли 1993 ҳафт марҳилаи тартиби гуреза донистани шахси дархосткунанда бо таври муфассал ҷой дода шудааст, ки тадбиқи муқаррароти Қонунро дар ин раванд мураккаб намесозад. Бо назардошти ин пешниҳод менамоям, ки ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» марҳилаҳои тартиби гуреза донистани шахс бо чунин мазмун пешбинӣ карда шавад:

1. бақайдгирии дархост барои гирифтани мақоми гуреза;
2. таъин кардани мусоҳиба ва омодаги ба он;
3. гузаронидани мусоҳиба бо шахси паноҳҷӯянда;
4. коркардаи маълумотҳо ва муқаррар кардани ҳолатҳо(фактҳо);
5. қабули қарори дар хусуси гуреза донистани шахси паноҳҷӯянда.

# БОБИ 3. МАСОИЛҲОИ ТАТБИҚИ МАҚОМИ КОНСТИТУТСИОНӢ – ГУРЕЗАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар таҳлил ва омӯзиши масоили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо, аввалан таваҷҷуҳ ба падидаи конститутсионии ҳуқуқии инсон намудаем. Имконияти амали сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи мустақили Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин нуктаро ба инобат гирифта Президенти ҶТ, чун кафили конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд буда, баҳри беҳатаргардии вазъи ҳуқуқи башар, доиман ғамхорӣ менамояд.

Дар ин раванд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 15-уми апрели соли 2009 таъкид карда буд, ки: «Яке аз вазифаҳои асосии давлат ин ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад» [205].

Доираи ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси пурраи худро пайдо намудааст. Мутобиқи қ. 2 м. 14 «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд» [1, с. 5]. Тибқи, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои фитрии инсон ва шаҳрвандро, ки ба қонунгузории давлати мушаххас вобаста нестанд, эътироф менамояд. Тасдиқи ин ҳолат аз м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд.

Дар м.м. 14-47 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба қавле «позитивӣ» шакл гирифтаанд. Ба он маъност, ки ба онҳо шакли амали бевосита дода шудааст ва дар сурати ба миён омадани ягон монеаи сунъӣ бартарият доранд. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳанд, бинобар сабаби мустақиман амал намуданашон аз ҳама гуна меъёри ҳуқуқии санади дигари меъёрӣ афзалтаранд. Ҳеҷ як санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, наметавонад берун аз меъёрҳои

констиутсиони амал кунад, аз ҷумла дар бахши ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, ки дар боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудаанд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ифодакунандаи муносибати давлат бо инсон мебошанд. Ба қавле онҳо муносибатҳои амудӣ (вертикалӣ)-еро мемонанд, ки ба таври истисно танҳо миёни давлат ва шахс ба вуҷуд меоянд. Дар ин замина кӯшишҳои тадбиқи методологияи дигар ва истифодаи ифодаи ҳуқуқи инсон чун муносибатҳои байни одамон (яъне амалии уфуқӣ (горизонталӣ)-и ин ҳуқуқҳо натиҷаи дилхоҳ дода натавонист. Зеро муносибатҳои уфуқӣ байни одамон – иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ, аллакай аз ҷониби дигар соҳаҳои ҳуқуқ танзим гардидаанд. Дар сурати эътирофи ҳуқуқи инсон чун муносибати шахс бо шахс, фарқ байни соҳаҳои дигари ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон аз байн меравад. Бинобар ин, ҳангоме, ки мо ҳуқуқи инсон мегӯем, муносибати мутақобилаи давлатро бо шахси «хориҷӣ», «шахсони бешаҳрванд», «гуреза» дар назар дорем. Барои муайян кардани муносибати мутақобилаи шахс бо давлат зарур мешуморем, ки ба категорияи мақоми соҳибҳуқуқии шахс таваҷҷуҳ дошта бошем. Ҳарчанд, категорияи «соҳибҳуқуқӣ» дар асарҳои олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ то ба охир таҳлилу тасниф нашудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мавқеи категорияи «соҳибҳуқуқӣ» дар мақоми ҳуқуқии шахс андешаҳои гуногун дида мешаванд. Масалан, Л.С. Явич [135, с. 216], Я.Р. Веберс [179, с. 12-14], О.И. Иоффе [86, с. 18] қайд менамоянд, ки соҳибҳуқуқӣ ин ҳуқуқи махсус мебошад. Гурӯҳи дигари олимон ба монанди Н.И. Матузов [106, с. 520], О.А. Красавчиков [97, с. 71-99], Л.Г. Кузнетсова [98, с. 77], В.Н. Храпонюк [131, с. 223] соҳибҳуқуқиро ҳамчун сифати муқаррарӣ инкор намуда, онро ба сифати умумӣ-ҳуқуқии шахс ба эътибор мегиранд.

Ба назари мо, категорияи «соҳибҳуқуқӣ» ба мафҳуми ҳуқуқӣ дохил буда, ҳамчун натиҷа ба сифати муқаррарии инсон баромад мекунад, яъне мавҷудияти воқеии онҳо аз рӯзи таваллуд то лаҳзаи марг, синну сол ва

дигар сифатҳое, ки аз тарафи давлат эътироф карда шудаанд, амали мегардад. Айни ҳол марҳилаи мазкур натиҷаи инкишофёбии ҷамъият дониста мешавад. Вале, ин маънои онро надорад, ки фақат сифати умумӣ-ҳуқуқии инсон мебошад. Зеро инсон тамоми ҳаёт барои эътироф ва таъмин шудан аз тарафи давлат ба сифатҳои воқеии худ дар ҷамъият мубориза мебарад. Масалан, муборизаи баробарҳуқуқии зан ва мард, ки дар натиҷа аҳамияти худро дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмиллӣ пайдо намуданд. Гуфтан мумкин аст, ки категорияи соҳибҳуқуқӣ фақат дар натиҷаи инкишофи ҷамъият дар асоси сифатҳои воқеии эътирофшуда аз тарафи давлат имконпазир аст, вале ҷудо кардани онҳо аз сифатҳои воқеӣ бефоида мебошад.

Ҳамин тариқ, асоси соҳибҳуқуқиро сифатҳои воқеии инсон, ки мавҷудияти ҷисмонии инсон, синну сол, ирода ва қобилияти ӯро дар бар мегирад, ташкил медиҳад. Ин сифатҳои воқеӣ баъди эътироф кардан аз тарафи санадҳои қонунгузорӣ ба қобилияти ҳуқуқ (соҳибҳуқуқӣ) табдил меёбанд ва барои ҳамин сифатҳои воқеии инсон, дар маҷмӯъ бо сифатҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ моҳияти категорияи соҳибхуқуқии шахсони ҷисмониро дар ҷамъият ифода мекунанд. Соҳибҳуқуқӣ ин қобилияти ҳуқуқии шахс бо амалҳои худ ҳуқуқу уҳдадории гуногун пайдо намудан, мебошад.

Дар ин хусус профессор Ҷ.М. Зоир андешаи ҷолибро асоснок мекунад, ки «ҳуқуқу уҳдадорҳои инсон ҳамчун принсипи асосӣ ва роҳбарикунанда дар ҷомеъа ва давлат эътироф гардидаанд, ки ба мустақилияти соҳибҳуқуқии шахс дар интихоби урфу одат, оинҳои мазҳабӣ, авлодӣ ва эътиқоди динӣ мусоидат мекунад» [81, с. 7-10]. Бо назардошти нуктаҳои болозикр мешавад натиҷа гирифт, ки фарқияти соҳибҳуқуқӣ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар он аст, ки ӯ аз шахсият ҷудонопазир мебошад.

Вижагии дигари ҳуқуқи субъективии гуреза имконияти соҳибҳуқуқӣ ва уҳдадор буданро ифода менамояд, ки ҳамчун сифати ҳуқуқӣ, аз рӯйи табиати аз вай ҷудонопазир будан, мебошад. Аммо соҳибҳуқуқии гуреза аз соҳибҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ, комилан тафовут дорад. Чунки нисбат

ба шахсони якум қонунгузории давлате, ки паноҳгоҳ додаст, тадбиқ мешавад, нисбати шахсони дуюм бошад ҳуқуқи ватанӣ ва хориҷӣ.

Дар маҷмуъ, соҳибҳуқуқии гуреза – ин сифати ҳуқуқии ӯ мебошад, ки қобилияти соҳибҳуқуқӣ ва фаъолиятиро дар бар мегирад. Андоза ва таркиби қобилияти ҳуқуқии гуреза дар асоси қонунгузорни ҶТ ба танзнм дароварда мешавад. Дар сатҳи расмӣ ҳуқуқи ҶТ қобилияти ҳуқуқии гурезаро муайян кардааст, ки мувофиқи он гуреза, агар дар кишвари шаҳрвандии худ надошта бошад, дар кишвари мо аз ҳуқуқҳои муқараргардида бархурдор мегардад. Аз тарафи дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузорӣ ба шаҳрвандони ҶТ пешбини накардааст, ба онҳо низ дода намешаванд. Бинобар ин, дар ҶТ тартиби миллӣ ҳангоми муайкунии қобилияти ҳуқуқии гурезаҳо пешниҳод карда мешавад. Пас маълум мегардад, ки таркиби қобилияти ҳуқуқии гурезаҳо бо қобилияти ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ баробар мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қобилияти умумии ҳуқуқии гуреза, одатан табиати шартӣ дорад, бинобар истисноҳои муайян на ҳама вақт ба гурезаҳо ҳаҷми якхелаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки шахрвандоии давлати истиқомат доранд, дода мешаванд. Масалан, ҳуқуқи озодона гаштан дар сарзамини кишаври қабулкарда, интихоби манзнли истикоматӣ, машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ва ғайраҳо. Моҳиятан дар ҳуқуқ ва уҳдадориҳо гурезаҳо ба шаҳрвандони ҶТ, ғайр аз он истисноҳое, ки аз тарафи қонунгузорни ҶТ пешбинӣ карда шудааст, баробаранд. Баробаркунии қобилияти ҳуқуқдории гурезаҳо бо шаҳрвандони ҶТ ҳама гуна маҳдудиятро истисно мекунад.

Дар асоси таҳлилҳои илмӣ андеша, ки гурсзаҳо новобасга аз миллат, нажод, дин, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ қобилияти ҳуқуқдории баробарро бо шаҳрвандон доранд.

Ҷузъи дигари соҳибҳуқуқии гурезаҳо ин қобилияти амали (мукаллафияти) онҳо дониста мешавад, ки бо амалҳои худ ҳуқуқҳоро ба даст оварда, уҳдадориҳоро иҷро менамоянд. Айни замон давлатҳои

қабулкунандаи гурезаҳо дар асоси қонунгузории соҳавӣ қобилияти амали (мукаллафияти) гурезаҳоро муайян намуда, ба танзим даровардаанд [165, с. 189-190].

Ҷумҳурии Точикистон қобилияти амалии (мукаллафияти) гурезаро дар ҳаҷми пурра, пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ баробар ба шаҳрвандон муайян кардааст. Ҳамчунин маҳдудияти қобилияти амалии (мукаллафияти) гуреза аз рӯйи нишонаҳои нажод, дин, ҷинс ва ғайра бо қонунгузории ҶТ қатъиян манъ кардааст. Аммо қонунгузор маҳдудияти қобилияти амалии (мукаллафияти) гурезаро фақат бо тартиби судӣ ва дар асосҳое, ки аз тарафи қонун пешбинӣ карда шудааст, амалӣ мегардонад. Аз ҷумла, дар сӯиистеъмолии машрубот ё маводи нашъаовар худ ва ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ гирифтор намояд (м. 31 КГ ҶТ). Гурезаҳое, ки дар қобилияти амалӣ (мукаллафият) маҳдуд карда шудаанд, мустақилона моликияти худро идора карда наметавонанд, аз ин ҷумла, туҳфа кардан, фурӯхтан, иваз кардан, васият кардан ва дигар амалҳое, ки дар қонунгузории миллӣ пешбини шудаанд. Дар ин ҳолат ба ҷои ӯ ин амалҳоро шахси махсус таъиншуда, яъне парастор анҷом медиҳад. Агар гуреза дар натиҷаи касалии руҳи ё камақлӣ моҳияти амалҳои худро нафаҳмад ё онҳоро идора карда натавонад, то он вақт мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои мурофиаи маданӣ суд метавонад ин шахсро аз қобилияти амалӣ махдуд созад ва парастор таъин кунад. Дар робита ба масъалаи мазкур тазаккур бояд дод, ки қобилияти амалии (мукаллафияти) гуреза аз қобилияти амалии (мукаллафияти) шахсони хориҷӣ дар ҶТ фарқ мекунад. Масъалан қобилияти амалии (мукаллафияти) шахсони хориҷӣ бо қонуни шахсӣ, яъне бо қонуни шаҳрвандӣ танзим карда мешавад. Вале қобилияти амалии (мукаллафияти) гурезаҳоро қонуни ҳамон давлате муайян мекунад, ки ба ӯ паноҳгоҳ додааст.

Дар ҳошияи соҳибҳуқуқии гурезаҳо дар ҶТ метавон гуфт, ки он танҳо дар асоси қонунгузории ҶТ муайян карда мешавад ва итоат ба ду тартиби хукуқӣ, ҳамчун хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, ба онҳо

паҳн карда намешаванд. Тибқи назари илми ҳуқуқшиносӣ ду гурӯҳи асосии ҳуқуқҳои гурезаҳо мавҷуданд: – ҳуқуқҳои моддӣ ва ҳуқуқҳои мурофиавӣ.

Ба доираи ҳуқуқҳои моддӣ дохил мешаванд: озодии сухан, озодии виҷдон, интихоби ҷойи зист, ҳуқуқ ба таҳсил ва ғ. Ба доираи ҳуқуқҳои мурофиавӣ, тарзи амал ва падидаҳое дохил мебошанд, ки ба ихтиёри шахс «гуреза» вогузор гардида, тавассути онҳо ба ҳокимият маҷбур мекунонад, ки ҳуқуҳои ӯро ҳимоя, риоя ва иҷро намоянд. Қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ дар ин хусус барои якҷоя ё алоҳида амали сохтани гурӯҳи номбурда, шарти ҳуқуқӣ нагузоштааст.

Масъалаи дигаре, ки зимни баррасии мазмуни ҳуқуқи гуреза диққати ҷиддиро талаб менамояд, муайяннамоии таносуб байни мафҳумҳои «ҳуқуқи гурезаҳо» ва «уҳдадори гурезаҳо» мебошад. Зеро дар шартномаҳои байналхалқӣ ва қонунгузории миллӣ ин мафҳумҳо пайваста истифода мешаванд. Воқеан, истилоҳи ҳуқуқ ва уҳдадории гурезаҳо, чун анъана дар радифи якдигар истифода бурда мешаванд ва якдигарро пурра месозанд. Зиёда аз ин, агар сухан дар мавриди табиати ҳуқуқӣ, тарзи таҳкими меъёрӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ, тартиби амалишавӣ ва инчунин воситаҳои ҳимоя равад, пас байни «ҳуқуқ» ва «уҳдадорӣ» танзими тафриқавӣ дида мешавад. Бо вуҷуди ин, миёни мафҳумҳои номбаршуда фарқияти назаррасе ҷой дорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифи мафҳумҳои «ҳуқуқ» ва «уҳдадорӣ», новобаста аз мансубияти шаҳрвандӣ хислати умумӣ дорад.

Мувофиқан, ҳуқуқи инсон ин маҷмуи имкониятҳо, чораи рафтори имконпазирии он мебошад, ки бо қонун кафолат дода шудааст [79, с. 61]. Маврид ба зикр аст, ки гурезаҳо як табақаи осебпазир дар ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта мешаванд, ки аз кафолатҳои ҳуқуқӣ-умумӣ бархурдоранд.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ истилоҳи «озодӣ» бошад, ба ду маъно тафсир гардидааст: 1) Ба маънои фалсафӣ, ки мувофиқи он мафҳуми озодӣ ба таври васеъ маънидод шуда, ки имконияти мустақилона ва аз рӯйи иродаи худ амал намуданро ифода менамояд; 2) Ба маънои ҳуқуқӣ, озодӣ ин имконияти амал намудан дар ҳудуди муайяннамудаи қонун аст.

Аз истилоҳҳоти додашуда, ба хулосае омадан шояд, ки онҳо дар маҷмуъ ҳуқуқҳои умумиинсонӣ мебошанд. Яъне ҳамаи одамон бидуни ҳеҷ гуна табъиз ҳуқуқ ва озодиҳои баробар доранд. Қонунгузории давлатҳои демократӣ баробариро қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, мавқеи иҷтимоӣ ва мансабӣ, муносибат ба дин ва ғайра, кафолат медиҳанд. Умумӣ будани ҳуқуқҳои инсон ҳамчунин ҷанбаи ҳудудӣ ва фазоӣ доранд. Яъне дар куҷое, ки инсон қарор дошта бошад ва ё таваллуд ёбад, соҳиби ҳуқуқҳои табиӣ ва озодиҳост.

Бояд хотирасон намуд, ки ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд на танҳо аз ҳуқуқи озодиҳои дар сатҳи конститутсия муқарраргардида иборат аст, балки уҳдадориҳоро низ дар бар мегирад. Онҳо унсури зарурӣ ва ҳатмии муносиботи мутақобилаи байни давлат, ҳуқуқ ва шахсият мебошанд. Бе онҳо на мувозина овардани низоми сиёсӣ, на танзими самараноки ҳуқуқӣ ва дигар зуҳуроти иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Уҳдадории ҳуқуқӣ – ин намуд ва чораи бо қонун пешбинишудаи рафтори ба ҷамъият зарурӣ ба шумор меравад.

Уҳдадорӣ ҳолати муқарарии ҳуқуқи шахс буда, аз унсурҳои зерин иборатанд:

1. Иҷроиши ҳатмии амали муайян ё худдорӣ намудан аз он;
2. Уҳдадории ҳуқуқӣ ба талаботи қонунии ба шахс равонашуда;
3. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардани талаботи муқарраргардида;
4. Зарурияти нагирифтани пеши роҳи ашхоси ваколатдор зимни бархурдории онҳо аз манфиатҳое, ки ба он ҳуқуқ доранд [65, с. 185].

Уҳдадориҳо бо ҳуқуқҳо дар алоқамандии зич қарор дошта, якдигарро пурра менамоянд. Муқарраротии боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати ин гуфтаҳост. Ба қавли Баглай М.В. «ба шахс таъмин намудани ҳуқуқ, вале бидуни уҳдадорӣ ғайриимкон аст, чунки ин ду падида якдигарро пурра ва мукаммал мегардонанд. Озодӣ он вақт воқеӣ мегардад, ки ба низоми ба ҳуқуқ асосёфта даровaрда шавад. Танзим – ягонагии ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ мебошад» [64, с. 381-382].

Ҳамин тариқ, таъиноти асосии уҳдадориҳои ҳуқуқӣ муросилоти ҳуқуқ мебошад, яъне ҳуқуқҳои инсон танҳо ба воситаи уҳдадориҳои каси дигар ба воқеият пайваст мегарданд ва баръакс.

Формулаи «ҳуқуқ бе уҳдадорӣ мавҷуд нест!», эътирофи байналхалқиро касб намудааст. Чунончӣ, дар моддаи 29 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ЭУҲБ) қайд мегардад, ки «ҳар як инсон дар назди ҷамъият, ки дар он инкишофи озодона ва пурраи шахсияти ӯ имконпазир аст, ӯҳдадорӣ дорад» [71, с. 237]. Дар Паймони байналхалқии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) инчунин зикр шудааст, ки «ҳар як инсони мушаххас нисбат ба дигар одамони ҳамон ҳайат (коллектив)-е, ки ба он тааллуқ дорад, уҳдадорӣ дорад».

Танзими асосии уҳдадориҳо дар конститутсияи давлатҳо низ инъикос шудааст. Ухдадориҳои конститутсионӣ, ин дар меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ифодаёфтаи талаботи давлати мушаххас ба рафтори одамон, ки дар ҳудуди он қарор доранд, мебошад.

Ҳамин тариқ мо дар навбати худ уҳдадориҳои конститутсиониро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо намудем. Уҳдадориҳои асосӣ – талаботи ба таври конститутсионӣ устуворшуда ва бо ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳимояшавандаест, ки новобаста аз шаҳрвандӣ пешниҳод гардида, бо зарурияти иштироки он дар таъмини манфиатҳои ҷамъият, давлат ва шаҳрвандони дигар алоқаманд аст. Ин уҳдадориҳо дорои чунин хусусиятҳо мебошанд: 1) хусусияти умумӣ доранд, 2) аз ҳолати ҳуқуқии мушаххаси шахс вобаста нест, 3) Дар сатҳи олӣ, конститутсионӣ мустаҳкам шудаанд.

Ба чунин уҳдадориҳо онҳое шомил гардидаанд, ки фаъолияти муътадили давлат ва баробари он фаъолияти ҷамъиятро таъмин мекунанд. Зиёда аз он, вобаста ба вижагиҳо баъзе уҳдадориҳо ба ҳамаи одамон паҳн гардида, қисмате танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар уҳдадориҳои ба таври конститутсионӣ таҳкимшуда талаботҳои нисбатан муҳим – ҷавобгарии шахсият дар назди ҷомеа, шаҳрванд дар назди давлат, муносибати дахлдори шаҳрванд ба манфиатҳои далват ва ҷамъият, иштироки фаъоли он дар ҳимояи ин манфиатҳо, дарҷ ёфтаанд.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, аз ҷумла, дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми ҳуқуқ ба ду маъно, яъне умумиичтимоӣ ва юридикӣ қайд гардидааст. Ба маънои умумиичтимоии ҳуқуқ, озодии рафтори инсон аз нигоҳи ахлоқ, одатҳо, қоидаҳои рафтори иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, талаботҳои ичтимоии ҷамъият фаҳмида мешавад. Ба ин маъно мафҳумҳои ҳуқуқи ахлоқӣ (маънавӣ), ҳуқуқи аъзои ҳизби сиёсӣ, ҳуқуқи миллат ба худмуайянкунӣ мустаъмал аст.

Ба маънои юридикии ҳуқуқ, озодии рафтори инсон аз нигоҳи меъёрҳои қонун мебошад. Масалан, ҳуқуқи шаҳрванд ба таҳсил, ба меҳнат. Ба ин маъно ҳуқуқе низ фаҳмида мешавад, ки дар қонунгузорӣ инъикос шудааст. Дар ин маврид ҳуқуқ дар шакли ҳуқуқи позитивӣ ҷой дорад, ки онро давлат муқаррар кардааст [119, с. 49].

Аз мазмуни моддаи 16 Конститутсия ва муқаррароти м. 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» бармеояд, ки шахсони гуреза баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян доранд, ғайр аз ҳолатҳои дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда шуда (яъне ҳуқуқ ба молумулки ғайриманқул, надоштани уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ).

Аз лиҳози илмию амалӣ доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсонеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми гурезаро ҳамроҳи оила ё танҳо соҳиб гардидаанд ва дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, ба таври алоҳида шарҳ хоҳем дод.

Инак шахсоне, ки дар ҶТ гуреза дониста шудаанд дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд:

1. Гуреза ва аъзои оилаи он ба гирифтани иттилоот дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ ва дигар иттилооти ба онҳо лозима ҳуқуқ доранд. Мафҳуми иттилоот дар сархати якуми м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» ҳамчун маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо, сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо, пешбинӣ шудааст [29]. Шахсони гуреза ва аъзои оилаи он гирифтани иттилоотро тавассути ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот амалӣ менамоянд.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро шахсони гуреза ва аъзои оилаи он дар асоси м. 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» амалӣ менамоянд. Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст (ҳуқуқ ба дастрасии иттилооте, ки хусусияти махфӣ доранд) [124, с. 22].

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот гуфта, ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар мақомоту ташкилотҳое, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан дороянд, фаҳмида мешавад (м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот») [30]. Таҳти мафҳуми дигар иттилоот қонунгузор иттилооти хусусияти оммавидошта (иттилооте, ки ба таври оммавӣ тавассути нашрияҳо, воситаҳои сабти овоз ва видео паҳн карда шудааст) ва шахсидоштаро дар назар дорад, ки онҳо низ ҳангоми дархост ба шахсони гуреза ва аъзои оилаи он таъмин карда мешаванд.

2. Шахсоне, ки дар ҶТ гуреза эътироф шудаанд ва бо аъзои оилашон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, ҳуқуқ ба истифодабарии манзили истиқоматиро доранд. Ҳуқуқ ба манзили истиқоматӣ тибқи моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м. 1 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад. Тибқи ин меъёрҳо ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад [25].

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматиро танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд. Шахсони гуреза ва паноҳҷӯ ва аъзои оилаи он танҳо ҳуқуқи истифодабарии муваққатии манзилро доранд. Мутобиқи қ. 2 м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон» аз 2-юми январи соли 2018, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳуқуқи, ҳамчун моликият ба даст овардани биною хонаҳои истиқоматӣ, инчунин дигар биноҳоеро, ки ба фонди манзил дохил шудаанд (ба истиснои ба даст овардани мерос аз ҷониби ворисони қонунӣ), надоранд, ва дар сурати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд. Манзили истиқоматӣ – хонаи алоҳидаест, ки молумулки ғайриманқул дониста мешавад ва барои истиқомати шахсон ҷавобгӯ мебошад (ба талаботҳои санитарӣ ва қоидаҳову меъёрҳои техникӣ, дигар талаботҳои қонунгузорӣ ҷавобгуст).

Ба манзили истиқоматӣ хонаи истиқоматӣ, қисми хонаи истиқоматӣ, ҳуҷра (квартира), қисми ҳуҷра (квартира) ва утоқ дохил мешаванд. Лозим ба таъкид аст, ки бо мақсади таъмини бехатарӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ дар маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯйи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он ҷойҳо муваққатан зист намудани шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест», аз 26-уми июли соли 2000, №325 қабул гардидааст [19].

Дар заминаи Қарори мазкур номгӯйи 24 маҳалли аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон (Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, шаҳру шаҳракҳои Душанде, Хуҷанд, Кӯлоб, Гулистон, Бустон, Истиқлол, Конибодом, Исфара, Бобоҷон Ғафуров, Турсунзода, Роғун, ва навоҳии Лахш, Бохтар, Левакант, Норак, Панҷ, Ҷайҳун, Фархор, Мирсаиди Ҳамадонӣ, Шамсиддини Шоҳин, Шаҳритуз, Қабодиён), муайян гардидааст, ки зисти мувақатии шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест.

Дар асоси талаботи санади ҷойгиркунониии гурезаҳо дар минтақаҳои муайяншуда, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онро тасдиқ кардааст, ба онҳо иҷрои уҳдадориҳои зерин пебинӣ мегардад:

1. дар ҷойи истиқомат қоидаҳои санитарию-гигиениро риоя намоянд;

2. пардохтҳои коммуналиро саривақт супоранд;

3. дар ҳолати хуб нигоҳ доштани бинои истиқоматӣ;

4.саривақт бартараф намудани ҳолатҳои вайроншавии ноқилҳои барқӣ, қубурҳои об, пешгирӣ намудани ҳолатҳои сӯхтор ва ғайраҳо.

Мутобиқи сархати нуҳуми қ. 1 м. 12 шахсони гурезадонисташуда ва аъзои оилаи ӯ ҳуқуқ доранд барои гирифтани иҷозатномаи зист ба мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубошашон муроҷиат намоянд.

Ҳамчунин шахсони гурезадонисташуда ҳуқуқ доранд, ки бо розигии соҳибмулк, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ истиқомат менамоянд, дар манзили онҳо сокин шаванд. Ҳуқуқи мазкур тибқи м. 110 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Шаҳрвандоне, ки квартираи (хонаи истиқоматии) шахсӣ доранд, онро барои истиқомати худ ва аъзои оилаашон истифода мебаранд, ҳуқуқ доранд ба квартира (хонаи истиқоматӣ) дигар шаҳрвандонро ҷой диҳанд, ин квартираҳоро (хонаҳоро) барои иҷораи шаҳрвандон ба истифода диҳанд.

3. Дар сархати панҷуми қ. 1 м. 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» Ҳуқуқҳои шахсони гурезаро ба ёрии тиббӣ, муқаррар намудааст. Ҳамин тариқ, гуреза ва аъзои оилаи он мутобиқан ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, таъминшавӣ бо кор, кор дар асоси кироя ва ёрии тиббиро доранд. Ҳуқуқҳои мазкур мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Гирифтани ёрии тиббӣ (кумаки тиббӣ) ба шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо дар асоси м.м. 58, 59 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад [27].

Тибқи сархати чилу ҳашт м. 1 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КТ ҶТ) таҳти мафҳуми ёрии тиббӣ (кумаки тиббӣ) – тадбирҳои пешгирию ташхиси бемориҳо, заҳролудшавӣ, ҷароҳат, табобат ва барқарорсозии саломатии беморон, назорати ҳомиладорӣ, кумаки момодоягӣ ва назорати давраи баъди таваллуд фаҳмида мешавад. Барои

азназаргузаронӣ барои расонидани ёрии тиббии шахсони гуреза ва аъзои оилаи он, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иқомат доранд ё қарор доранд, азназаргузаронии тиббӣ ба тариқи ихтиёрӣ ва пинҳонӣ бо хоҳиш ё розигии онҳо гузаронида мешавад (қ. 7 м. 161 КТ ҶТ).

Назорати тиббии гурезаҳо ва аъзои оилаи онҳо, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан иқомат доранд ё қарор доранд ва мубталои вируси норасоии масунияти бадан мебошанд (ҳомилони вирус ва беморон), танҳо бо мақсадҳои эпидемиологӣ ва дар асоси махфӣ дар ташкилотҳои дахлдори давлатии низоми тандурустӣ гузаронида мешавад (қ. 1 м. 162 КТ ҶТ). Шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо ҳуқуқ барои пешгирии вируси норасоии масунияти одамро доранд, ки ҳангоми амалӣ намудани он кафолатҳои зерин дода мешавад:

– муоинаи пешгирикунанда бо риояи усулҳои махфӣ, пинҳонӣ ва ихтиёрии ташхис бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ;

– азназаргузаронии тиббии ихтиёрӣ, махфӣ ва пинҳонӣ бо мақсади ошкор сохтани мубталошавии шахс бо вируси норасоии масунияти одам ва ташхис дар муассисаҳои тиббӣ новобаста аз шакли моликият;

– мунтазам гирифтани иттилооти пурра ва босифат, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма оид ба роҳҳои сироятёбӣ ва усулҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам, барномаю хизматрасониҳои мавҷудаи пешгирӣ, ҳуқуқҳои инсон вобаста бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, инчунин оид ба табобат, нигоҳубин ва дастгирии шахсони аз вируси норасоии масунияти одам сироятёфта ва мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният;

– баргузор намудани чорабиниҳои маърифатию оммавӣ, аз ҷумла вохӯриҳо, семинарҳо, аксияҳо ва таъсиси маҳфилҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар байни аҳолӣ (қ. 1 м. 174 КТ ҶТ) [27].

Хизматрасонии тиббию санитарӣ дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ амалӣ мегардад. Дар Тоҷикистон «Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» (минбаъд-Тартиб) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2008, №600 тасдиқ гардидааст. Мувофиқи банди 4 ҳамин Тартиб хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ба шахсони дорои имтиёз, тибқи номгӯйи гурӯҳҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ва нишондодҳои тиббӣ ба хизматрасонии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд, ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи онҳо ба имтиёзҳои иҷтимоӣ, пешниҳод карда мешаванд [34].

4. Машғул шудани гурезаҳо ва аъзои оилаи онҳо ба фаъолияти муайни меҳнати аз рӯйи касб ё новобаста аз он тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли соли 2016 таъмин карда мешаванд. Мутобиқи м. 5 Кодекси мазкур ҳар кас ҳуқуқ дорад бе табъиз ва маҷбурият меҳнатро озодона интихоб намояд ва ё ба меҳнат озодона ризоият диҳад, ба малакаи худ ба меҳнат ихтиёрдорӣ кунад, касб ва самти фаъолиятро интихоб кунад. Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи таъминшавӣ ба кор барои гурезаҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» дар баробари шаҳрвандон аз ҷониби шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо низ амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми таъмин ба кор шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

– шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (шаҳодатномаи таваллуд барои шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд);

– дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи фаъолияти меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳои бори аввал ба кор дохил гардидан);

– гувоҳномаи иқомат ва ё шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд (барои шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунад) ё шаҳодатномаи шахси гуреза;

– ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дониши махсус, дараҷа, ихтисос ё касб барои бастани шартномаи меҳнатӣ дар корҳое, ки тибқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониш, малака ва маҳорати дахлдор зарур мебошанд;

– ҳуҷҷати аз муоинаи тиббии пешакӣ гузаштан (барои шахсоне, ки тибқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ухдадоранд аз чунин муоина гузаранд);

– нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ [26].

Дар Тоҷикистон фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тавассути додани иҷозат барои кор амалӣ мегардад. Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешахрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд, муқаррар намудааст, ки иҷозат барои кор ба муҳлати то 1 сол дода мешавад. Дар банди 3 қоидаҳои мазкур шахсоне мушаххас пешбинӣ гардидаанд, ки аз гирифтани иҷозати кор озод мебошанд. Ба номгӯйи ин шахсон гуреза ва аъзои оилаи онҳо ва шахсони паноҳҷӯянда дохил нестанд. Аз ин бармеояд, ки барои фаъолияти меҳнатии гуреза ва аъзои оилаи онҳо ва шахсони паноҳҷӯянда мумкин аст иҷозати кор талаб карда шавад.

5. Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ барои шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо дар асосҳои умумии Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», кафолат дода мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони гуреза аз лаҳзаи ба синни 18 сола расидан ва ба даст овардани қувваи пурраи қобили амал, тибқи моддаи 24 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд. Дар сурати надоштани қобилияти пурраи амал танҳо дар асоси розигии волидайн, парасторон ва фарзандхондагон ва

қарори суд, баъд аз расидан ба синни 16-солагӣ эмансипатсия карда шуда, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд (м. 28 КГҶТ) [12].

Айни ҳол аксари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, резидент-андозсупоранда ба ҳисоб мераванд. Шахсони гуреза донисташудае, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, пеш аз оғози фаъолият бояд бо мақсади фарогирӣ ба андозбандӣ аз мақоми андоз Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) муайяншуда, дода шавад.

6. Ҳуқуқи дигари шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо – ҷалб шудан ба таҳсили ибтидоӣ ва миёна мебошад. Зеро ҳуқуқи мазкур асоси конститутсиониро доро мебошад.

Тибқи м. 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Ҳуқуқ ба гирифтани таҳсили ибтидоӣ ва миёна тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» таъмин карда мешавад. Тибқи сархати сиву нуҳуми м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳти истилоҳи таҳсилот – раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст, фаҳмида мешавад [33].

Таҳсилоти ибтидоии касбии шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо бо мақсади гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯхтани касб ташкил карда мешавад. Шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияташон дар асоси озмун ё тариқи гузаронидани суҳбат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқи дохил шудан доранд.

Макони таҳсилоти ибтидоии касбии шахсони гуреза дар литсейҳои касбӣ-техникӣ ва соҳавӣ, марказҳои таълимии калонсолон ва дигар муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон») амалӣ карда мешавад. Таҳсилоти шахси гуреза ва аъзои оилаи калонсоли он дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ба роҳ монда шуда, бо гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунандаи касбӣ ба анҷом мерасад.

Таҳсилоти ибтидоии шахсони гуреза бо ихтисосҳои алоҳида дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил карда мешавад, агар муассисаи таълимӣ оид ба ин навъи фаъолияти таълимӣ иҷозатнома дошта бошад. Шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо инчунин дар курсҳои таълимии назди ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, таҳсилоти ибтидоиро гирифта метавонанд (м. 17 ҚҶТ «Дар бораи маориф»). Таҳсилоти миёна барои гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил карда мешавад. Шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти миёнаи касбиро доранд. Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) амалӣ карда мешавад.

Тибқи м. 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳсилоти умумӣ барои фарзандони шахсони гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи табиат, ҷамъият ва арзишҳои таърихию фарҳангии милливу умумибашарӣ ташкил карда мешавад, ҳуқуқ доранд. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи кӯдакони шахсони гуреза дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, мактабҳои (синфҳои) камнуфуз ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар се зина: ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ амалӣ мегардад. Ба синфи якуми зинаи аввали таҳсилот кӯдакони шахсони гурезае, ҷалб карда мешаванд, ки ба синни 7 расидаанд ва дар асоси қонун он ҳатмӣ мебошад.

Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ, фарогир, оилавӣ ва экстернат ташкил

карда мешавад, ки тартиби амалигардонии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад. Қабули кӯдакони шахсони гуреза ба зинаи сеюми таҳсилот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияту завқи онҳо сурат мегирад.

Таҳсили кӯдакони шахсони гуреза дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии давлатӣ метавонад дар баробари таҳсили ройгон бо хоҳиши падару модари (шахсони онҳоро ивазкунандаи) хонанда дар асоси шартномаи тарафайн, пулакӣ ба роҳ монда мешавад. Таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумии кӯдакони шахси гуреза бо аттестатсияи хатм ба анҷом мерасад.

7. Ҳуқуқи дигари гуреза ва аъзои оилаи онҳо гирифтани маълумот дар бораи хешовандон тавассути мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар ҷойи истиқомати аслии гуреза қарор доранд, дониста мешавад. Яъне қонунгузор барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ухдадор намудааст, ки дар бораи хешованди шахси гуреза маълумот диҳанд. Дар як маврид бо ду унсур мақомоти корҳои дохилӣ дар бораи хешовандони шахси гуреза барои гирифтани маълумот кумак мерасонад, яъне бо унсури мансубияти шаҳрвандӣ ва маҳалли истиқоматии пештараи шахси гуреза. Таҳти мафҳуми мансубияти шаҳрвандӣ - алоқаи устувори ҳуқуқӣ бо давлат фаҳмида мешавад ва ба ин муносибат ҳар як шаҳрванд нисбати давлат ҳуқуқи муайян ва уҳдадориҳои дахлдор дорад . Агар ба меъёри пешбинигардида диққат диҳем, мақомоти корҳои дохилӣ дар дарёфти маълумот дар бораи хешовандоне, ки танҳо дар давлати мансубияти шаҳрвандии (маҳалли истиқомати пештараи) шахси гуреза истиқомат мекунанд, кӯмак мерасонад. Аммо агар аъзои оилаи шахси гуреза дар давлати дигар (яъне ғайр аз давлати мансубияти шаҳрвадӣ ва маҳалли зисти шахси гуреза) қарор дошта бошад, пас дар бораи хешованди аъзои оилаи (мансубияти дигар доштани ҳамсари шахси гуреза) шахси гуреза маълумот дода намешавад. Дар баробари ин, шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуреза эътироф шудаанд, ҳуқуқ доранд ба мақомоти

корҳои дохилӣ барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои сафарӣ муроҷиат намоянд.

Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои сафарии шахси гуреза дар мувофиқа бо мақомоти амниятӣ анҷом дода мешавад. Дар айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳуҷҷати сафарии шахси гуреза Қоидаҳои барасмиятдарорӣ, додани раводид ва раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва бешаҳрванд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми январи соли 2017, №31 тасдиқ шудааст, амал мекунад [35]. Ҳамин тавр, тибқи муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқии мазкур ҳуҷҷати сафарии шахсони гуреза ва аъзои оилаи он барои рафт ва омад ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ҳуҷҷати сафариро ба ҷойи шаҳодатномаи миллӣ ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ҳангоми рафт ва омад ба Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон истифода намуд. Ҳамин тавр, рафти шахси гурезае, ки ҳуҷҷати сафарӣ дорад, тибқи тартиби муқарраргардида барои рафти шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ки ба таври муваққатӣ ё доимӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми мавҷуд будани шаҳодатномаи миллӣ ҳуҷҷати сафарӣ ғайриэътибор дониста мешавад. Ҳуҷҷати сафарӣ барои рафти шахсони гуреза ба ғайр аз давлати мансубияти шаҳрвандӣ ё макони истиқомати доимии пештарааш қувваи эътибори ҳуқуқӣ дорад. Ҳуҷҷати сафарӣ ба гурезагон ба муҳлати ду сол дода мешавад. Ҳангоми қабули ариза дар бораи ҳуҷҷати сафарӣ вобаста ба масъалаҳои муҳоҷират ба шахси гуреза тартиби барасмиятдарорӣ ва додани ҳуҷҷати сафарӣ, инчунин тартиби рафту омад ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи корманди мақомоти ваколатдори давлатӣ фаҳмонда мешавад.

Барои гирифтани ҳуҷҷати сафарӣ шахси гуреза ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

– ариза бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти корҳои дохилӣ;

– нусхаи шаҳодатномаи шахси гуреза ба ариза замима карда мешавад;

– дар мавриди мавҷуд будани кӯдак шаҳодатномаи таваллуд, ҳуҷҷати

васигӣ ва парасторӣ ё нусхаи тасдиқшудаи онҳо;

– ду сурати симоӣ тибқи тартиби муқарраргардида;

– нусхаи ҳуҷҷате, ки ҷойи пештараи меҳнатии шахси гурезаро тасдиқ менамояд.

Ҳуҷҷати сафарӣ ба шахси гуреза донисташуда бо гузоштани дастхат ва изи даст (панҷа, ангушт) дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ягон санади меъёри ҳуқуқии ҷудогона дар ин самт қабул нашудааст. Бояд қайд намуд, ки Қоидаҳои барасмиятдарорӣ, додани раводид ва раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми январи соли 2017, №31 тасдиқ шудааст [35], ба масъалаи ҳуҷҷати сафарие, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба шахсони гурезадонисташуда барои аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун баромадан ва ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудан дода мешавад, рабт надорад.

Шахсоне, ки гуреза донистa шудаанд ҳуқуқ доранд баъд аз гузаштани муҳлати иҷозатномаи муваққатӣ барои гирифтани иҷозатномаи истиқомати доимӣ ва ё гирифтани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд. Дар айни замон масъалаҳои мазкур мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровaрда мешавад.

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4] истиқоматкунандагони доимӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамон хориҷиёне донистa мешаванд, ки дорои иҷозати бо гувоҳномаи иқомати ба расмият даровардашуда, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба танзим дароварда мешавад, дошта бошад.

Илова бар ин, тартиби иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми майи

соли 1999, №218 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шудааст, ба танзим дароварда мешавад [36].

Аз тартиби муқарраргардидаи иқомат дар ҶТ ба чунин хулосае омадем, ки шахсони гуреза низ ҳуқуқ доранд, ки ба таври доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқомат намоянд. Мебояд таъкид кард, ки дар Қонуни болозикр чунин шарт пешбинӣ шудааст, ки шахс ҳамон вақт ба таври доимӣ иқоматнамудаи ҶТ ҳисобида мешавад, ки зиёда аз 6 моҳ дар ҳудуди он бо қайди гувоҳномаи ҷойи истиқомат қарор дошта бошад.

Гувоҳномаи истиқоматӣ ҳуҷҷати ҳисоботии қатъӣ мебошад, ки шахсияти гурезаро дар бораи иқомати доимии он тасдиқ менамояд. Гувоҳномаи иқомат ба шахсоне, ки ба 16 сола расидаанд, дода мешавад. Маълумот дар бораи аъзои оилае, ки ба синни 16 нарасидаанд, дар ҳолати шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани онҳо, ба гувоҳномаи иқомати ҳардуи волидон, дар шаҳодатномаи он бошад, дар гувоҳномаи яке аз волидон дарҷ карда мешавад. Гувоҳномаи иқомат барои шаҳрвандони хориҷӣ ба муҳлати эътибори шиносномаи хориҷӣ, вале на зиёдтар аз 5 сол ва ҳангоми расидан ба синни 45, ба тамоми муҳлати эътибори шиносномаи хориҷӣ дода, пас аз он бемуҳлат дода мешавад.

Тавре қайд намудем, масъалаи қабули шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахси гуреза тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад. Мутобиқи талаботи сархати якуми м. 1 Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон – робитаи устувори сиёсию ҳуқуқии шахс бо Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобилаи тарафҳоро дар бар мегирад [2; 31].

Бояд зикр намуд, ки асосҳои соҳиб шудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони гуреза ва аъзои оилаи он дар натиҷаи қабул намудан ба шаҳрвандӣ ба вуҷуд меоянд. Аммо натиҷаи қабул намудан ба шаҳрвандӣ дорои шартҳои зерин мебошад:

– истиқомати доимии бефосилаи шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати панҷ сол аз рӯзи гирифтани гувоҳномаи иқомат то мурочиат намудан бо дархост оид ба қабул намудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар берун баромадани якдафъаинаи ӯ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми сол на зиёда аз се моҳро ташкил намояд, ба истиснои таҳсил, муолиҷа ва сафари хизматӣ;

– донистани забони давлатӣ дар сатҳи муошират;

– таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор надоштан.

Дар баробари ин шартҳо қонунгузорӣ ҳамчунин ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки дар асоси онҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода намешаванд. Аз ҷумла:

– маълумоти бардурӯғ ва ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод карда бошад;

– бо кирдори худ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид намояд;

– узви ҳизб ва ташкилотҳои дигаре бошад, ки фаъолияти онҳо расман дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст;

– барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шуда бошад;

– таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор дошта бошад;

– ҷазоро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ адо карда истода бошад;

– шаҳрванди давлати хориҷие бошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он шартномаи байнидавлатӣ дар бораи дușаҳрвандӣ надошта бошад.

8. Ҳамзамон гурезаҳое, ки бо қайди будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, ҳуқуқи ихтиёран баргаштан ба давлати мансубияти шаҳрвандӣ ё ҷойи истиқомати пештарае, ки тарки он карда буданд, доранд. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми амалӣ намудани ин ҳуқуқ гурезаро на танҳо вазъи ҳуқуқиаш қатъ мегардад, балки аз ҳимояи минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрум мешавад.

9. Кафолати дигари ҳуқуқи иҷтимоии гурезаҳо дар сархати 13 қ. 1 м. 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» бо тартиби зайл қайд шудааст. «Гуреза

ҳуқуқ дорад аз ёрдампулӣ ва дигар намудҳои кӯмак тибқи тартибе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст» бархурдор бошад [3]. Вале дар амалия ҳаҷми кӯмакпулӣ норавшан аст ва пайваста дар атрофи он баҳсу мунозираҳо баргузор мешавад. Масоили номбурда дар қ. 2 м. 6 Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи гурезаҳо» танзими худро ёфтааст [222]. Ҳаҷми ёрдампулӣ ба ҳар як аъзои оилаи гурезаҳо ҳамасола дар заминаи санади қабулнамудаи Ҳукумати ФР муайян ва таъмин карда мешавад.

10. Бояд қайд намуд, ки дар баробари ҳуқуқҳои дар боло номбаршуда меъёрҳои дигаре, ки дар сархати чордаҳуми қ. 1 м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», ки бевосита аз Конститутсияи ҶТ ва Санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бармеояд, нисбати шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо кафолат дода мешавад.

Аз ҷумла, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, ҳуқуқ ба истифодаи дастовардҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи иштирок дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи озодии виҷдон, ҳуқуқи ташкили муносибатҳои оилавӣ, ҳуқуқи дахлнопазирии манзили дар ихтиёр дошта ва ғайра.

Дар баробари ҳуқуқҳои дар боло зикршудаи гурезаҳо, мо кӯшиш намудем, ки аз ҷойгоҳи илми муосир ба бахши уҳдадориҳои онҳо назар андозем. Ҳамин тариқ ба доираи уҳдадориҳои гурезаҳо ва аъзои оилаи онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, дохил мешаванд:

– талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

– ҳангоми сокиншавии мустақилона дар муҳлати на дертар аз се рӯзи корӣ пас аз гирифтани шаҳодатнома дар мақомоти корҳои дохилии маҳалли истиқомат аз қайд гузаранд;

– пас аз гирифтани роҳхат барои сукунати муваққатӣ аз мақомоти корҳои дохилӣ дар муҳлати на дертар аз се рӯз ба маҳалли аҳолинишини нишондодашуда омада, баъди расидан дар муҳлати на дертар аз се рӯзи

корӣ дар мақомоти маҳаллии корҳои дохилӣ аз қайд гузаранд;

– дар муҳлати на дертар аз як ҳафтаи корӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ дар хусуси тағйири ному насаб, ҳайати оила, вазъияти оилавӣ, дар бораи соҳиб шудан ба шаҳрвандии дигар давлат ва дар бораи гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод кунанд;

– аз мақсади тағйир додани ҷойи истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё кӯчида рафтан берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти корҳои дохилиро хабардор намоянд;

– дар сурати иваз намудани ҷойи истиқомат аз қайди мақомоти корҳои дохилӣ бароянд ва дар давоми се рӯзи корӣ пас аз расидан ба маҳалли нави истиқомат дар мақомоти корҳои дохилии он маҳал аз қайд гузаранд;

– дар муҳлатҳое, ки мақомоти корҳои дохилӣ муқаррар менамояд, ҳар сол аз нав аз қайд гузаранд;

–дигар уҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқоматкунанда пешбинӣ намудаанд, иҷро кунанд.

Конститусияи ҶТ дар низоми қонунгузори миллӣ нақши калиди дошта, меъёрҳои он дар баробари ҳуқуқу озоди инсон ва шаҳрванд, инчунин уҳдадориҳоро низ таъкид намудааст. Аз чунин уҳдадориҳо шахсони гуреза ва аъзои оилаи онҳо, ки дар қаламрави ҶТ қарор доранд, баробар ба шаҳрвандон мо бархурдор мебошанд. Масалан, дар риояи Конститутсия, конунҳо, санадҳои зерқонунӣ, эҳтироми расму оинҳои миллӣ, фарҳангу тамадуни кишвар, супоридани андоз, боҷ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва ғ. Дар баробари уҳдадориҳои умумии болозикр, боз уҳдадориҳои махсус мавҷуд дорад, ки ба шахсони гуреза донисташуда хос мебошанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми ивази ҷойи будубош шахсони гуреза донисташуда уҳдадор мешаванд, ки аз қайди мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубош худро бароранд ва дар муҳлати нишондодашуда дар ҷойи нави будубошаш аз қайд гузаранд. Ин қисмат каме такмил меҳоҳад,

чунки гурезаҳо бе иҷозати мақомоти ваколатдори давлатӣ мустақилона дар дилхоҳ минтакаҳои ҶТ дар қайд гузошта намешаванд. Илова бар ин гурезаҳо ва шаҳрвандони паноҳҷӯянда дар қайди минтақаҳое, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯйи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо муваққатан зистани паноҳҷӯянда ва гуреза мумкин нест», аз 26-уми июли 2000, №325 [19] бо амали мустақилона расмиёти бақайдгириро анҷом дода наметавонанд.

Роҷеъ ба ҳуқуқу уҳдадориҳои гурезаҳо, ки дар зербанди боби мазкур мавриди омӯзиш ва таҳлил карор дода шуд, бо натиҷагирӣ, пешниҳод менамоем:

1. Дар Қоидаҳои додани иҷозат барои фаъолияти меҳнатӣ қайд гардидааст, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, барои кор ба муҳлати то 1 сол иҷозат дода мешавад. Вале дар банди 3-юми қоидаҳои додани иҷозати кор нисбат ба гуреза ва аъзои оилаи онҳо ва шахсони паноҳҷӯянда мушахас пешбини нагардида аст.

2. Дар м. 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» гирифтани «ҷубронпулӣ бо тартиб ва андозае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд» чунин ҳуқуқи шахси паноҳҷӯянда, ки дархости ӯ дар хусуси гуреза донистан ба қайд гирифта шудааст, дониста мешавад. Вале дар амалия ҳаҷми ҷубронпулӣ норавшвн аст ва пайваста дар атрофи он баҳсу мунозираҳо доир мешавад. Масоили номбурда дар моддаи 6 Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи гурезаҳо» танзими худро ёфтааст [222]. Чунончи ашхоси дархосткунандаи мақоми гуреза ҳуқуқи гирифтани кӯмаки яквақтаи пулиро дар ҳаҷме, ки Ҳукумати Федератсияи Россия барои ҳар як аъзои оила муқаррар кардааст (на камтар 1000 рубл), гирифтан доранд.

3. Тибқи маълумотҳои ба мо дастрасшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз моҳи июли соли 2024 шумораи умумии гурезаҳоро бо нишондоди зерин муайян намудем: гурезаҳо 8259, шахсони паноҳҷӯянда 2122, шахсони бешаҳрванди 3629 [214].

Сарфи назар аз норасоиҳои ҷузъӣ қонунгузории ҶТ дар ин соҳа ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ буда, Ҳукумати ҶТ пайваста ҷиҳати беҳсозии шароитҳои арзандаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ гурезаҳо ва аъзои олилаи онҳо тадбирҳо меандешанд.

## 3.2. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пеш аз пардохтан ба таҳлили роҳҳои ҳимояи ҳуқуқии гурезагон, ки дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ дарҷ шудааст, саравал ба мафҳуми он таввачӯҳ бояд кард.

Ҳимояи ҳуқуқи инсон – тарз ва воситаҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки тавассути онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҳар гуна дахолати беасос ва ғайриқонунӣ ҳимоя шуда, ҳуқуқҳои поймолшуда бошанд бо тартиби муайян шуда, барқарор карда мешаванд. Инак ҳимояи ҳуқуқ – содир кардани амалҳои фаъол нисбат ба барқароркунии ҳуқуқу озодиҳои вайроншуда бо тартиби маҷбурӣ мебошад, ки механизми амалишавии он дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ инъикоси худро ёфтааст.

Бо дарназардошти мафҳуми умумӣ дар бахш ба механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо таваҷҷӯҳ намуда, бо истифода аз адабиёти ҳуқуқӣ ва андешаи коршиносон онро ба ду қисм ҷудо намудем:

1) Механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо;

2) Механизмҳои байналхалқии ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо.

Дар навбати худ вобаста ба аломат ва маҳакҳои гуногун механизмҳо ба намуд ва қисматҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд. Масалан, механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсонро мумкин аст, ки вобаста ба самти фаъолият ва муносибат бо рукнҳои ҳокимият ба механизмҳои судии ҳимояи ҳуқуқи инсон, механизмҳои давлатии ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ғайридавлати (ҷамъиятӣ)-и ҳимояи ҳуқуқи инсон ҷудо намуд.

Механизмҳои байналхалқиро бошад, мумкин аст, ки ба механизмҳои универсалӣ ва механизмҳои минтақавӣ ҷудо намуд. Атрофи мафҳум, моҳият ва тарзи фаъолияти ин воситаҳо муфассалтар диққат хоҳем дод.

Тибқи талаботи моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад» [1]. Истилоҳи «ҳар кас» чунин маъно дорад, ки ҳар як субъекти ҳуқуқ – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ, ки дар сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтаанд дар асосҳои қонунӣ дар мавриди вайрон шудани ҳуқуқҳои онҳо метавонанд роҳҳои ҳимоя ва барқароркуниро истифода баранд.

Аз ин муқаррароти дар боло зикр гардида бармеояд, ки ҳуқуқҳои ба шахс мутааллиқ, новобаста аз мансубияти шаҳрвандӣ, ҳангоми вайрон шудани онҳо ба воситаи қонунгузорӣ ҳимоя карда мешавад. Бо тарзи дигар гӯем, хусусияти ҳар як ҳуқуқи субъективӣ дар имконият доштан ба ҳимояи маҷбурӣ мебошад. Ӯ доимо мавҷуд мебошад ва ин дар натичаи вайрон шудани ҳуқукҳое, ки ба шахси муайян тааллуқ доранд, имконияти иқтидорӣ ба воқеият гузаштан мебошад. Дар чунин маврид шахс метавонад ба воситаи пешниҳоди талаботи худ ба худи вайронкунанда ҳуқуқҳои вайроншударо барқарор кунад. Ва агар пешниҳодоти онҳо натиҷаи мусбат надиҳанд, шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон шудаанд, метавонад ба мақомотҳои ваколатдор бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи поймолшудаи худ, бо тартиби маҷбурӣ бо ариза муроҷиат кунад. Дар ин маврид амалҳои фаъолонаи пай дар пайии шахс бо тартиби маҷбурӣ дар барқароркунии ҳуқуқи поймолшуда лозим мебошад.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд дар кишвари мо аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст (м. 16). Ин маънои онро дорад, ки гурезаҳо ҳамчун шаҳрвандони хориҷӣ соҳиби ҳамон ҳуқуқ ва вазифае мебошанд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии

Тоҷикистон доранд, ба ғайр аз як чанд истисное, ки бо санадҳои қонунгузории алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст. Лекин, барои соҳибҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ шудани шахсони паноҳҷӯянда ҳамчун гуреза мебояд бо тартиби муайяншуда муҷиби эътироф шаванд. Баъди гуреза дониста шудан онҳо ҳуқуқ, озодӣ ва ухдадориҳои асосиро ба даст меоранд, яъне баъди ин пурра мақоми ҳуқуқии онҳо муайян карда мешавад.Қисмати асосии ҳуқуқҳои пешниҳодшуда ин имконияти ҳимояи онҳо мебошад.

Ҳар кадом аз ин ҳуқуқҳо, ғайр аз имконияти содир кардани амал барои амалигардонии онҳо, чораҳои муайяни ҳимояро дар бар мегирад. Ин чораҳои ҳимоя дар ҷараёни муътадил амалигардонии ҳуқуқ худро зоҳир намекунанд. Лекин онҳо ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқ ба воқеият мегузаранд. Бинобар ин ҳимоя ин чораи ҳифзи ҳуқуқие, ки дар қонун мустаҳкам карда шудааст ва бо ёрии он вайронкуниҳои ҳукуқ бартараф карда мешаванд ва ба вайронкун таъсири манфӣ расонида мешавад.

Дар ҳама ҳолат вайронкуниҳои ҳуқуқи шаҳрванд бо тамоми соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ, ҳимояи карда мешавад. Меъёрҳои ҳукуқи маданӣ ҳимояи ҳукуқҳои молумулкӣ ва ғайри молумулкӣ, барқароркунии онҳоро пешбинӣ мекунад, барои ин тарзҳои умумӣ ва махсуси ҳимояи ҳукуқҳои вайроншуда таъмин карда шудаанд. М. 12 Кодекси мадании ҶТ тарзҳои умумии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ намудааст, ки амалигардонии онҳо барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншударо таъмин менамоянд [12].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи гурезаҳо тибқи қонунгузорӣ бо тарзҳои зайл ҳифз мешавад:

– эътирофи ҳуқуқ;

– барқарор намудани ҳуқуқи ҷойдошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки боиси вайрон кардани он мегардад;

– беэътибор донистани аҳдҳои мавриди баҳс ва истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани он, истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани аҳдҳои беэътибор;

– беэътибор донистани санади мақоми давлатӣ ё мақоми ҳокимияти маҳаллӣ; худмуҳофизаткунии ҳуқуқ;

– водор намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл (натура);

– рӯёнидани товони зиён; ситонидани ноустуворона;

– ҷуброни зарари маънавӣ;

– қатъ кардан ё тағйир додани муносиботи ҳуқуқӣ; аз ҷониби суд татбиқ нагардидани санади мухолифи қонун қабул намудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; бо роҳҳои дигари пешбинӣ намудаи қонун.

Дар маҷмуъ метавон зикр кард, ки роҳҳои ҳимояи ҳукуқҳои шаҳрвандӣ бо номбурди дар боло зикршуда ба итмом намерасад. Онҳо метавонанд илова шаванд ё ба тарзи муайяне, ки ба ҳимояи як вайронкунӣ ба назар гирифта шуда буд, метавонад дар дигар ҳолатҳо истифода шавад.

Инак, дар баробари меъёрҳои умуми ҳифзкунанда боз як қатор роҳҳои махсуси ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда мавҷуд мебошанд, мисли гарав, пешпардохт, кафилӣ, нигоҳ доштан, кафолат, вафотшуда эълон кардани шаҳрванд на ғайраҳо.

Бояд қайд намуд, ки гурӯҳи якуми тарзи ҳимояи умумии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ хусусиятҳои хосро дорад.

Дар мадди аввал, онҳо хислати умумӣ дошта бо падидаи ҳуқуқии алоҳида ё як чанд институтҳо маҳдуд карда нашудаанд. Инчунин, эътирофи ҳуқуқ, ҳамчун тарзи ҳимоя, вайронкуниҳоро пешбинй мекунад, ки бо талоши ҳуқуқҳое, ки ба шахс тааллуқ доранд, вобаста мебошанд. Масалан, эътирофи ҳуқуқ ҳамчун тарзи ҳимоя метавонад ҳам дар муносибатҳои ҳукуқии ҳатмӣ, ҳам барои ҳимояи ҳукуқҳои муаллифӣ ё патент истифода бурда шавад. Вобаста ба ҳамин Кодекси маданӣ эътирофи

ҳуқуқ ба моликиятро ҳамчун тарзи ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқ муайян намудааст. Ҳамин тариқ, тартиби дигар барои ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншудае, ки аз тарафи қонун пешбинӣ нашудаанд ё бо ҳуқуқи маданӣ таъмин нашудаанд, мунтазам истифода бурда мешавад. Бояд қайд кард, ки алоқаи чораҳои муҳофизати умумӣ бо чораҳои махсус, ки дар институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ вуҷуд доранд, аниқ дида мешавад. Масалан, рӯёнидани товони заррар аз шахсе, ки ҳуқуқҳоро вайрон намудаст, зарари расонидашуда тарзи умумӣ мебошад, лекин он ҳам дар ухдадориҳои шартномавӣ ва ҳам дар ухдадориҳои ғайри шартномавӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Дигар хусусияти тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандӣ усули демократӣ мебошад. Ба маъное, ки аз тарафи шахс имконияти васеъи истифодаи ҳукуқҳои дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда, баҳри бартарафнамои ҳукуқҳои поймолшуда, амалӣ мешавад. Ин тарзи ҳаракати шахс худҳимоякунӣ ба шумор меравад, ки намуди огоҳонӣ-пешгириро дорад.

Дар ин маврид ба чанд ҳолат мебояд таваҷҷуҳ кард:

1. Дар мавриде, ки ҳуқуқҳои шахс вайрон шудаанд, ӯ бо мақсади ба низом даровардани баҳси ба вуҷудомада то муроҷиат ба мақомоти дахлдор ба ҳукуқвайронкун бо талабот дар бораи содир кардани амалҳо оид ба барқароркунии ҳуқуқи вайроншуда муроҷиат мекунад.

2. Яке аз унсурҳои муҳими ҳимояи ҳуқукҳои субъективӣ кафолати ҳуқуқӣ онҳо мебошад. Тарзи шароити бемамониатро барои амалӣ гардонидани ҳукуқҳои пешбинишуда, бинобар қаноатманд кардани талаботҳои моддӣ ва мадании соҳиби аввалинро фароҳам меоранд. Истифодаи ҳуқуқ аз рӯйи муқаррарот, бо таркиб ва шакл таъмин карда мешавад. Истифодаи ҳуқуқҳои пешбинишуда риояи уҳдодориҳоро талаб мекунад, ҳангоми вайрон гардидан ҳимояи воқеиро таъмин мекунад. Муқаррароти болозикр, натанҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон,балки ҳам ба хориҷиён, аз ҷумла ба гурезагон низ таааллуқ доранд.

Зимнан, вайрон кардани ухдадориҳо ба вайронкунии ҳатмии ҳуқуқҳои шахсони дигар оварда мерасонад ва барои ҳамин ҳукуқ ба ҳимоя пешбинӣ карда мешавад. Дар мавриди поймол шудани ҳукуки шахс, ӯ имконияти истифода бурдан аз намуди ҳимояи муайяншуда, интихоби восита ва тарзҳои аниқро дорад. Кафолатҳои ҳуқуқии пешбинишуда худ ба худ таъмин карда намешаванд. Яъне шахсе, ки ҳуқуқҳои ӯ вайрон шудаанд, бояд ташаббус зоҳир кунад. Аз ҷумла гурезаҳо, ҳуқуқҳои вайроншудаи худро дар заминаи меъёрҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, дар баробари шаҳрвандони кишвар талаби барқарорнамоӣ доранд. Хусусияти ниҳоии танзими ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гурезаҳо ҳолати воқеии онҳо мебошад.

Кафолати ҳуқуқу озодиҳои конститутсиони гурезаҳо асоси қонунгузории воқеиро доранд, лекин барои амалигардонии пурраи онҳо бояд ҳама чораҳои ҳимояро истифода кард. Ин кафолати конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои гурезаҳо, аз ҷумла муҳоҷирони иҷборӣ татбиқ мегардад. Дар байни тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гурезагон дар баррасии мурочиати онҳо мавқеи махсусро кирдори ғайриҳуқуқии мақомоти давлатӣ ё ҳокимияти маҳаллӣ, ки ба қонун мухолифат дорад, ишғол мекунанд. Ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳои гурезагон, ки аз муносибаҳои маъмурӣ, меҳнатӣ, хоҷагӣ ва ғайра ба миён меоянд, тарзи ҳимояи асосӣ ин мурочиат ба суд бо талаботи эътирофи кирдорҳои мақомоти нишондодашуда мебошад.

Воситаҳои ҳимояи ҳуқуқии зикршуда, новобаста аз мансубияти шаҳрвандӣ, аломатҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, сиёсӣ ва ғайра, таъсири якхела дошта, аз он ҷумла ба гурезаҳо тааллуқ доранд. Агар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати умумиро дар амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танзим намояд, кафолатҳои махсус бошад дар заминаи қонунгузории соҳавӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки фарогири вазъи ҳуқуқии гурезаҳо мебошад, таъмин карда мешаванд.

Ҳамин тариқ вобаста ба кафолатҳои ҳуқуқии махсуси гурезаҳо ҳаминро бояд иброз намуд, ки ин гуна кафолат аз лаҳзаи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудани шахс ва пешниҳоди дархост дар бораи додани мақоми гуреза ба миён меояд. Бартарияти амали қонунгузории ҶТ нисбат ба баъзе амали қонунгузории кишварҳои хориҷӣ дар он зоҳир мешавад, ки манъи рондан ё бозпас гардонидани шахсони дархосткунандаи мақоми гурезаро (3 моҳ, дар сурати мавҷуд будани мушкилот дар муайян намудани асоснокии ӯ то 6 моҳ), ки бар хилофи иродаи ӯ дониста мешавад, иникор намудааст. Чунин кафолатҳо ба шахсон аз лаҳзаи пешниҳоди муроҷиат ба мақомоти дахлдори давлати ба миён омада, таъмин карда мешаванд.

Ба андешаи мо, кафолатҳои ҳуқуқии гурезаҳо нисбат ба шахсони паноҳҷӯянда устувортар ба шумор меравад, чунки онҳо аз расмиёти санҷишӣ гузаштаанд ва дорандаи ҳуҷҷати махсуси мақомоти давлатӣ мебошанд. Вале барои ҳар ду гурӯҳи шахсони зикршуда кафолати махфи нигоҳ доштани маълумотҳои шахсӣ, ё ки дар хусуси гуреза донистан дархост пешниҳод намудаанд, ё ин ки гуреза дониста шудаанд, аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии давлатӣ вобаста ба мансубияти шаҳрвандии (маҳалли истикомати пештараи) татбиқ шудааст. Яъне маълумотҳои шахсӣ ба давлати маҳалли истиқомати онҳо пешниҳод ё хабар дода, манъ мебошад.

Ҳоло ин хел маълумотҳо дар бораи шахсони нишондодашуда бо розигии хаттии онҳо пешниҳод карда мешаванд. Чунин тарзи кафолатҳо барои шахсоне, ки аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, муайян карда мешавад. Аз ҳама кафолати назаррас он мебошад, ки номгӯйи пурра муайян карда шудааст ва ҳангоми мавҷуд будани онҳо шахсон аз мақоми гуреза маҳрумшуда ҳисобида мешаванд. Ё ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои муайян шахс метавонад аз мақоми гуреза маҳрум шавад. Агар ӯ дидаю дониста маълумоти бардурӯғ ё ҳуҷҷатҳои қалбаки пешниҳод намуда бошад, ки барои гуреза донистани ӯ асос шудааст, ё ба амнияти миллӣ,

асосҳои сохти конститутсионӣ, тартиботи чамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқии аҳолии Ҷумхурии 'Тоҷикистон таҳдид намояд.

Ин гуна қарор аз тарафи Хадамоти шиносномавӣ-бақайдгирии дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақомоти идораи давлатӣ қабул карда мешавад ва дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи корӣ, пас аз қабули карор ба гуреза нусхаи қарори қабулшуда супурда мешавад. Ҳангоми қисман ё пурра розӣ набудани гуреза ба талаботи қарори қабулшуда, ба он эътироз карда метавонад. Фақат ҳолатҳои дар боло зикршуда барои аз даст додани мақоми гуреза ва маҳрум намудан аз мақоми гуреза асос шуда метавонанд. Ин шахсон хилофи иродаи онҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодй, эътиқоди динй, шаҳрвандй, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида ё ронда намешаванд.

Роҷеъ ба рад гардидани дархости шахси паноҷӯянда дар хусуси гуреза донистан, мебояд ҳаминро илова кард, ки аз болои қарори баровардаи мақомоти давлатӣ дар бораи аз даст додани мақоми гуреза ё ва маҳрум шудани ӯ аз мақоми гуреза, дар мақомоти болоӣ ё суд ҳуқуқи эътироз овардан ба миён меояд. Қарорҳои мазкурро бо тариқи эътироз овардани шахсе, ки ҳукукҳояшро вайроншуда меҳисобад, дар мӯхлати на дертар аз як моҳи пас аз рӯзи гирифтани огоҳинома дар хусуси рад гардидани дархосташ дар бораи гуреза дониста шудани ӯ, дар бораи аз даст додани мақоми гуреза ё ва маҳрум шудани ӯ аз мақоми гуреза, шикоят карда метавонад. Кафолати аз ҳама муҳим он мебошад, ки шахси аз қарори мақомоти давлатӣ норозӣ буда, метавонад ба мақомоти болоӣ шикоят кунад, лекин ин шикояти судиро инкор намекунад. Агар шахс аз мақомоти болоӣ дар давоми як моҳ ҷавоб нагирад, метавонад ба суд мурочиат кунад. Бинобар ин сабаб шаҳодатномаи муваққатии бақайдгирии дархост дар бораи гуреза донистани ӯ ё шаҳодатномаи гуреза ба мӯҳлати кабули қарор аз тарафи мақомоти болоӣ ё суд дароз карда мешавад. Дар ин мӯҳлат онҳо

барои истиқомат кардан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд. Ҳолатҳои зикршуда аз мавҷуд будани кафолатҳои зарурӣ барои ҳимояи ҳуқуқи вайроншудаи гуреза шаҳодат медиҳанд.

Ҳимояи ҳуқуқҳои гурезаҳо ҳамчун категорияи махсус дар мувофиқа бо санадҳои универсалии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун шаҳрванд, инсон, ҳимоя карда мешаванд. Дар м. 14 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ҳуқуқи субъективии шахс бо мазмуни ҳар як шахс буда, ҳуқуқи паноҳ ҷӯстан ва интихоби озодонаи ҷойи истиқоматро дар дигар давлат дорад [70, с. 115].

Ба андешаи мо кафолати ҳуқуқи субъективӣ барои ҳимояи ҳукуқи вайроншуда асос ва заминаи умуми мебошад. Ифодаи кафолат ба тариқи зайл аст: ҳар як шахс ҳуқуқҳои ба ӯ додашударо амалӣ намояд, дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқҳо аз тарафи шахсони сеюм, метавонанд онҳоро бо мақсади барқарор кардан ҳимоя намоянд. Аз ҳама муҳим он аст, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқи ҳамаро барои ҳимоя бо низоми ягона пешбинӣ ва таъмин менамояд. Ин ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқи башар ҳабси худсарона, дастгиркунӣ, дахолати худсаронаро ба ҳаёти шахсӣ ё оилавӣ, дахлнопазирии манзили истиқоматӣ, дахлнопазирии мукотиба ё суиқасдро ба шаъну шарафи инсоният қатъиян манъ мекунад.

Муқаррароти Эъломияи мазкур дар дигар ҳуҷҷатҳои муҳими байналммллалӣ, ки аз тарафи давлатҳо ба имзо мерасанд, ҳаматарафа арзёбӣ мегарданд. Инҳо Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16-уми декабри соли 1966 ва Протоколҳои мувофиқ ба ӯ қабулгардида, Паймони доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16-уми декабри соли 1966, Конвенсия дар бораи мақоми гуреза аз 28-уми июли соли 1951, Протоколи аз 4-уми октябри соли 1967 марбут ба мақоми гуреза, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шудааст, заминаи бунёдӣ дониста мешаванд.

Мувофиқи м. 2 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсй аз 16-уми декабри соли 1966 кабул шуда [216], Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар давлатҳои иштироккунанда уҳдадор

мешавад ба ашхосе, ки дар тобеияти ҳуқуқии он қарор доранд, ҳуқуқҳоро бидуни ягон навъи фарқгузорӣ дар мавриди нажод, ранги пӯст, ҷинс,забон, эътиқоди динӣ, ақидаи сиёсӣ, асли миллӣ, вазъи молӣ, таваллуд ё ҳолати дигар эҳтиром ва ҳифз намояд.

Давлатҳое, ки аъзои Паймони номбурда мебошанд, аз ухдадориҳои зерин бархурдор мегарданд: ба ҳар як шахсе, ки ҳуқуқ ва озодии ӯ вайрон карда шудааст, ҳифзи ҳуқуқиро таъмин намоянд; тадбирҳое андешанд, ки ҳаққи ҳифзи ҳуқуқӣ барои ҳар шахси талабгори чунин ҳифозат тавассути ҳокимияти салоҳиятдори судӣ, маъмурӣ ё қонунбардор ё тавассути дигар мақоми салоҳиятдоре, ки дар низоми ҳуқуқии давлат пешбини шудааст, муқаррар карда мешавад.

Ҳамчунин, ҳеч гуна махдудият ё камтар кардани ягон ҳуқуқи инсон, ки дар Қонунҳо, Конвенсияҳо, қоидаҳо ё расму одат вуҷуд надорад, мумкин нест (м. 5). Ҳеч кас набояд таҳти азият ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шарафи ӯ қарор дода шавад. Аз ҷумла, ягон шахс набояд бидуни ризоияти озодонаи ӯ таҳти маҷбурии таҷрибаҳои тиббӣ ё илмӣ қарор дода шавад (м. 7). Дигар муқаррароти Паймон дар санадҳои байналмиллалӣ-ҳуқуқӣ инкишофи ояндаи худро гирифтаанд. Ба зумраи санадҳои махсуси байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳо гурезаҳо, ки бевосита давлатҳо хоҳиши аъзо шудан доранд ё ба он аъзо ҳастанд, ин Конвенсия дар бораи мақоми гуреза аз 28-уми июли соли 1951 ва Протоколи аз 4-уми октябри соли 1967 марбут ба мақоми гуреза мебошанд.

Моддаи 8 Конвенсия аз 28-уми июли соли 1951 ва Протоколи аз 4-уми октябри соли 1967 марбут ба мақоми гуреза [41, с. 6] хориҷкуниҳоро аз чораҳои истисноии пешбинӣ мекунад, ки мувофиқи он чораҳои истисноие, ки метавонанд нисбати шахсон, амвол ё манфиатҳои шаҳрвандони давлати хориҷӣ истифода гарданд, аз ҷониби давлатҳои аҳдкунанда нисбат ба гурезаҳо истифода намегарданд. Одилона будани ин муқаррарот боиси шубҳа нест, зеро гурезаҳо дар асоси ҳуҷҷати махсуси расмӣ, бинобар

сабабҳои асоснок дар давлати қабулкарда қарор доранд ва дар хориҷ накардан мӯҳтоҷ мебошанд. Агар қонунгузории давлате, ки дар Конвенсияи мазкур иштирок мекунад, истифодаи принсипҳои умумиро, яъне хориҷкуниҳоро аз чораҳои истисноӣ, ки дар моддаи мазкур нишон дода шудааст, роҳ надиҳад, давлатҳо метавонанд дар ҳолатҳои муайян хориҷкуниҳоро барои манфиатҳои гурезаҳо ҷорӣ кунанд.

Конвенсия ба давлатҳо барои истифода намудани чорабиниҳои муваққатӣ дар давраи ҷанг ё дар сурати мавҷуд будани дигар ҳолатҳои фавқулодда, иҷозат медиҳад. Ба тариқи дигар, давлат ҳуқуқи истифода намудани чораҳои муваққатиро дорад, ки он ба манфиати амнияти давлат нисбат ба ин ё он шахси муайян, ки то ҳанӯз аз ҷониби ин давлат маълум намудани он ки ӯ ҳақиқатан гуреза мебошад ё не. Агар ӯ дар оянда гуреза дониста шавад ҳам, истифода намудани чораҳои маҳдудкунии мазкур ба манфиати амнияти давлатӣ зарур мебошад. Дар ҳолатҳои зерин маҳдудкуниҳо амалӣ мешаванд: 1. Ҳолати ҳарбӣ; 2. Ҳолати фавқулодда; 3. Ҳолатҳои истисноӣ. Яъне давлат ҳуқуқи истифода намудани чораҳои маҳдудкуниро иҷозат медиҳад, ки дар қонунгузории миллӣ ва ба шарҳи паҳновараш ҳоҷат нест.

Яке аз ҳуқуқҳои асосии гурезаҳо – ҳуқуқ ба муроҷиати озод ба судҳои давлатҳои шартномабаста мебошад, яъне гурезаҳо ба суди ҳар як давлат бо аризаи шикояти муроҷиат карда метавонанд. Гурезае, ки дар сарзамини давлати дар Конвенсия иштироккунанда иқомат мекунад, баробаи шаҳрвандони ин кишвар ҳуқуқи муроҷиат кардан ба судро дорад. Яъне нисбати ӯ кафолати ҳуқуқии миллӣ таъмин карда мешавад. Бинобар ин гурезаҳо метавонанд ба суди давлати истиқоматкунанда бо талаботи ҳимояи ҳуқуқи вайроншудаи худ, бо масъалаҳои кӯмаки ҳуқуқӣ, озод намудан аз пардохти боҷи давлатӣ барои сарфи судӣ, марҳилаҳо муроҷиат кунанд, ки ба ҳолати гуреза мувофиқат мекунад ва бештар ба қаноатбахш намудани манфиатҳои ӯ мусоидат мекунад.

Ҳуқуқи асосии гуреза мувофиқи Конвенсияи соли 1951 ин манъи рондани ӯ бо тартиби муқарраршуда мебошад ва Конвенсияи соли 1951 қоидаҳои махсуси ронданро, ки бе риояи онҳо амалӣ кардани ӯ имконпазир аст, муайян мекунад. Яке аз муҳимтарин талаботи Конвенсияи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки давлатҳо-иштирокчӣ бе асос гурезаҳоро, ки дар сарзаминашон ҷойгир шудаанд ё истиқомат мекунанд, бадарға намекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рондани гурезаҳо дар асоси қарори суд, ки бо тартиби муқараршуда бароварда мешавад, мумкин аст. Дар навбати дигар гурезаҳо ҳуқуқ доранд аз болои ҳукми баровардаи суд бо шикояти кассасионӣ ба зинаи марҳилаи дуюми судӣ муроҷиат намоянд. Масалан, агар карор аз тарафи суди ноҳиявии ш. Душанбе қабул шуда бошад, дар ин сурат ба суди шаҳрии Душанбе шикоят кардан мумкин аст.

Аввалан, агар қарори баровардашудаи суд ба талаботи қонун мухолифат дошта бошад, дар ин маврид прокурор ё ҷонишини ӯ метавонанд ба ин карор дар давоми 10 рӯз эътироз баён кунанд.Шикояти кассасионӣ оид ба беасосии қарор ё эътирозномаи бароварда, дар мурофиаи судӣ бояд асоснок карда шавад.

Дуюм, гурезаҳо ҳукуқи барои сафедкунии худ пешниҳод намудани далелҳоро доранд. Ин маълумотҳои воқеӣ дар бораи ҳолатҳое, ки барои тафтиши дурусти парванда, ки бо баровардани қарори суд дар бораи рондани гуреза алоқаманд мебошанд. Ин ҳуҷҷатҳои хаттӣ, нишондодҳои шоҳидон, нишондодҳои намояндагон ва ғайра ба шумор мераванд.

Инчунин, далелҳои тозаи (нав) ба суди мақоми якум пешниҳод нашуда, бо нишон додани сабабҳои узрнок ва иллатҳое, ки ба суди мақоми якум пешниҳод нашудаанд, асоси муътамаданд. Далелҳои пешниҳод шуда барои бекор кардан ё мондани қарор дар кувваи қонунӣ аз тарафи суди мақоми дуюм асос хоҳанд шуд.

Сеюм, гурезаҳо барои доштани намояндаи худ ҳуқук доранд аз ёрии адвокат, бевосита ё бавосита мақомоти суди таъминшуда дар ҳама маврид истифода намоянд. Адвокат ё ҳуқукшиноси касбӣ фаъолияти худро дар

асоси шартнома амалӣ мекунад ва манфиатҳои гурезаро дар судҳои мақоми якум, дуюм ва дар дигар ҳолатҳо марбута амали мегардонад.

Бояд қайд намуд, ки амалигардонии қарори баровардаи суд дар бораи рондани гуреза муҳлат ва чанд марҳиларо дар бар мегирад. Масалан марҳилаи эътирози қарори суд иҷрои ӯро то дида баромадани шикоят аз тарафи мақоми судии мувофиқ боз дошта мешавад. Агар қарори суд бе тағйирот монад ва ба қувваи қонунӣ дароянд фақат ҳамон вақт карори суд иҷро карда мешавад, ки ин кафолати боъэтимоди ҳуқуқҳои устувор мебошад, ки ба гурезаҳо пешниҳод карда шудаанд. Ҳатто баъди ин ҳам давлатҳо-иштирокчиёни Конвенсия ба гурезаҳо муҳлати зарурирро барои гирифтани ҳуқуқи қонуни барои дохил шудан ба давлати дигар пешниҳод мекунанд.

Бинобар ин давлате, ки аз он ҷо гуреза ронда мешавад, бояд ӯро дарҳол берун накунад. Ин одилона мебошад барои он ки гирифтани ҳуҷҷатҳои дохилӣ дар давлати сеюм бо тартиби гирифтани ҳуҷҷатҳои мазкур вобаста мебошад ва аз хоҳиши гуреза вобастаги надорад.

Ҳолати дигари муҳим он аст, ки бо рондани гурезаҳо алоқаманд мебошад, ин таҳдид ба амнияти давлатӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи аҳолӣ, ки дар моддаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» қайд гардидаанд, мувофиқ дониста шудааст. Конвенсияи соли 1951 ба сифати қоидаи махсус манъи рондани гурезаҳо ё бозгардонии маҷбурии онҳоро ба давлате, ки аз он ҷо онҳо омадаанд, қайд намудааст. Иштирокчиёни Конвенсия барои бадарға накардан ё набаргардондани гурезаҳо ба давлате, ки ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, ӯҳдадор намудааст. Дар айни ҳол истисноҳои муайян қоидаҳои мазкур мавҷуд мебошад, ки онҳо ба тоифаҳои алоҳидаи гурезаҳо тааллуқ доранд, масалан, нисбати маҳкумшудагон, ки ҷиноятҳои хавфнок содир кардаанд, нисбати онҳо ҳукм ба қувваи қонунӣ даромад ва таҳдиди ҷамъиятиро

барон давлат меорад. Ин пеш аз ҳама бо таҳдиди амнияти давлат. ки онҳо истнқомат мекунанд, алоқаманд мебошад.

Дар айни замон ба гурезаҳо ҳимояи байналмиллалии ҳуқуқҳои вайроншуда дастрас мебошад. Мувофиқи қисми IV Паймони байналмиллалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ Камитети доир ба ҳуқуқҳои иисон [216], вазифаҳои асосии он амалигардонии назорат аз рӯйи иҷрои уҳдадориҳои худ аз тарафи паллатҳо иштирокчиён, ки Паймони мазкурро қабул карданд, амали мешавад. Камитети номбурда вазифаҳои худро бо ду роҳ амалӣ мегардонад:

1. Бо тартиби гузориш аз ӯхдадориҳои давлатҳо дар бореи чораҳои дидашуда ё дар бораи чораҳои амалигардонии ҳуқуқҳои дар Паймон эътирофшуда ва дар беҳбуди ба дастоварда дар ин соҳа иборат мебошад. Камитет гузоришҳои дохилшударо омӯхта, ба Шурои иқшсодӣ ва иҷтимоии СММ гузоришҳои давтатҳоро бо мулоҳизаи худ равона мекунад.

2. Истифодаи механизми байнидавлатӣ оиди додан ва дида баромадани аризаҳо дар бораи ин ё он давлат қарорҳои Паймонро амали намегардонад. Ғайр аз ин Камитет доир ба ҳуқуқҳои инсон вазифаҳои иловагиро мувофиқи Протоколи факултативӣ ба Паймон алоқаманд медоданд дар дида баромадани шикоятҳои фитрӣ ба танзим дароварда, иҷро мекунад. Ҷумҳурии Тоҷнкнстон ба Паймонн байналмнллалӣ доир ба қуқҳои фитрӣ ва сиёси ва ба Протоколи факултативӣ ба Паймони 13 ноября соли 1998 ҳамроҳ шуд. Ии маънои онро дорад, ки давлати мо салоҳияти Камитетро оиди қабул кардан ва дида баромадани маълумотҳо ё шикоятҳои шахсон дар бораи қурбони мунoқишаҳои бахши ҳуқуқҳои инсон ҳамчун давлати – иштирокчӣ иҷро мекунад.

Мутобиқи м. 24 Протоколи аз 13 ноябри соли 1998 шахсоне, ки ҳуқуқҳояшон поймол шудааст, воситаи ҳимояи давлатӣ натиҷа надодааст, метавонанд ба Камитет маълумоти хаттӣ барои тафтишот пешниҳод кунанд. Агар маълумот ё шикоят ба талаботҳои Протокол мувофиқат кунад, Камитет ин маълумот ё шикоятро ба давлате, ки дар Паймони

мазкур аъзоги дорад, ирсол менамояд. Дар чунин маврид давлати қабулкунанд уҳдадор мешавад, ки дар муддати 6 моҳ оиди ин масала гузориши хатти пешниҳод намояд. Вобаста ба ҳолати мазкур, дар аксарияти Конститутсияҳои ҷаҳон аз ҷумла дар Давлатҳои Иттиҳоди Аврупо имконияти муроҷиат ба ташкилотҳои байналмилалӣ оиди ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, бо шарти тамом шудани воситаҳои ҳимояи дохили давлати, пешбини шудааст. Аммо дар Конститутсияиҳои

Давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла Конститутсияи ҶТ меъёри дар ин самт мушахас барраси нашудааст. Бо тартиби умуми дар чунин вайронкуниҳо ишорае ба ҳуқуқи муроҷиат кардан ба ташкилотҳои байналмиллалӣ мушоида мешавад. Мисоли ин м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад, ки мувофиқи он санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Дар навбати худ Паймони байналмиллалй доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ ва ба Протоколи факултативӣ ба Паймони мазкур қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурии моро ташкил медиҳанд ва муқарарротҳои онҳо ҳамчун дигар санадҳои меъёрӣ-қуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

Бояд хотирасон намуд, ки Ҷумҳурии Точикистон узви фаъоли Иттиҳодияҳои Давлатҳои Мустақил буда, ба як қатор шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дар бахши ҳимояи гурезаҳо аъзо гарда, то кунун чораҳои заруриро дар ҳали мушкилоти гурезаҳо амали гардонида истодааст. Яке аз ҳуҷҷатҳоии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти дастаҷаъмонаи ИДМ мусоидат мекунад ин Низомномаи таъминоти ичтимоии гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбори мебошад. Ҳадафи Низомномаи мазкур ин «таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон мувофиқи принсипҳои тасдиқшудаи умумӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ ва ҳуҷҷатҳои ОБСЕ» [40, с. 30-34] мебошад, ки барои ба даст овардаии онҳо давлат-аъзоёни ИДМ дар асоси принсипи таъмини ҳуқук ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, новобаста аз

нажод, эътиқоди динӣ, забон, ақидаҳои сиёсӣ амал мекунанд. Давлат-аъзоёни ИДМ барои пешгирии низоҳо, ки ба вайронкунии ҳуқуқҳои инсон мерасонанд, чораҳоро меандешанд. Ин муқарраротҳои Низомномаи ИДМ ҳамчун манбаи ҳукуқӣ барои қабули дигар санадҳои меъёрӣ оид ба ҳуқуқи инсон хизмат мекунанд. Аз ҷумла ба Созишнома дар бораи ҳаракати бе раводии шаҳрвандони Иттиҳоди Давлатҳои Мустакил аз 9 октябри соли 1992; Мукарраррот дар бораи комиссияи оид ба ҳуқуқи инсон Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 24 сентябри соли 1993; Конвенсия оид таъмини ҳуқуқҳо ба шахсоне, ки ба аққалияти миллӣ тааллуқ доранд аз 21 октябри соли 1994; Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиқои асосии инсон аз 26 майи соли 1995 ва ғайраҳо асос мешаванд.

Аз санадҳои номбаршудаи охирон, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон бахшида шудааст, моҳияти аввалиндараҷаро дорад. Зеро дар асоси Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймонҳои байналмиллалӣ, инчунин ухдадорнҳои байналмиллалӣ оиди ҳуқуқи инсон дар доираи ОБСЕ тартнб дода шудааст. Ҳамин тариқ санадҳои байналмиллалиӣ шаҳодати ҳамонанд, ки иттиҳоди ҷаҳонӣ барои ба даст овардани маҳаки ягонаи байналмиллалии дар соҳаӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон кӯшнш мекунад ва амалӣ гардонни воқей бо ҳимояи боэътимоди онҳо аз он ҷумла ба гурезаҳо ҳам пурра тааллуқ дорад. Хулоса ин ҷо метавон гуфт, ки ҳифзи ҳуқуқи гурезагон масъулияти муштараки байни давлатӣ баҳисоб меравад, чунки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пешбинӣ шудааст.

Ишора ба муқаррароти дар боло зикр, яке аз усусҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ин таъмини баробарҳуқуқӣ башумор меравад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, катъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуку озодиҳоро кафолат медиҳад. Ин баробарии ҳамаро дар ҷараёни истифодабарии маҷмӯи ҳуқуқҳои пешниҳодшудаи онҳо дар дошта, дар ҳолати вайроншудани онҳо бо ҳимояи баробар таъмин менамояд.

Шахс, ҳангоми амалигардонии ин ҳуқуқҳо бояд ҳуқуқҳои дигар субъектон, қоидаи истиқомати умумӣ, инчунин тартиботи бо қонуни давлат муқарраршударо риоя кунад. Дигар хел гӯем, ҳангоми амалигардонии ҳуқуқ бояд мувозина бо талаботҳои қонунгузории амалкунанда ва риояи ҳадди охирини онҳо таъмин карда шавад. Дар ҳолати риоя нагаштан ё вайрон шудани ҳуқуқҳо аз тарафи шахсони сеюм, соҳиби ҳуқуқ метавонад механизми ҳимояро ба амал дарорад ва ҳуқуқҳои вайроншудаи хешро барқарор кунад. Бояд қайд намуд, ки механизми ҳимояи ҳуқуқҳи инсон дар конститутсияи ҶТ ва санадҳои байналмилалӣ инъикоси худро ёфтааст. Бинобар ҳамин хориҷиён ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки бо тартиби муайяншуда гуреза доништа мешаванд аз механизми ҳимояи ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ бархурдор мегарданд. Асос ин муқарарроти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки мувофиқи он шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст. Яъне, ба гурезаҳо ҳамчун шаҳрванди хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ донисташуда реҷаи миллӣ тадбиқ карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки гурезаҳо ҳуқуқ доранд ба моликияти шахсӣ, мерос гирифган ва васият кардан, машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намуди фаъолияти иқтисодӣ, муаллифи ихтиро ва асарҳо дар соҳаи илм, адабиёт ва санъат будан, дар корхона ва муассисаҳо кор кардан, бастан ва бекор кардани аҳди никоҳ ва дигар амалҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шударо анҷом диҳанд.

Ҳамагуна ҳуқуқ ва озодиҳои дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинй шудаанд бо мақсади: 1. Таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон; 2. Таъмини тартибрти ҷамъиятӣ; 3. Ҳимояи сохтори конститутсионӣ; ва 4. Ҳифзи бутунии ҳудудии давлат равона шудааст.

Вайрон шудани ҳуқуқҳои конститутсионии гурезаҳо ба онҳо ҳимояи маҷбурӣ, ки аз тарафи мақомотҳои ваколатдор амалӣ карда мешаванд,

имконият медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор кардани ҳуқуқи поймолшудаи инсон дар ду шакл, яъне бо тартиби суди ва маъмури ҳифз карда мешавад.Бинобар ин Тоҷикистон нисбати гурезаҳо дар ҳифзнамои ҳуқуқҳо ҳар дуи шаклҳои муқаррар шударо кафолат медиҳад. Бояд кард, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншударо пешбинй намудааст, аммо шакли ҳимояи судӣ , ки ба он ҳама дар ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ бе истисно муроҷиат карда метавонанд, аз ҳама хубтар мебошад.

Дар маҷмуъ конститутсияи ҶТ дар баробари шаҳрвандон шакл ва намудҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқи, шаҳрвандони хориҷ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки гуреза дониста шудаанд пешбинӣ намудааст. Барои ин ҳар як соҳаи қонунгузорӣ шакл ва намуди мушаххаси ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро ба танзим медарорад.

Бо тарзи дигар конститутсия ҶТ ҳама соҳаҳои ҳуқуқро муттаҳид мекунад, ки дар онҳо шакли ҳимояи ҳуқуқи истифода мебаранд, дар ҳолатҳои аз тарафи қонун пешбинишуда шакли ҳимояи ғайриҳуқуқӣ низ бамиён омада кафолат дода мешавад. Аз ҳама муҳим он аст, ки истифодаи шакли ҳимояи ғайриҳуқуқӣ шахсро, ки ҳуқуқҳои ӯ вайрон шуда будаанд, ба ҳимояи судӣ муроҷиат кардан, маҳдуд намекунад. Аммо ин ба доираи шакли умумии эътирофшудаи ҳимояи ҳуқуқи вайроншуда дохил мегардад.

Қайд кардан лозим аст, дар қонунгузории ҶТ тартби ва шакли муайаншудаи ҳимоян ҳуқуқи вайроншудаи шахс бо ду намуди ҳимояи ҳуқуқҳо чудо карда мешаванд: бо тартиби ҳуқуқӣ (юрисдиксионӣ) ва ғайри доираи ҳукукӣ [164, с. 67-68]. Якум ҳимояи ҳуқуқҳои шахсро аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ бо тартиби суда ё маъмурӣ маънидод менамояд.

Дуюм амалӣ кардани ҳимояи ҳуқуқи вайроншуда бе мурочнат ба мақомоти ваколатдор мебошад. Шакли самараноктари ҳимоя ҳимояи судӣ ба ҳисоб меравад. Мувофнқи м. 11 Кодекси мадани ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми вайронгардида ё мавриди баҳс қарор дошта аз

ҷониби суд, суди иқтисодӣ ё суди ҳакамӣ (минбаъд суд) ба амал бароварда мешавад [104, с. 375]. Дар чунин маврид имконият ба ҳимояи судии ҳуқуқҳои шахсони гуреза ҳамчун кафолат барои амалӣ шудани онҳо истифода мешавад.

Бо назардошти меъёри зикршуда гурезаҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда метавонад ба суд бо аризаи даъвоӣ муроҷиат кунад. Дар ин маврид як қатор талаботҳоро бояд риоя кард: якум: баҳс бояд дар ваколати суди зинаи аввл бошад. Яъне гурезаҳо набояд барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ дарҳол ба суди вилоятӣ ё суди олӣ муроҷиат кунад. Тақозои расмиёт чунин мебошад, ки шахс бояд ҷараёнро аз муроҷиат ба суди ноҳиявӣ, яъне суди мақоми якум, оғоз кунад. Дуюм, шахсе, ки ба суд муроҷиат мекунад бояд мукаллаф боша ва амалҳои худро дарк карда тавонад, яъне ба сини 18 солаги расида бошад. Тибқи талаботи қ. 5-уми Низомномаи шаҳодатномаи гуреза [20], ки дар заминаи меъёрҳои Конститутсия ва қ. 6 м. 11 Қонун «Дар бораи гурезаҳо» асос ёфтааст, шаҳодатнома ба шаҳрвандони хориҷи ва ё шахони бешаҳрванди гуреза донисташуда, ки ба сини 18-солагӣ расидааст, дода мешавад ва бинобар ин ӯ метавонад бемонеъ ба суд барои ҳимояи ҳуқуқи заруриири худ муроҷиат кунад. Дар ин замина бояд гуфт, ки ҳангоми бедарак донистан ва ё фавти падару модари ноболиғи гуреза донисташуда ҳимояи ҳуқуқҳои ӯ ба намояндаи қонуни яъне хешу ақрабони ба сини 18 сола расида, ки дар шаҳодатномааш сабт шудааст вогузоршта мешавад.

Дар қонуни мазкур тартиби дигари ҳимоя гурезаҳои ба сини шонздаҳсолагӣ расида бе ҳамроҳии намояндаи қонунӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд шудааст, бо назардошти фикру мулохдзаҳои мақомоти васоят ва парасторӣ ба ӯ шаҳодатномаи гуреза дода мешавад. Ин хел шахсон метавонанд барои ҳимояи ҳуқуқи худ ариза ирсол намоянд ва дар бораи ин мақомоти дахлдор ё дигар намояндагони конунӣ огоҳонида шавад.

Бинобар ин мукаллафии мурофиавии шаҳрвандии шахсони нишондодашуда ба расидани балоғат ба вуҷуд меояд ва онҳо метавонанд

оид ба ҳимояи ҳуқуқи вайроншудаи худ амалҳо содир намоянд. Шахс инчунин метавонад шахсан мукаллафии мурофиавиро то расидани ба балоғат амалӣ кунад, агар бо тартиби мукарраршуда аз тарафи қонун ӯ ба никоҳ даромада бошад ё ӯ мукаллаф ҳисоби шавад (яъне эмансипатсия шуда бошад).

Сеюм, аризаи даъвогии гурезаҳо ба суд бояд дар шакли хаттӣ пешниҳод карда шавад. Мурочиати даъвоии гуреза тибқи талаботи қонунгузории ҶТ аз реквизитҳои зерин асос меёбад:

а) номи суде, ки ба ӯ ариза дода мешавад;

б) ному насаби даъвогар, ҷои истиқомати ӯ агар ариза аз тарафи намоянда пешкиҳод шуда бошад, бо сӯроғаи истиқомат;

в) номи ҷавобгар, ҷои истиқомати ӯ, агар ҷавобгар шахси юридикӣ бошад, сӯроғаи ӯ;

г) ҳолатҳои вайрон шудан, ки даъвогар пешниходҳои худро ба ӯ асоснок мекунад, якҷоя бо ин ӯ бояд ҳуҷчатҳо, далелҳои шаъйи, мактубҳо ва ғаираҳоро, ки ин ҳолатҳоро тасдиқ мекунанд замъ намояд;

д) талаботи мухтасар ифода шуда, чи аз суд талаб карда мешавад;

е) агар талабот намуди моликиявӣ доитш боишд, бояд нархи даъвор муайян кард, масалан, тавони моддӣ, зарари маънавӣ ё қарз ва ғ;

ж) феҳристи номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки ба ариза илова карда мешаванд.

Аризаи даъвои метавонад аз тарафи намояндаи гуреза, ба сифати онҳо асосан адвокатҳо баромад мекунанд, пешниҳод карда шавад. Муовфиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура» аз 4 ноябри соли 1995 (бо таҳрири аз 3 марти соли 2006) адвокатҳо кӯмаки ҳуқуқиро бо роҳи зерин мерасонанд: машварат ва шарҳдиҳии маълумотномаҳои шифоӣ ва хаттӣ бо масъалаҳои қукуқӣ; тартиб додани ариза, шикоят, дархост ва дигар ҳуҷҷатҳои аҳамияти ҳуқуқӣ доранд; намояндагиро аз рӯйи парвандаҳои шаҳрвандӣ амалӣ мекунад (м. 6), ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии арзкунандаро дар ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо, ки ба ваколати онҳо ҳалли масъалаҳои мувофиқ дохил мешавад, намояндаги мекунад ва дигар

хизматҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудааст анҷом медиҳанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ки унсурҳои муҳимми демократия ва давлати ҳуқуқбунёд мебошад ҷузъи таркибии онҳоро ҳифзи ҳуқуқ ва озодӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин ҳуқуқ ба ҳимоя ин ҳуқуқи мураккаби фардӣ мебошад, ки серпаҳлӯ ва фарохмазмун мебошад.

Аризаи даъвоги аз тарафи гуреза ё намояндаи ӯ, имзо шуданаш ҳатми мебошад. Аризаи даъвои гуреза дар ҳолатҳои аз тарафи қонун пешбинишуда бо боҷи давлатӣ пардохт шуда бошад. Ҳангоми риоя накардани гуреза ба тартиби мурочиат ба суд боиси оқибатҳои гуногун мегардад. Масъалан асоси рад кардан дар қабули аризаи даъвоӣ ё мавқуф гузоштани он мегардад. Вале дар ҳамаи ин ҳолатҳо гуреза, аз ҳуқуқи дуюмбора мурочиат кардан ба суд бо ҳамон талаботҳо маҳрум намешавад.

Ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони ҶТ бо тартиби маъмурӣ, ки ба амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо мусоидат мекункд, хусусиятҳои хоси худро дорад. Пеш аз ҳама мурочиати гурезаҳо, ки ҳуқуқи ӯ вайрон карда шудааст, ба мақомотҳои болоӣ бо тартиби тобеияти ба танзим дароварда мешавад. Мувофиқи м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» «шикоят ба мақомоти болоӣ шикояти судиро истисно намегардонад. Ин пеш аз ҳама бо додани шикоят ба амалҳои мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони манфидор, ки ҳуқуқ ва озодиҳои гурезаҳоро поймол мекунанд, алокаманд мебошад. Ба ин амалҳои нишондодашудаи мақомотҳо ҳам амалҳои коллегиалӣ, ҳам амалҳои шахсӣ тааллуқ доранд, ки дар натиҷаи онҳо: а) ҳуқуқ ва озодиҳои гурезаҳо вайрон карда мешавад; б) барои амалигардонӣ ҳуқуқ ва озодиҳои гурезаҳо монъеҳо ба вуҷуд меоранд; в) ба гурезаҳо ғайри қонунӣ ягон ӯҳдадорӣ вогузошта шудааст ё ӯ беасос ба ҷавобгари кашонида мешавад.

Бешубҳа аксарияти шикоятҳо нисбати амалҳои ғайриҳуқуқии судҳо дар муҳлати баррасии мурочиати мутааллиқ дониста шудаанд. Одатан амалҳои нодурусти мақомотҳои давлатӣ ё шахсони вазифадор дар қабули қароре, ки ҳукуқ ва озодиҳои шаҳрвандон аз ҷумла гурезаҳоро вайрон

мекунанд, ифода меёбад. Дар баъзан ҳолатҳо онҳо аз ваколатҳои мансаби худ баромада, ки дар натиҷаи он боз вайронкунии ҳуқук, ва озодиҳои шахс ба миён меояд. Вобаста ба ҳолати мазкур Қонунгузории ҶТ дар худ амалҳои ғайриҳуқуқии мақомти давлатӣ ё ғайридавлатӣ, инчунин шахси мансабдор ва хизматчии давлатиро иникор намуда баёни эътироз карданро пешбини намудааст. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» аз 14 декабри соли 1996 (бо таҳрири аз 29 декабри соли 2010) шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ метавонанд ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ба шахсони мансабдор, ки масъалаҳои дар муроҷиат овардашуда ба салоҳияти онҳо дохил мешавад, муроҷиат намоянд. Шикоят – ин муроҷиат бо талиби барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ки аз амал, беамалӣ бо қарорҳои мақомоти давлатӣ, инчунин шахсони мансабдор вайрон карда шудаанд [8]. Бинобар ин, дар чунин ҳолат доираи ҳукуқ ва озодиҳои инсонро маҳдуд кардан мумкин нест. Айнан ҳамин хел хулоса аз м. 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон бар меояд, ки мувофики он давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, чинс, забои, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, хуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Аммо хуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд метавонад аз тарафи қонун ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии чумҳури маҳдуд карда шавад. (қ. 3 м. 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ин гуна шикоятҳо аз тарафи суд бо иштироки гурезаҳое, ки онро пешниҳод кардаст, инчунин роҳбари мақомоти давлатӣ, ташкилоти ҷамъиятй ё шахси вазифадоре, ки амалҳои ӯ эътироз карда мешаванд, мавриди барраси қарор мегирад. Ҳозир нашудани шахсони номбурда барои дида баромадани шикоят монеъаи эҷод намекунанд. Агар шикоят асоснок ҳисобида шавад, суд қарор мебарорад, мувофиқи қарор мақомоти давлатӣ ӯҳдадор мешавад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи гурезаро

барқарор намояд. Ва баръакс, агар муайян карда шавад, ки амалҳои эътирозшаванда мувофиқи қонун содир шудааст ва дар таркиби амали иҷрошуда вайроншавии ҳуқуқ ва озодиҳои гуреза ҷой надорад, суд дар бораи рад кардани қонеъ намудани шикоят қарор мебарорад. Мувофиқи Конститутсияи ҶТ давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрднда кафолат медиҳад (м. 21). Товонн зарари моддӣ ва маънавии гуреза дар натиҷаи амали ё ҳаракати ғайриқонуним мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида бамиён меояд, аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад (м. 32).

Масъалан барои зараре, ки бо амалҳои нодурусти мақомотҳои таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд ба гурезаҳо расонида шудааст товони зарар ситонида мешавад. Вале барои исботнамои амалҳо як қатор талаботҳо зарур аст, аз ҷумла:

1. Зарар бояд натиҷаи амали ғайриқонунӣ бошад. (қарори ғайриқонунӣ д);

2. талаби иҷрокардани яго ҳаракате, ки амалҳои ғайриқонуни мебашанд, фақатҳое, ки дар қонун пешбини шуаданд, хусусан: а) маҳкумкуни ғайриқонунӣ; б) ҷалб кардани ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ; в) истифодаи ғайриқонунӣ ба сифати чораҳои пешгирӣ ба ҳабс ё забоихат гнрифтан: г) ғайриконуни татбиқи ҷазои маъмурӣ дар намуди ҳабс ё корҳои ислоҳртӣ. Ба андешаи мо, беҳтар мебуд, ки барои чунин амалҳои ғайриқонунии товони зарар бо ҳаҷми пурра аз ҳисоби мақомот не балки аз ҳисоби шахсони ваколатдоршуда дар ин инсамт бо тариқи судӣ ба манфияти гуреза ситонида шавад, чунин талабот одилона мебошад.

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем, шакли дигари ҳуқуқии ҳимояи гурезаҳо шаклҳои ғайриҳуқуқии ба ҳисоб меравад, ки тартиби амалишавии онро шарҳ хоҳем дод. Дар ингуна шакли ҳимояи ҳуқуқи вайроншуда гурезаҳо мустақилона, бемуроҷиат ба мақомотҳои давлатӣ ё дигар мақомотҳои ваколатдор, амал мекунад. Чунин ҳимоя бо ду восита амалӣ

карда мешавад, бо роҳи худмуҳофизаткунӣ ва истифодаи чораҳои таъсири оперативӣ.

Худмуҳофизаткунӣ гуфта амали мустақилонаи мақсадро меноманд, ки шахс борои барқарор шудани ҳуқуқҳо содир менамояд. Худмуҳофизаткунӣ аз тарафи гуреза мустақилона амалй карда мешавад ва ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ё моликиявӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо равона карда шудааст. Ба сифати чораҳои худмуҳофизаткунӣ аз тарафи гурезаҳо, ҳамон санадҳои қонунгузории пешбинишуда, ки ба ҳимояи ҳукуққои шаҳрвандон равона карда шудааст, инчунин санадҳои қонунгузории пешбининашуда, ки ба ҳаёт ва саломатии атрофиён хавф намеорад, баромад мекунад.

Ҳимоя бо роҳи чораҳои таъсири оперативӣ мутобиқи ҳуқуқи маданӣ, ки гурезаҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳо ба мақомотҳои давлатии ваколатдор, мурочиат накрда мустақилона амал мекунанд. Масалан, дар ҳолатҳои бо шартнома пешбинишуда гуреза метавонад аз шартнома даст кашад.

Ҳамин тариқ истифодаи бо маҳоратии гурезаҳо барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ба вуҷуд омада, инчунин огоҳ намудан дар оянда аз ин гуна вайронкуниҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон зарур дониста мешавадба. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар м. 12 Кодекси мадани Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки шахсони паноҳҷуянда ва гурезаҳо ҳуқуқи истифода бурдан доранд. Онҳо хусусияти умумӣ доранд, метавонем гӯем универсалӣ мебошанд. Дар баробари ин тарзҳои махсуси ҳимоя мавҷуд аст, ки дар он муносибатҳои шартномавӣ дар заминаи кодекси меҳнати амали мегардонад. Вобаста ба ин метаваонем м. 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муносибатҳои мехнатӣ алоқаманд мебошад қайд намоем. «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бемориӣ ҳуқуқ дорад» [60, с. 79-80]. Музди кор аз аҳдди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Муқаррароти меъёри конститутсиони заминаи бунёдии да муносибатҳои меҳнати дониста мешавад. Масалан дар м. 12 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 оврдашудааст, ки

хориҷиён ва шахсони бе шаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд ва гуреза ҳисобида шудаанд дар асос ва тартибе, ки барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, агар дигар ҳолатҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини нашуда бошад, метавонанд бо фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд. Дигар хел гӯем, ин шахсон метавонанд бо шартномаи меҳнатӣ дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо кор кунанд ё бо дигар намуди фаъолияти меҳнатӣ дар асос ва тартибе, ки барои шаҳрвандони маҳаллӣ муқаррар шудааст, машғул шаванд. Лекин ин маънои онро надорад, ки мақоми меҳнатии хориҷиён бо мақоми шаҳрвандони маҳалӣ баробар мебошад, барои он ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истисноро аз мақоми миллӣ, гумрук, андоз ва ғ. нисбати ин гурӯҳи хориҷиён пешбинӣ мекунад, ки мувофиқи он ба вазифаҳои алоҳида таъин шудан бо фаъолияти меҳнатии муайян машғул шуда, танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд. Ба андешаи мо, фарқият дар байни гурезаҳо ва шақрвандони хориҷӣ барои қабул кардан ба кор ба соҳибкор иҷозати махсус даркор нест. Дар чараёни амалигардонии фаъолияти меҳнатӣ агар дар байни гуреза ва соҳибкор баҳсҳо дар масъалаҳои истифодаи қонунгузорӣ дар бахши меҳнат, шароитҳои меҳнат, музди меҳнатӣ, нисбатан рӯзи кори ва вақти истироҳат, ба миён ояд қонунгузории меҳнат ҳалли тарафи ҳимояро бо тартиби судӣ муқаррар менамояд. Ногуфта намонад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикиетон гуногун буда, ки ба воситаи дигар соҳаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба талаботҳои меъёрҳои байналмиллалӣ доир ба ҳукуқҳои инсон мувофиқат мекунад кафолат дода мешавад.

Бо дарназардошти таҳлил ва омӯзиши санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки дар доираи ИДМ дар бахши ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла дар ҳали мушкилоти гурезаҳо қабулшудаанд, ба таваҷҷӯҳи шумо барои беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии гурезагон мерасонам:

1. Дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил таъсиси Шурои Осиёи Марказӣ оид ба гурезаҳо ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Ба мисли Шурои Аврупо оид ба ҳалли мушкилоти гурезаҳо, ки як созмони ғайриҳукуматӣ дониста мешавад, ки дигар созмонҳои ғайриҳукуматиро дар ин самт муттаҳид мекунад. Мақсад аз пешниҳод дар таъсисёбии Шурои Осиёи Марказӣ чунин аст: а) кори сохторҳои ғайриҳукуматиро дар ҳали масъалаҳои гурезаҳо ҳамоҳанг месозад; б) Масъулияти муштараки байни давлатҳоро дар ҳифзи ҳуқуқи гурезагон таъмин менамояб; в) ба воситаи барномаҳои мақсадноки қабулшудаи муштарак проблемаҳои бекории гурезагонро дар давлатҳое, ки ба буҳрони иқтисоди гирифторанд, қонеъ гардонанда; г) мусоидат дар тақсимнамои ё интиқол додани гурезаҳо дар байни дигар давлати аъзои ИДМ бинобар барзиёд воридшудани гурезагон.

Ба мақсад мувофиқи дониста хуб мешуд пешниҳод намуд, ки ба Шурои минтақавии Осиёи Маркази дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) «Оид ба масъалаҳои гурезаҳо», шуъбаи минтақавӣ таъсис дода шавад ба монанди Шуъбаи минтақавии мубориза бар зидди ҷионяткории муташаккил ва дигар ҷиноятҳо дар Осиёи Марказии ИДМ (РОГ ЦАР, БКБОП)

2. Тайи солҳои охир шумораи баҳсҳои ҳуқуқии мадани байни Комиссия ва шахсони паноҳҷӯяндаю зиёд гардидааст. Ҳамзамон, тамоюли аз ҷониби судҳо рад намудани қонеъ кардани бештари аризаҳои шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо ба назар мерасад. Дар амалия судҳо парвандаҳоро оид ба қарорҳои Комиссия дар бораи рад намудани гуреза донистан, аз даст додани мақоми гуреза ё маҳрум намудан аз мақоми гуреза баррасӣ карда, ҳангоми қабул ҳалнома на ҳама вақт дар сатҳи зарурӣ меъёрҳои ҳуқуқи моддиро бо дарназардошти ҳолатҳои барои кор аҳмиятдошта, ки дар доираи мурофиаи граждани муқаррар шудаанд, татбиқ менамояд.

3. Барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионии субъектон бояд ба низом даровarда шаванд. Муаллиф бо таваҷҷӯҳ ба ҷавобгарии ҳуқуқии мақоми гуреза ба ин назар аст, ки он бояд ҷавобгарии конститутсионӣ эътироф шавад. Бинобар ин, ҷавобгарии қатъи

ҳимояи гурезаҳо бояд ба зиммаи Суди конститутсионии ҶТ гузошта шавад, зеро паноҳҷуянда ва гурезагон падидаи мустақили ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Бо ҳамин васила, иҷрои дақиқтари назорати конститутсионӣ таъмин мегардад.

# ХУЛОСА

Омузиши адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имкон дод, ки масъалаи вазъи ҳуқуқӣ – конститутсиони гурезаҳоро пурра таҳлил ва таҳқиқ намоем ва дар натиҷа хулосаи судманди зеринро пешниҳод намоем:

1. Муаллиф қайд мекунад, ки омузиши таърихи ҳуқуқи инсон ҳаминро собит менамояд, ки яке аз масъалаҳои ҳасос ин муносибати мутақобилаи байни инсон ва давлат мебошад. Бинобар ин муносибати инсон ва давлат яке аз масъалаҳои марказии афкори сиёсию ҳуқуқӣ пазируфта шуда, новобаста аз шакли идоракуни, режими сиёсӣ ва ё дигар хусусиятҳои давлат бо инсон ва ҳуқуқҳои ӯ ҳамеша дар алоқаманди зич қарор дорад, чунки бе дарназардошти он таъмини тартиботи муътадили ҷомеа вайрон мегардад. Дар маҷмуъ, ҳама гуна сиёсатро зарур аст, ки дар ҳимоя ва кафолати ҳуқуқи инсон самарабахш бошад [2-М].

2. Марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд, заминаи бунёдии пайдоиши падидаҳои дигари ҳуқуқӣ мебошад. Дар низоми ҳуқуқӣ – падидаи гуреза дар марҳилаи гуногуни таърихи рушд намуда, то кунун ташаккул ёфтаистодааст. Ҳамзамон, давлатҳо дар талоши ҳалли ин мушкилоте, ки ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, якқатор санадҳои меъёри зарурӣ таҳия ва ба тасвиб расонидаанд, ки мақсадашон пеш аз ҳама таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Фаҳмиши ин падида дар воқеъ ин имконияти қонеъ кардани манфиатҳо ва эҳтиёҷоте мебошад, ки давлат метавонист ба шахсони алоҳида «гурезаҳо» пешниҳод намояд [1-М].

3. Пайдоиши мафҳуми гуреза падидаи нави ҳуқуқи набуда, давраҳои гуногуни таърихиро тай кардааст. Гарчӣ масоили гуреза дар ҷомеаи башар яке аз мавзуҳои дардноку рузмара ба шумор равад ҳам, вале ҷомеаи ҷаҳони пайваста дар ҳалли ин мушкилот санадҳои меъёри зарури қабул карда истодааст. Омили асосии чудонопазирии он аз ҷомеаи инсонӣ он аст, ки зарурияти ба дастовардани мақоми гуреза натоти поймолгардии ҳуқуқи инсон ва низоъҳои миллию байналхалқӣ мебошад. Масалан, баъди пош

хурдани ИҶШС дар қаламрави ҷумҳуриҳои собиқи иттифоқӣ ҳиҷрати оммавии аҳолӣ оғоз гардид, ки танҳо дар нимаи дуюми солҳои 90-ум беш аз 9 млн. шахс маҷбуран ҷойи истиқомати доимии хешро тарк кардаанд, ки омили асосии ҳиҷрати мардум, ин низоъҳои ҳарбӣ ба шумор меравад [4-М].

4. Конститутсияи замони истиқлолияти давлатӣ дар зери вазъи конститутсиони-ҳуқуқии гурезаҳо маҷмӯи ҳуқуқу озодӣ, уҳдадорӣ ва кафолатҳое муқаррар намудааст, ки дар санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳавӣ ва санадҳои эътирофнамудаи ҳуқуқии байналмилалӣ пешниҳод шудааст. Дар ин самт, маҳз арзиши олӣ эътироф гаштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ яке аз унсурҳои калидӣ ва муайянкунандаи асосҳои сохтори конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Конститутсия дар зинаи арзишҳо инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ авалиндараҷа баён намуда, ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ мешуморад. Дар ин самт, ҳуқуқи инсон на танҳо воситаи танзимкунанда, балки ҳамчун ченаки муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. Лозим ба таъкид аст, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси он гардид, ки ба нақши ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Бинобар ҳамин, масоили дастрасӣ ба паноҳгоҳ ба яке аз падидаи махсуси ҳуқуқи гурезаҳо мансуб дониста шуда, дар низоми ҳимояи арзишҳои универсалӣ, ки ҳар як инсон бояд аз он бархурдор бошад, мақоми намоёнро ишғол намудааст [13-М].

5. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «гуреза» ё «ҳуқуқи гурезаҳо» бевосита пешбини нашудааст. Аммо дар Тоҷикистон гурезаҳо аз ҳуқуқу озодиҳои дар конститутсия пешбинишуда истифода мебаранд. Амалишавии усули баробар ҳуқуқии гурезаҳо кафолати Конститутсиони онҳо дониста мешавад. Конститутсияи ҶТ ҳамаро дар назди қонун қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеъи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк баробар медонад ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад [13-М].

6. Конститутсия ҳамчун сарчашмаи асосӣ дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо баромад мекунад, муқарраароти сархати дуюми моддаи

16 Конститутсия мебошад. Тибқи талаботи қисми дуюм ва сеюми моддаи мазкур шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои муқарраршуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар намудааст. Аммо дар сархати сеюми моддаи 16 кафолати конститутсиони танҳо ба шаҳрвандони хориҷӣ дар додани паноҳго қайд шудааст. Пешниҳод мешавад, ки бо мақсади мутобиқ сохтан ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сархати сеюми м. 16 Конститутсияи ҶТ тағйирот дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштааст, метавонад паноҳгоҳ диҳад» [15-М].

7. Дар қонунгузории давлатҳои дунё масоили гурезаҳо ва паноҳандагӣ басо мубрам арзёби шудааст, ки ба омилҳои минтақавӣ, низоҳои дохилӣ таҳдиду таъқибот рабт дорад, ки айни замон фоҷеаи азими инсоният дониста мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин фоҷеа барканор набуда, дар ибтидои солҳои навадуми асри XX ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида, ки масъалаи танзими гурезагон ҳамчун гурӯҳи осебпазири ҷомеа ба вуҷуд омад. Қонунгузори ҶТ «Дар бораи гурезахо» (солҳои 1992, 1994 ва 2002) қабул карда шудааст. Ҳар яке аз онҳо ҷиҳати танзим намудани мақоми гурезаҳо дар марҳилаҳои гуногнуни таърихи хизмати босазо намудаанд, вале қонуни ҳоло амалкунанда аз 10 майи соли 2002 нақши муҳимтаре дорад. Ончунон аз таҳлилу барраси муқарраротӣ ин қонун бар меояд, санади мазкур муракаботи зиёде доад, ки татбиқи онро душвор мегардонад [17-М].

8. Баробари ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо тадриҷан қонунгузории соҳавии хешро дар ин бахши такмил дода, ба стандартҳои байналмилаи мутобиқ гардонид.

Омузиши падидаи мақоми гуреза ба мо имконият медиҳад, ки паҳлуҳои амалии ва назариявии ҳуқуқҳои мухталифи гурезаҳоро бо чунин тартиб таҳлилу тасниф намоем:

– мафҳуми асосии гуреза;

– вазъи ҳуқуқии гурезаҳо;

– принсипҳои кор бо шахсони паноҳҷӯянда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо;

– тартиби гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда;

– қатъ ё маҳрум намудан аз мақоми гуреза;

– кафолатҳои иқтисодӣ, иҷтимӣ ва фарҳангӣ.

Дар баробари санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар танзимнамоии мақоми гуреза, инчунин аз таҷрибаи судӣ истифода намудем [19-М].

9. Дар қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» тартиби гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда дар шакли умумӣ сабт шудааст. Роҷеъ ба ин муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати мукаммалгардонии қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» марҳилаҳои тартиби гуреза донистани шахс бо чунин мазмун пешбинӣ карда шавад:

– бақайдгирии дархост барои гирифтани мақоми гуреза;

– таъин кардани мусоҳиба ва омодаги ба он;

– гузаронидани мусоҳиба бо шахси паноҳҷӯянда;

– коркардаи маълумотҳо ва муқаррар кардани ҳолатҳо (фактҳо)

– қабули қарори дар хусуси гуреза донистани шахси паноҳҷӯянда [19-М].

10. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо аз маҷмуъи меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионии иборат буда, дар зери падидаи ҳуқуқии инсон инкишофёфта, мукамал мегардад. Имконияти амалисохтани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи мустақили Тоҷикистон ба шумор меравнд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ифодакунандаи муносибати давлат бо инсон мебошанд, ки ин муносибатҳо ба ду намуд ҷудо мешаванд: ва бавоситаи а) муносибатҳои амудӣ (вертикалӣ)-еро мемонанд, ки ба таври истисно танҳо миёни давлат ва шахс ба вуҷуд меоянд.б) муносибатҳои уфуқӣ (байни одамон, яъне горизонталӣ) натиҷаи дилхоҳ дода натавонист. Зеро муносибатҳои уфуқӣ байни одамон–иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ аллакай аз ҷониби

дигар соҳаҳои ҳуқуқ танзими худро ёфтааст. Дар инҷо муносибати мутақобилаи давлатро бо шахс «хориҷӣ» «шахсони бешаҳрванд» «гуреза» дар назар дорем [7-М].

11. Тибқи тартиби ҳуқуқи конститутсиони ду гурӯҳи асосии ҳуқуқҳои гурезаҳо мавҷуданд – ҳуқуқҳои моддӣ ва ҳуқуқҳои мурофиавӣ.

Ба доираи ҳуқуқҳои моддӣ дохил мешаванд: озодии сухан, озодии виҷдон, интихоби ҷойи зист, ҳуқуқ ба таҳсил ва ғ. Ба доираи ҳуқуқҳои мурофиавӣ бошанд, тартиби ҳимояи ҳуқуқҳо дар шакли маъмури ва ё суди сурат мегирад, ки давлат ба воситаи талаботи қонунгузори онҳо риоя, ва иҷро менамояд. Дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилали дар ин хусус барои якҷоя ё дар алоҳидаги амали сохтани ин гурӯҳо, шарти ҳуқуқи нагузоштааст. Дар шартномаҳои байналхалқӣ ва қонунгузории миллӣ таносуб байни мафҳумҳои «ҳуқуқи гурезаҳо» ва «уҳдадори гурезаҳо» пайваста истифода мешаванд. Воқеан, истилоҳи ҳуқуқ ва уҳдадории гурезаҳо, чун анъана дар радифи якдигар истифода бурда мешаванд ва якдигарро пурра месозанд. Ӯҳдадории ҳуқуқӣ – ин намуд ва чораи бо қонунпешбинишудаи рафтори ба ҷамъият зарурӣ ба шумор меравад. Уҳдадори ҳолати муқарарии ҳуқуқи гурезаҳо буда, аз унсурҳои зерин ибоат мебошад:

– иҷроиши ҳатми амали муайян ё худдорӣ намудан аз он;

– ба шахси ӯҳдадори ҳуқуқӣ ба талаботи қонунии ба ӯ равонашуда;

– ҷавобгарӣ барои иҷро накардани талаботи муқарраргардида;

– зарурияти нагирифтани пеши роҳи ашхоси ваколатдор зимни бархурдории онҳо аз манфиатҳое, ки ба он ҳуқуқ доранд [9-М].

12. Дар зери вазъи конститутсиони-ҳуқуқии гурезаҳо маҷмӯи ҳуқуқу озодӣ, уҳдадорӣ ва кафолатҳое мебошад, ки ба гурезаҳо тибқи Конститутсия, санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳавӣ ва санадҳои эътирофнамудаи ҳуқуқии байналмилалӣ пешниҳод шудааст.

Дар шароити имрӯ аксарияти кишварҳо аз ҷумла ҶТ меъёрҳои ҷавобгари барои риоя накардани қонунгузории дар бахши гурезаҳо вобаста ба хусусият ва дараҷаи хаф дар намуди татбиқи чораҳои маҷбурии

ҳуқуқи-мадани, интизоми, маъмури ва ҷинояти пешбини кардааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин муносибат ба ҳайси субъектони ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахсони воқеъи ва ҳуқуқи баромад мекунанд. Чунончӣ, барои саривақт ба қайн нагирифтан ё аз нав бақайд нагирифтани шаҳодатномаи шахси гуреза ё гум кардани он нисбати шахсони ҳуқуқи ва воқеъи ҷавобгарии маъмурӣ дар шакли ҷарима татбиқ хоҳад шуд. Муаллиф чунин мешуморад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбати субъектон бояд ба низом дароварда шаванд. Боназардошти ҳамин, ҷавобгарии қатъи ҳимояи гурезаҳо бояд ба зиммаи Суди конститутсионии ҶТ гузошта шавад, зеро паноҳҷуянда ва гурезагон падидаи мустақили ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Бо ҳамин васила, иҷрои дақиқтари назорати конститутсионӣ таъмин мегардад [6-М].

13. Муаллиф дар баробари омузиш ва тахлили мафҳуми «гуреза» ба мафҳум ва таснифи «муҳоҷират» ва «муҳоҷир» аҳаммият дода андешаи худро баён намудаас. Дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои «муҳоҷират» ва «муҳоҷир»-ро дар фаҳиши паҳновар ва дақиқ пешниҳод шудааст.

Ба мафҳуми «муҳоҷир» шахсе дохил мешавад, ки новобаста аз шакл, ангеза ва мӯҳлати ҳаракаташ аз қаламрави як давлат ба қаламрави давлати дигар мегузарад. Муҳоҷират ба маънои маҳдуд ва ба маънои васеъ. Муҳоҷират ба маънои маҳдуд як намуди мукаммали муҳоҷирати минтақавист, ки бо иваз кардани ҷойи истиқомати доимӣ, ба ибораи дигар кӯчдиҳӣ алоқаманд мебошад. Ҳамчунин, муҳоҷир дар маънои маҳдуд доири шахсоне мебошад, ки бо мақсади корҳои муздноки меҳнатӣ дар ҳолати муаян ҷалб мегарданд.

Ба маънои васеъ, ин ҳаракати шаҳрвандони хориҷ ё ашхоси бешаҳрванде, ки барои истиқомати муваққатӣ ё доимӣ дохили кишвари дигар гардидааст, фаҳмида мешавад.

Аз рӯйи моҳият муҳоҷират ихтиёрӣ ва иҷбори (маҷбурӣ) таснифбанди мешавад. Муҳоҷирати ихтиёрӣ ин интиқоли одамон аз сарҳади давлатҳо бо дархости худи онҳо, бидуни маҷбуркунӣ аст.

Муҳоҷирати иҷборӣ бо мақсади пешгирии муноқишаҳои мусаллаҳона, зуҳуроти зӯроварӣ, поймолкунии ҳуқуқи инсон, офатҳои табиӣ ё техногенӣ ба миён меояд фаҳмида мешавад. Ин истилоҳ нисбати гурезаҳо истифода мешавад. Бояд қайд кард, ки ҳангоми таснифоти муҳоҷират ҳеҷ як рӯйхати муаянкунанда вуҷуд надорад, ҳамаи онҳо шартӣ мебошанд, зеро дар асл байни намудҳои муҳоҷират сарҳади қатъӣ вуҷуд надорад [8-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи масъалаи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳои амалӣ бо мақсади рушди қонунгузории гурезаҳо дар кишвар пешниҳод мегардад:

1. Бо мақсади такмил додани қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» барои амали намудани механизми додани паноҳгоҳи сиёсӣ санади меъёри ҳуқуқи алоҳида, дар намуди Низомномаи тартиби додани паногоҳи сиёсӣ қабул карда шавад. Илова бар ин, дар қонунгузории ҶТ моҳияти ҳуқуқи конститутсионии паноҳгоҳ возеҳу равшан набуда, номукамал аст.

2. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таъмини ҳуқуқи пешниҳод менамоем, ки дар қисми 3.моддаи 16 Конститутсия ҶТ дар баробари шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд низ ҳамроҳ карда шавад [1-М].

3. Дар қ. 5 м. 15 ва сархати дуюми м. 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» гуфта мешавад, ки қарор дар бораи ба шахси гуреза донисташуда додани истиқоматгоҳ барои сукунати муваққатӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор мувофиқи тартибе, ки тибқи Низомномаи истиқомати гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, қабул карда мешавад, аммо то ҳол ягон санади дахлдор дар ин самт қабул нашудааст. Аз ин нуқтаи назар, ҷиҳати амали намудани ин меъёри қонуни мазкур беҳтар мебуд, ки Низомномаи будубоши гурезаҳо қабул карда шавад [3-М].

4. Пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, №325 «Дар бораи номгӯйи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷнкистон, ки дар он ҷойҳо муваққатан зист намудани паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест», танҳо нисбати шахсони паноҳҷӯянда татбиқ карда шавад [2-М].

5. Дар моддаи қ. 1 м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» вазъи ҳуқуқии шахсоне, ки мақоми гурезагиро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, муайян накардааст. Дар ин ҳолат қонунгузор вазъи ҳуқуқии онҳо номуайян мондааст. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки дар ин ҳолат ба шахсон ҳимояи муваққатӣ дода шавад ва ин ҳолат имконият медиҳад, ки дар м. 14 банди алоҳида дар муайян кардани вазъи ҳуқуқии ин категорияи шахсон ҳамчун ба нафарони ба ҳимояи муваққатӣ эҳтиёҷманд, муқаррар карда шавад [4-М].

6. Конвенсия оид ба мақоми гуреза аз 28 июли соли 1951 (м.м. 31-33) Маъни рондани гурезаҳо аз қаламрави давлат, таъмини озодии ҳаракати гурезаҳо аз сарҳади давлатӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати дарёфти ҳуқуқи даромадан ба кишвари дигарро ба мазмуни кафолати ҳуқуқии онҳо шомил месозад. Пешниҳод карда мешавад, ки чунин ваъз дар моддаи 14-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» ҷори карда шавад [5-М].

7. Бо мақсади омафаҳ будани мафҳуми гурезаҳо истилоҳи таъқиб ба таҳдид, ки дар м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», аз 10 майи соли 2002 қабул шудааст, тағир дода шавад. Чунки таърифи истилоҳи таъқиб на дар Конвенсияи соли 1951 оиди мақоми гуреза ва на дар шартномаҳои байналхалқи доир ба ҳуқуқи инсон ҷой надорад. Аммо дар Конвенсияи номбурда таърифи таҳдид бо аломатҳои зерин дода шудааст: таҳдид ба ҳаёт ва озодӣ аз рӯйи нишонаҳои нажодӣ, динию мазҳаб, шаҳрвандӣ, ақидаҳои сиёсӣ ё муносибат ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ. Ин таърифи додашуда нисбати гурезагон мувофиқ дониста мешавад. Бо дарназардошти он ки дар Конвенсияи соли 1951, фарқияти байни таъқиб ва табъизро нагузоштааст, ки мазмуни онҳо дар асл чунин аст:

– таъқиб, воситаи поймолкуни ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон мебошад;

– табъиз, дар шиддатёби поймолкунии ҳуқуқҳои инсон нақши ҳалкунандаро доранд [5-М].

8. Бо мақсади мукамал ва мувофиқ будани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» пешниҳод карда мешавад, ки дар бандҳои 1 ва 2-и м. 14 Қонуни мазкур дар доираи кафолатҳои ҳуқуқи гурезаҳо муҳолифат дида мешавад. Чунончӣ, дар банди 1-и м. 14-ум қайд шудааст: «Кафолат ба шахсоне, ки аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд дода мешавад», дар банди 2-юуи моддаи 14-ум омадааст, ки «банди 1-уми ҳамин модда ба ашхосе, ки ба амнияти давлат таҳдид мекунад паҳн намешавад». Ҳоло он ки тибқи моддаи 13-уми қонуни мазкур яке аз ҳолатҳои маҳрум шудан аз мақоми гуреза таҳдид ба амнияти миллӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи мардуми Тоҷикистон мебошад [6-М].

9. Тартиби гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда дар м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» дар шакли умумӣ сабт шудааст. Бо чунин назардошт пешниҳод менамоям, ки ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» марҳилаҳои тартиби гуреза донистани шахс бо чунин мазмун пешбинӣ карда шавад: 1. Бақайдгирии дархост барои гирифтани мақоми гуреза; 2. Таъин кардани мусоҳиба ва омодаги ба он; 3. Гузаронидани мусоҳиба бо шахси паноҳҷӯянда; 4. Коркарди маълумотҳо ва муқаррар кардани ҳолатҳо (фактҳо) ва 5. Қабули қарори дар хусуси гуреза донистани шахси паноҳҷӯянда [8-М].

10. Дар м. 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» чунин ҳуқуқи шахси паноҳҷӯянда, ки дархости ӯ дар хусуси гуреза донистан ба қайд гирифта шудааст, гирифтани «ҷубронпулӣ бо тартиб ва андозае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд» номуайян мебошад ва пайваста дар атрофи он баҳсу мунозираҳо баргузор мешавад [9-М].

11. Ба Суди Олли Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоям, ки таҷрибаи баррасии парвандаҳои гурезаҳоро бо мақсади татбиқи ягонаи қонунгузорӣ дар ин соҳа омухта ҷамбаст намоянд. Зеро тайи солҳои охир

шумораи баҳсҳои ҳуқуқии мадани байни Комиссия ва шахсони паноҳҷӯянда зиёд гардидааст. Ҳамзамон, тамоюли аз ҷониби судҳо рад намудани қонеъ кардани бештари аризаҳои шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо ба назар мерасад. Дар амалия судҳо парвандаҳоро оид ба қарорҳои Комиссия дар бораи рад намудани гуреза донистан, аз даст додани мақоми гуреза ё маҳрум намудан аз мақоми гуреза баррасӣ карда, ҳангоми қабул ҳалнома на ҳама вақт дар сатҳи зарурӣ меъёрҳои ҳуқуқи моддиро бо дарназардошти ҳолатҳои барои кор аҳмиятдошта, ки дар доираи мурофиаи маданӣ муқаррар шудаанд, татбиқ менамояд.

Вобаста ба ин, мувофиқ ба мақсад мебуд, ки ба барномаи таълимии судҳо омузиши принсипи маъни рондани шахсони паноҳҷу ва гурезаҳоро ворид намоянд [10-М].

12. Пешниҳод менамоям, ки дар Қойдаҳои додани иҷозат дар машғулшудан ба фаъолияти меҳнати ба муҳлати як сол, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доран иҷозат дода мешавад. Боназардошт ҳамин беҳтар мебуд, ки дар банди 3-юми қойдаҳои додани иҷозати кор ба гуреза ва аъзои оилаи онҳо ва шахсони паноҳҷӯянда мушахас пешбини мегардид.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137.

[2]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24-уми июни соли 2015, №109 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (сана муроҷиат: 10.07.2024).

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (сана муроҷиат: 08.08.2024).

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02 январи соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (сана муроҷиат: 08.08.2024).

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 декабри соли 1997, №498 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (сана муроҷиат: 08.09.2024).

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» аз 20 марти соли 2008, №372 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (сана муроҷиат: 10.07.2024).

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият» аз 26 июли соли 2014, №1097 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (сана муроҷиат: 10.10.2020).

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, №1339 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (сана муроҷиат: 10.07.2020).

[9]. Ҳуқуқи инсон: Маҷмӯи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд [Матн]. – Ҷилди 7-ум. – Душанбе, 2010. – 210 с.
[10]. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №975 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2023).
[11]. Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.07.2013 с., №975 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.06.2023).
[12]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, №802. Қисми 1 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2023).
[13]. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 январи соли 2008, №341 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – №1. – Қ. 1. – м. 6-7.)
[14]. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2023).
[15]. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №682 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2023).
[16]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 1999, №682 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2023).

[17]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои комиссияи муштараки доимоамалкунандаи назди мақомоти корҳои дохилӣ оид ба муайян намудани мақоми гуреза» аз 30 ноябри соли 2018, №568 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.07.2020).
[18]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои номгӯйи кишварҳое, ки муваққатан зиндагӣ кардан дар онҳо то омадан ба ҶТ асос барои рад намудани бақайдгирии илтимоснома доир ба гуреза эътироф намудани шахси хориҷӣ ва рад кардани эътирофи гурезагии ӯ ҳисоб меёбад» аз 26 июли соли 2000, №323 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.07.2020).
[19]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯйи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо мувақатан зистани шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гуреза мумкин нест» аз 26 июли 2000, №325 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.07.2020).
[20]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи шаҳодатномаи гуреза» аз 26 сентибри 2016, №389 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.07.2020).
[21]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040» аз 30 июни соли 2023, №309 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mehnat.tj (санаи муроҷиат: 10.07.2020).
[22]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қойдаҳои барасмиятдарорӣ, додани раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» аз 25 январи соли

2017, №31 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат:10.07.2020).

[23]. Фармоиши Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали тартиби додани шаҳодатномаи муввақатии шахсони паноҳҷӯянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 июли соли 2019, №446 б/з // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.07.2020).

[24]. Фармоиши Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Низомномаи Маркази ҷойгиркунонии муввақатии шахсони паноҳҷӯянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қойдаҳои будубош дар маркази ҷойгиркунонии муваққатии шахсони паноҳҷӯянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 07 ноябри соли 2014, №43 б/з // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.07.2020).

[25]. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми декабри соли 1997, №505 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23-24. – м. 339.

[26]. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2016. – №7. – м. 604.

[27]. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми марти соли 2017, №712 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2017. – №5. – қ. 1. – м. 270.

[28]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 05.09.2023).

[29]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10-уми майи соли 2002, №55 [Матн] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ

«Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.02.2025).
[30]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18-уми июни соли 2008, №411 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №6. – м. 469.
[31]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8-уми августи соли 2015, №1208 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2025).
[32]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №1124.
[33]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22-юми июли соли 2013, №1004 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.02.2025).
[34]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» аз 2 декабри соли 2008, №600 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.08.2023).
[35]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қойдаҳои барасмиятдарорӣ, додани раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» аз 25 январи соли 2017, №31 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-хуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2023).
[36]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1999, №218 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-хуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.10.2023).

[37]. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъминоти иҷтимоии шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо» аз 26.07.2014 с., №1124 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.10.2023).

[38]. Фармони Президенти ҶТ аз 5 июли соли 1992 «Дар бораи таъсиси Хадамоти давлатии муҳоҷират» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.migration.tj/ (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

[39]. Оиномаи Раёсати кор бо гурезагони СММ, ки мувофиқи резолютсияи 428 (v) Ассамблеяи Гененралии СММ аз 14 декабри соли 1950 қабул гардидааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // www.unhcr.org (санаи муроҷиат: 20.10.2024).

[40]. Право беженцев [Текст] / Сборник международных и национальных нормативных правовых актов по вопросам беженцев. – Т. 1. – Душанбе, 2007. – 235 с.

[41]. Конвенсия «Дар бораи мақоми гурезаҳо» аз 28 июли соли 1951, мутобиқи резолютсияи 429 (V) Ассамблеяи Генералӣ аз 14 декабри соли 1950 қабул гардидааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (сана муроҷиат: 12.06.2024).

[42]. Конвенсияи СММ «Оид ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо» аз 18-уми декабри соли 1990, ки бо резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ таҳти №45/158 қабул шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (сана муроҷиат: 12.06.2024).

[43]. Всеобщая декларация прав человека [Текст] (10 декабря 1948 г.) / Права человека: Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. – Т. 1. – Душанбе: Бюро по правам человека и соблюдения законности, 2009. – С. 8-14. – 204 с.

[44]. Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах от 16 декабря 1966 г. [Текст] / Права человека: Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. – Т. 1. – Душанбе: Бюро по правам человека и соблюдения законности, 2009. – С. 14-25. – 204 с.
[45]. Международный пакт о гражданских и политических правах от 16 декабря 1966 г. [Текст] / Права человека: Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. – Т. 1. – Душанбе: Бюро по правам человека и соблюдения законности, 2009. – С. 35-54. – 204 с.
[46]. Международная Конвенция о ликвидации всех форм расовой дискриминации от 7 марта 1966 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.pravo.gov.ru (дата обращения: 10.07.2020).
[47]. Международная конвенция о защите прав всех трудящихся-мигрантов и членов их семей от 18 декабря 1990 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.pravo.gov.ru (дата обращения: 10.07.2020).
[48]. Декларация о правах человека в отношении лиц, не являющихся гражданами страны, в которой они проживают от 13 декабря 1985 г. / Действующее международное право. – Т. 1. – М.: Московский независимый институт международного права, 1996. – С. 255-259.
[49]. Конвенция о статусе беженцев от 28.07.1951 года [Текст], статья 1А / Права человека и беженцев в Таджикистане (Сборник международных и национальных нормативно-правовых актов и документов / Под. ред. д.ю.н. Ш.М. Менглиев., к.ю.н. М.С. Хайдарова). – Душанбе: РИА «Статус», 2004. – 220 с.
[50]. Конституция Российской Советской Федеративной Социалистической Республики от 10 июня 1918 г. [Текст] / Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994 гг.) / сост. Ф.Т. Тахиров. – Дониш, 2014. – С. 22-40.
[51]. Указа Президента Российский Федерация от 21 июля 1997 г., №746 «Об утверждении Положения о порядке предоставления РФ политического

убежища» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: garant.ru (дата обращения: 10.07.2020).
[52]. Указа Президента Республики Белорусь от 29 ноября 1994 г., №229 «Об утверждении Положения о порядке предоставления РБ политического убежища» // Сборник указов Президента РБ. – 1994. – С. 140. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: elib.dsu.bu (дата обращения: 10.07.2020).
[53]. Указа Президента Республики Казахстан от 15 июля 1996 г., №3057 «Об утверждении Положения о порядке предоставления РК политического убежища» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https:// abilet.zakon.kz (дата обращения: 10.07.2020).
[54]. Дастур оид ба тартибот ва меъёрҳои муайян намудани мақоми гурезаҳо (мутобиқи Конвенсияи соли 1951 ва Протоколи соли 1967 марбут ба мақоми гуреза) [Матн]. – Женева, 1992. – 117 с.
[55]. Руководство по процедурам и критериям определения статуса беженцев [Текст]. – Женева: Издание УВКБ ООН, 1992. – 97 с.
[56]. Совместная позиция, определенная Европейским советом на основании договора о Европейском союзе, по согласованному применению термина «беженец в Женевской конвенции» от 28 июля 1951 г. относительно статуса беженцев. – 04.04.1996 г. – 180 с.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

[57]. Авакьян, С.А. Конституционное право России [Текст]: учебный курс. В 2 т. Т. 2. / С.А. Авакьян. – М., 2007. – 912 с.
[58]. Авакьян, С.А. Россия: гражданство, иностранцы, внешняя миграция [Текст] / С.А. Авакьян. – М., 2003. – 430 с.
[59]. Азиззода, У.А., Диноршоев, А.М., Павеленко, Е.М., Искандаров, Ш.Ф. Механизмы защиты прав человека [Текст]: учебное пособие / У.А. Азиззода, А.М. Диноршоев, Е.М. Павеленко, Ш.Ф. Искандаров. – Душанбе: ТНУ, 2018. – 322 с.

[60]. Ализода, З. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994. Шарҳи мухтасар. [Матн]: китоби дарсӣ / З. Ализода / Зери назари д.и.ҳ., проф. Насриддинзода Э.С. – Душанбе, 2024. – 400 с.
